بسم الله الرحمن الرحيم

# Ҳикояти офтоб

## Нигоҳе ба зиндагии Имом Ризо (а)

Сайидмуҳаммади Наҷафии Яздӣ

Сайидмуҳаммади Наҷафии Яздӣ, 1337 Najafi Yazdi, Sayyid Muhammad
حکایت آفتاب: نگاهی کوتاه به زندگی امام رضا علیه السلام، تاجیکی.
Ҳикояти офтоб: Нигоҳе ба зиндагии Имом Ризо.../Сайидмуҳаммади Наҷафии Яздӣ
Машҳад: Бунёди пажӯҳишҳои исломӣ, 2013=1392.
264 p.
ISBN: 978-964-971-636-7
Алӣ ибни Мӯсо(а), имоми ҳаштум, 153 ? - 202 қ .
Тоҷик, Амин, Мутарҷим.
Бунёди пажӯҳишҳои исломӣ.
BP 47/ ح 3 ن 80495294 1392 297/957
Китобхонаи миллии ҷумҳурии исломии Ирон 3157769

# Ҳикояти офтоб: Нигоҳе ба зиндагии Имом Ризо(а)

**Сайидмуҳаммади Наҷафии Яздӣ**

**Тарҷумаи Амини Тоҷик**

**Виросторши адабӣ ва татбиқии Ризо Нақдӣ**

Чопи аввал: 1392/2013, 1000 нусха, руқъӣ, қимат 65000 риёл.

Чоп ва саҳҳофӣ: Муассисаи чоп ва интишороти остони қудси разавӣ.

Бунёди пажӯҳишҳои исломӣ, Машҳад: сандуқи пустӣ 91735-366.

Марокизи тавзеъ:

Телефон ва дурнигори воҳиди фурӯши бунёди пажӯҳишҳои исломӣ: 2230803

Фурӯшгоҳҳои китоби бунёди пажӯҳишҳои исломӣ, Машҳад: 2233923, Қум: 7733029.

www.islamic-rf.ir info@islamic-rf.ir

**Ҳаққи чоп маҳфуз аст**

# Феҳрасти матолиб

Муқаддима .......... 5
Пешгуфтор .......... 10
Феҳрасти таърихчаи зиндагонии ҳазрати Ризо (а) .......... 12
Таърихи валодати ҳазрати Ризо (а) .......... 14
Модари бузургвори ҳазрати Ризо (а) .......... 15
Фарзандони имом Ризо (а) .......... 16
Валодати босаодати шамсушшумус Алӣ ибни Мӯсарризо (а) .......... 17
Имом Содиқ (а) дар орзӯи дидори имом Ризо (а) .......... 19
Чаро ҳазрати Ризо (а)-ро Ризо номиданд? .......... 20
Даврони кӯдакӣ ва ҷавонии ҳазрати Ризо (а) .......... 22
Марҷаъияти динии ҳазрати Ризо (а) дар ҷавонӣ .......... 25
Азамати волои ҳазрати Ризо (а) дар пешгоҳи илоҳӣ .......... 27
Фарзанди сарзамини ғурбат .......... 29
Сираи ибодии ҳазрати Ризо (а) .......... 30
Барномаи ибодии ҳазрати Ризо (а) дар сафари Хуросон .......... 32
Сираи иҷтимоӣ ва одоби муоширати ҳазрат бо мардум .......... 39
Азамати шахсияти ҳазрати Ризо (а) дар каломи бузургон .......... 52
Мақом ва шахсияти илмии ҳазрати Ризо (а) .......... 55
Намунаҳое аз посухҳои ҳакимонаи ҳазрати Ризо (а) .......... 61
Огоҳии ҳазрати Ризо (а) аз забонҳои гуногун .......... 66
Иқдомоти фарҳангии ҳазрати Ризо (а) .......... 84
Мушкилоти асосии ҳазрати Ризо (а) дар замони имомат .......... 128
Тавтеъаи терори ҳазрати Ризо (а) .......... 151
Хабари лавҳ ва номҳои аиммаи атҳор (а) .......... 153
Ҳиҷрати таърихии ҳазрати Ризо (а) .......... 156
Видоъ аз Мадина .......... 157
Масири ҳаракати ҳазрати Ризо (а) .......... 159
Ҳадиси силсилатуззаҳаб .......... 170

Шифо додани беморӣ дари работи Саъд........................................173
Ҷараёни вилоятаҳдӣ............................................................................182
Вафои ба шарт ......................................................................................187
Маъмуни аббосӣ ва аҳдофи шуми вай....................................188
Мушкилоти Маъмун .........................................................................190
Намози иди фитр................................................................................194
Достони Деъбил...................................................................................197
Ҳадяи ҳазрати Ризо (а) ба Деъбил .................................................200
Пироҳани шифобахш........................................................................203
Нокомӣ ва мушкилоти Маъмун ва сиёсати ҷадиди ӯ.............204
Гоми аввал ва куштани Фазл ибни Саҳл ....................................206
Қотили ҳазрати Ризо (а)....................................................................210
Террори номуваффақи ҳазрати Ризо (а).....................................213
Шаҳодати ҳазрати Ризо (а)...............................................................214
Муруре бар аҳамми (муҳимтарин) ҳаводиси даврони имомати ҳазрати Ризо (а)...........................................................................220
Фазилати фавқулоддаи зиёрати ҳазрати Ризо (а)....................233
Бархе аз калимот ва насоеҳи ҳакимонаи ҳазрати Ризо (а).....252

# Муқаддима

Аҳли байт (а) ганҷурони донишанд. Рӯдҳо ва ҷӯйборҳои дониш, ки мазраъи ҷони инсонро дар чаҳордаҳ қарни ахир сероб ва шодоб сохтааст, аз баландои қомати осмонии ин кӯҳи нур сарчашма мегирад. Имоми олимон ва орифон Алӣ (а) фармуд: «Селҳо ва чашмаҳо аз домони кӯҳсори вуҷудам ҷорӣ аст ва мурғон ба афкори баланди ман роҳ наметавонанд ёфт».[1] Ободонӣ ва шодобии диёри илм ва огоҳӣ аз дурахшиши фурӯзандаи дониши ин хонадон аст, ки паёмбари аъзам (с) фармуд: «Ман шаҳри илмам ва Алӣ дари он аст».

Дониши аҳли байт (а) аз ҷинси дарёфтанӣ аст, на омӯхтанӣ, илм ҳузурӣ аст на ҳусулӣ ва ин аз он ҷиҳат аст, ки онон ҳақиқати илмро бо ҷони осмонии хеш дарёфтаанд. Ҳазрати Алӣ (а) дар васфи орифон (ки худи он ҳазрат мавлои онон аст) фармуд: «**Ба онон илм бо ҳақиқати басират рӯй**

1. «Наҳҷулбалоға», хутбаи саввум.

овардааст».

Паёмбари аъзам (с) сарсилсилаи ин хонадони нур ва рушноӣ, ҳарчанд ки худ дарс нохонда ва мактаб нарафта буд, аммо паём ва рисолати ӯ тиловат ва хондан, омӯхтан ва фаро гирифтан ва илму огоҳӣ буд. Рисолати ӯ бо «Иқра» (бихон) оғоз шуд ва бо дониш ва биниш, ки ҷонҳои шефтаро саршор мекард, тадовум ёфт. «Ӯст он кас, ки дар миёни бесаводон фиристодае аз худашон барангехт, то оёти ӯро бар онон бихонад ва покашон гардонад ва китоб ва ҳикмат ба эшон биёмӯзад ва (онон) қатъан пеш аз он дар гумроҳии ошкоре буданд.»[1]

Ӯ бо рисолати хеш ҷонҳои мурдаро аз мурдоби рӯзмаррагӣ ва залолатҳо то боғистони биҳиштии ҳаёт ва зиндагӣ раҳнамун шуд ва инсони асир дар кажроҳаҳо ва партгоҳҳои табоҳиро ба шоҳроҳи ҳидоят ва сироти мустақим фаро хонд ва дар тани мурдаи одамият рӯҳе дубора дамид: «**Чун шуморо ба чизе фаро хонданд, ки ба шумо ҳаёт мебахшад**»[2] ва

1. Қурони маҷид, сураи «Ҷумъа», ояи 2.

2. Қурони маҷид, сураи «Анфол», ояи 24.

бори гарони ҷаҳл ва нодониро аз души онон фурӯ ниҳод: «**Борҳои сангин ва занҷираҳо (ҷаҳл, бехабарӣ ва бидъатро), ки бар дӯши ақл ва ҷони онон аст, бар медорад**»[1]

Ва хонадони он ҳазрат низ, ки аз чашмаи ҳаёти ӯ сероб буданд, ҳамонанди он бузург, хуршеди дониш ва огоҳиро дар гузаргоҳи асрҳо фаро роҳи ҷӯяндагони дониш ва басират тобон ва фурӯзон нигоҳ доштанд ва бо баҳрамандӣ аз анвори илоҳии ӯ, масири пӯяндагонро равшан ва ҷони ҷӯяндагонро тобнок ва саршор сохтанд.

Ва имрӯз дар асри ҷоҳилияти мудерн низ, ғубори роҳи инсони камолҷӯйиро фурӯ менишонад ва роҳи ӯро метавонад  равшан кунад, баҳрагирӣ ва бозгашт ба сарчашмаи ҳамон дониш ва басирате аст, ки паёмбари аъзам (с) ва хонадони пок ва мутаҳҳари ӯ (а) ба инсон ҳадя кардаанд ва шояд имрӯз беш аз ҳар рӯз ва рӯзгоре инсон ба он чи паёмбари раҳмат ва огоҳӣ барои башарият ба армуғон оварда ниёзманд ва муҳтоҷ бошад.

---

1. Қурони маҷид, сураи «Аъроф», ояи 157.

Бетардид ковиш дар сарчашмаҳои нури аҳли байт (а) ва бозхонии сира ва омӯзаҳои он бузургворон дар рӯзгори мо, монанди ҳамаи рӯзгорон, хидмате бузург ба инсоният аст, хидмате, ки фаротар аз он хидмате мутасаввир нест ва аз ин рӯй бар тамомии касоне, ки дили онон барои инсон метапад, фарз аст, ки бо жарфандешӣ ва жарфковӣ дар маорифи аҳли байт (а) гавҳарҳои ноб ва омӯзаҳои раҳоибахши ин ганҷинаи азим ва илоҳиро истихроҷ кунанд ва ба башари ташна ва ҷигарсӯхтаи асри ҳозир ироа намоянд.

Бар ҳасаби вазифа дар ҷавори боргоҳи олими оли Муҳаммад (с) барои тамомии раҳравони ин роҳ ва тамомии касоне, ки дар масири эҳёи амри аҳли байт (а) ва таълим ва таъаллум (илмомӯзӣ)-и маориф ва улуми ин хонадони мутаҳҳар талош ва кӯшиш мекунанд ба вижа, асотиди бузугвор ва гаронмояе, ки дар таълиф ва танзими ин маҷмуаи арзишманд нақш доштаанд талаби саломатӣ ва беҳрӯзӣ мекунем ва тавфиқи ононро аз даргоҳи ҳайи алим хосторем.

Аз зоирони азиз низ мехоҳем неъмати беназири зиёрати пораи тани расуллулоҳ(с)-ро бо баҳрагирӣ аз андеша, калом ва сираи он имоми ҳумом ба фурсате барои таъмини ниёзҳои маънавӣ ва фикрии худ табдил намоянд ва бо мутолиаи осори арзишманде монанди ин маҷмуа тӯшаҳои саодат ва камолро барои дунё ва охирати худ баргиранд ва хидматгузорони худ дар ин остони муқаддасро низ аз дуо фаромӯш накунанд.

**Муовинати таблиғот ва**
**иртибототи исломии Остони**
**Қудси Разавӣ**

# Пешгуфтор

Эрони исломӣ ба худ меболад, ки ифтихори мизбонии пораи тани расулуллоҳ (с) ва олими оли Муҳаммад (с) ва қиблаи ҳоҷот ва ҳаштумин имоми маъсумро дорад ва ҳамасола пазирои миллионҳо муштоқ ва зоири дилбохтаи он имоми рауф аст, ки аз саросари олами ислом ба побӯсии эшон меоянд.

Ва ба баракати ин имоми ҳумом, файзҳои илоҳӣ ба тамомии дӯстдорони аҳли байт ва ба вижа, пайравон ва шиъаёни он ҳазрат сарозер мегардад ва ин қитъа аз сарзамини Хуросон, порае аз биҳишт аст, ки бар олами малакут фахр дорад ва ҳамвора мавриди назари каррубиёни олами болост, ҳамон гуна, ки конуни ишқ ва таваҷҷуҳ ва ҳидояти аҳли замин аст ва малоикаи илоҳӣ дар он марқади шариф ҳамроҳи зоирони муштоқи ӯ гирдогирди вай дар рафтуомад ҳастанд. Ва чӣ осор ва баракоти азим ва шигифте, ки Худованд ба ҷиҳати ин имоми ҳумом ва зиёрати он ҳазрат насиби зоирон ва

дӯстдорони эшон мегардонад.

Зиёрати имом Ризо (а) ва ҳузури селосои муштоқон дар он боргоҳи малакутӣ, ҳамвора рӯҳи дин ва маънавиёт ва тазаккур ба охират ва таваҷҷуҳ ба Худованд ва фармонҳои ӯро дар дилҳо ва ҷомеаи исломӣ, тақвият мекунад ва мардуми муштоқ дар он фазои пок ва саршор аз нури имомат ва вилоят эҳсоси оромиш ва таҳорат ва сафо мекунанд, ҳоҷатҳои худро арза медоранд ва аз иноёти илоҳӣ ба воситаи он имоми ҳумом чӣ баҳраҳо, ки намебаранд.

Аз ин рӯ, шоиста аст, ҷиҳати баҳрамандии беҳтар ва бештар аз ин зиёрат таваҷҷуҳи муштоқонро ба мухтасаре аз зиндагонӣ ва сифоти арзандаи он имоми ҳумом ҷалб кунем, то бо маърифати бештар ба зиёрат бипардозанд ва аз ин роҳ беш аз пеш мавриди инояти илоҳӣ ва таваҷҷуҳи ҳазрати соминулҳуҷаҷ Алӣ ибни Мӯсарризо (бар ӯ ҳазорон таҳият ва сано бод) қарор гиранд.

## Феҳрасти таърихчаи зиндагонии ҳазрати Ризо (а)

Номи муборак: Алӣ.

Номи падар: имом Мӯсо ибни Ҷаъфар (а).

Номи модар: Ҷаноби Наҷма ё Туктам.

Кунияи ҳазрат: Абулҳасан.

Лақаби ҳазрат: Ризо.

Таърихи таваллуд: 11-уми Зиқаъдаи соли 148ҳ.қ.

Маҳалли таваллуд: Мадинаи мунаввара.

Фарзанд: ҳазрати Муҳаммадтақӣ (а), албатта дар мавриди ин ки оё фарзандони дигаре доштаанд, ихтилоф аст.

Ҳокимони замони ҳазрат: Мансури Давониқӣ, Маҳдии Аббосӣ, Ҳодии Аббосӣ, Ҳорунн

аррашид, Муҳаммадамин, Маъмуни Аббосӣ.

Таърихи вилоятаҳдӣ: Рамазони соли 201 ҳ.қ. ба иҷбори Маъмун.

Муддати умри ҳазрат бинобар ривояти машҳур: 55 сол.

Таърихи шаҳодат: Охири моҳи Сафари соли 203 ҳ.қ.

Қотили ҳазрат: Маъмуни аббосӣ ба василаи заҳр.

Марқади ҳазрат: Машҳади муқаддаси разавӣ, ки шӯҳрати ҷаҳонӣ дорад.[1]

1. Баргирифта аз «Биҳоруланвор», ҷ.49, саҳ.2. Албатта дар мавриди таърихи валодат ва шаҳодати ҳазрат қавлҳои дигари низ зикр шуда аст.

## Таърихи валодати ҳазрати Ризо (а)

Валодати он имоми ҳумомро машҳури муҳаддисон ва муаррихон дар 11-уми Зиқаъдаи соли 148 ҳ.қ. донистаанд[1] ва ин ҳамон соле аст, ки ҳазрати Содиқ (а) аз дунё реҳлат карданд, вале бархе таваллуди ҳазрати Ризо (а)-ро панҷ сол баъд аз реҳлати ҳазрати Содиқ (а) нигоштаанд.[2]

1. «Эъломулвуро», саҳ.302, «Биҳор», ҷ.3, саҳ.49.
2. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.1, саҳ.18, «Мураввиҷуззаҳаб», ҷ.3, саҳ.441, «Исботул васия», саҳ.182.

## Модари бузургвори ҳазрати Ризо (а)

Модари бузургвори эшон бонуе мукаррама ба номи Начма ё Туктам аст. Вай пас аз валодати ҳазрати Ризо (а) Тоҳира, покиза ном гирифт.[1] Вай бонуе афиф[2] (покдоман) ва хирадманд ва аз ашрофи Ачам будааст.[3]

Дар ривоят аст, ки чаноби Туктам модари ҳазрати Ризо (а) фармуд: Маро бо дояе кумак диҳед (то дар шир додани ҳазрати Ризо (а) кумакам кунад). Пурсиданд: Оё шир кам аст? Гуфт: На, вале ман азкор (зикрҳо) ва намозҳое дорам, ки пас аз таваллуди эшон аз он коста шудааст.[4]

---

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ч.1, саҳ.15.
2. «Уюну ахборур Ризо (а)», ч.1, саҳ.17.
3. «Эҳқоқул ҳақ», ч.12, саҳ.343 аз «Янобеъул мавадда».
4. «Биҳоруланвор», ч.49, саҳ.5.

# Фарзандони имом Ризо (а)

Дар миёни муаррихон ва муҳаддисон дар мавриди теъдоди фарзандони ҳазрати Ризо (а) ихтилоф аст. Бисёре ҳазрати Ҷавод (а)-ро танҳо фарзанди ҳазрати Ризо (а) медонанд, ҳамонанди шайхи Муфид (қаддаса сирраҳу) [1] ва Ибни Шаҳрошуб[2], вале бархе фарзандони дигаре барои ҳазрат шумурдаанд, аз ҷумла духтаре ба номи Фотима[3], вале бархе ривоёт, якфарзандии ҳазратро таъйид мекунад. Марде ба номи Ҳаннон ибн Садир гӯяд: Ба ҳазрати Ризо (а) арз кардам: Оё мешавад имом бидуни фарзанд ва ҷонишин бошад? Фармуд: На ва бидон, ки маро ҷуз як фарзанд нахоҳад буд, вале Худованд ба ӯ фарзандони фаровоне ато мекунад.[4]

1. «Алиршод», ҷ.2, саҳ.263.
2. «Маноқиб», ҷ.4, саҳ.367.
3. «Мунтаҳиюл омол», ҷ.2, саҳ.253.
4. «Биҳоруланвор», ҷ.49, саҳ.221.

# Валодати босаодати шамсушшумус Алӣ ибни Мӯсарризо (а)

Модари бузургвори он ҳазрат ҷаноби Наҷма гӯяд: Ман ҳангоми бордорӣ ба писарам Алӣ, эҳсоси сангинӣ намекардам, ба ҳангоми хоб аз даруни худ садои зикри Худованд мешунидам, ба гунае, ки ҳароснок мешудам, чун ӯро ба дунё овардам дасту поро бар замин ниҳод, сар бар осмон баланд кард ва монанди касе, ки сухане гӯяд, лабҳояш ҳаракат мекард.

Ҳазрати Мӯсо ибни Ҷаъфар (а) чун фарзанди хешро дид, фармуд: «Эй Наҷма, бузургдошти Худованд гиромият бод». Сипас навзодро дар порчае сафед пӯшонда ба ҳазрат доданд, ҳазраташ дар гӯши рости фарзанди хеш азон ва гӯши чапи вай иқома гуфт ва оби Фурот талабид ва бо он аз ӯ ком бардошт ва ба модараш фармуд: «Бигир ӯро, ки боқимондаи илоҳӣ дар замини Худованд аст».[1]

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.2, саҳ.250.

Ҳазрати Козим (а) баъд аз таваллуди имом Ризо (а) ба модари ҳазрати Ризо (а) лақаби Тоҳира, яъне покиза дод.[1]

---

1. «Биҳоруланвор», ҷ.49, саҳ.7.

# Имом Содиқ (а) дар орзӯи дидори имом Ризо (а)

Ҳазрати Мӯсо ибни Ҷаъфар ба фарзандони хеш фармуд: «Ин бародари шумо Алӣ ибни Мӯсо, олими оли Муҳаммад (с) аст, дар мавриди дини худ аз ӯ бипурсед ва он чӣ мегӯяд ҳифз кунед». Ман аз падарам Ҷаъфар ибни Муҳаммад борҳо шунидам, ки ба ман мегуфт: «Олими оли Муҳаммад (с) дар насли туст, эй кош ман ӯро медидам, ҳамноми амирулмӯъминин Алӣ (а) аст.[1]

Дар ривоёти мутааддиде аз паёмбари акрам (с) ва амирулмӯъминин ва ҳазрати Содиқ (а) ба вуҷуди он имоми ҳумом ва ҳамчунин ба шаҳодати мазлумонаи эшон ва марқади шарифи он ҳазрат дар Хуросон ва савоби фавқулоддаи зиёрати эшон ишора шудааст, ки дар фасли шаҳодати ҳазрат зикр хоҳад шуд.

---

1. «Биҳор», ҷ.49, саҳ.100 аз «Эъломулвуро».

## Чаро ҳазрати Ризо (а)-ро Ризо номиданд?

Бизантӣ, ки аз бузургони асҳоби имом Ризо (а) ва имом Ҷавод (а) аст, гӯяд: Ба Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Алӣ имом Ҷавод (а) арз кардам: Гурӯҳе аз мухолифони шумо мепиндоранд, ки Маъмун ба падари Шумо лақаби Ризо (а)-ро додааст, чун эшонро барои вилоятаҳдии хеш писандида аст. Ҳазрати Ҷавод (а) фармуд: Ба Худо қасам дурӯғ мегӯянд ва гуноҳ мекунанд, балки Худованди таборак ва таъоло ӯро Ризо номид, зеро вай писандидаи Худованди азза ва ҷалла дар осмон ва писандидаи расули ӯ ва аиммаи баъд аз ӯ (а) дар замин буд.

Пурсидам: Магар тамомии падарони гузаштаи шумо чунин буданд? Фармуд: Оре. Гуфтам: Пас чаро падари Шумо дар миёни эшон Ризо номида шуд? Фармуд: Чун мухолифони ӯ низ ба ӯ ризоят доданд ҳамонанди дӯстони ӯ ва ин амр барои ҳеҷ як аз падаронаш рух надод ба ин ҷиҳат он ҳазрат дар

миёни эшон Ризо номида шуд.[1]

Ва муаййиди ҳамин масъала аст он, ки Сулаймон ибни Ҳафс гӯяд: Мӯсо ибни Ҷаъфар (а) фарзандаш Алиро Ризо номид ва чун мехост аз ҳазрат ёд кунад, мефармуд: Фарзандамро Ризо садо бизанед, ба фарзандам Ризо гуфтам, фарзандам Ризо ба ман чунин гуфт ва ...[2]

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.1, саҳ.13 ва «Илалушшароеъ», ҷ.1, саҳ.237.
2. «Илалушшароеъ», ҷ.1, саҳ.226.

## Даврони кӯдакӣ ва ҷавонии ҳазрати Ризо (а)

Таърих дар мавриди зиндагонии аимма (имомон) (а) дар кӯдакӣ ва ҷавонӣ то ҳадди бисёре сукут кардааст, зеро ки таърихнависон ба ҳодисаҳои пуровоза ё афроде, ки мавриди таваҷҷуҳи умум бошанд, алоқаманд ҳастанд, на афроди беиддао ва ба дур аз ҷанҷолу сару садо ба вижа, дар мавриди аҳли байт (а), ки бинои ҳукумат бар маҳҷур (дур) кардани онон буда ва донишмандони он замон низ ба ҷиҳати мухолифати мазҳабӣ саъй дар камранг кардани нақши онҳо доштаанд. Ин амр сабаб шудааст, ки наслҳои оянда аз иттилооти марбут ба зиндагонии аҳли байт (а) қабл аз имомат ва чӣ басо баъд аз имомат то ҳадди зиёде маҳрум бимонанд.

Он чӣ дар таърих омадааст, он аст, ки ҳазрати Ризо (а) дар кӯдакӣ ба шиддат мавриди таваҷҷуҳи падари гиромии хеш буд. Яке аз ёрони Мӯсо ибни Ҷаъфар (а) ба номи Муфаззал гӯяд: назди ҳазрат рафтам, дидам фарзандаш Алӣ дар домани ӯст,

ҳазрат ӯро мебӯсид ва забони вайро мемакид, ӯро бар дӯши худ мениҳод ва ба худ мечасбонид ва мефармуд: Падарам ба фидоят! Чӣ хӯшбӯйӣ, чи хулқи ту покиза ва фазли ту ошкор аст.

Арз кардам: Фидоят шавам, дар дилам нисбат ба ин кӯдак  чунон муҳаббате афтод, ки барои ҳеҷ кас ҷуз Шумо наяфтодааст.

Ҳазрат фармуд: Эй Муфаззал, ӯ нисбат ба ман, мисли ман аст нисбат ба падарам, фарзандоне, ки бархе аз бархе ҳастанд ва Худованд шунаво ва доност.

Арз кардам: Оё ӯ соҳиби ин амр баъд аз Шумост? Фармуд: Оре, ҳар ки аз ӯ итоат кунад ба ҳақ расидааст ва ҳар ки аз ӯ нофармонӣ кунад, кофир шавад.[1]

Ва гоҳе мефармуд: Алӣ бузургтарин фарзандам аз ҳама бештар нисбат ба сухани ман шунаво ва фармонбардор аст. Ӯ бо ман ба «Ҷафр» ва «Ҷомеа» (Ду китоби муҳим аз манобеи улуми аҳли байт (а)

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.1, саҳ.26.

аст) нигоҳ мекунад ва дар он ҷуз паёмбар ва васии ӯ наменигарад.[1]

1. «Басоируддараҷот», ҷузи 3, боби 14, ҷ.24, саҳ.20.

# Марҷаъияти динии ҳазрати Ризо (а) дар ҷавонӣ

Ҳазрати Ризо (а) дар ҷавонӣ чунон аз фазилат ва builtin доalso буд, ки марҷаъи мардум буд ва ҳазрати Козим (а) мардумро ба эшон ирҷоъ медод ва мефармуд: Навиштаи писарам навиштаи ман аст, суханаш сухани ман ва фиристодаи ӯ фиристодаи ман аст, ҳар чи бигӯяд ҳамон ҳақ аст.[1]

Рӯзе шахсе ба ҳазрати Козим (а) арз кард: Саволе дорам. Ҳазрат фармуд: Аз имоми худ бипурс. Манзури Шумо кист? Ман ба ҷуз Шумо имоме намешиносам! Ҳазрат фармуд: Ӯ писарам Алӣ аст, ман кунияи худам «Абулҳасан»-ро ба ӯ бахшидаам.[2]

Ибни Ҳаҷар аз уламои омма гӯяд: Ҳазрати Ризо (а) дар ҳоле, ки бисту чанд сол бештар надошт дар

1. «Усули кофӣ», 1/312, «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.1, саҳ.31, «Алиршод», ҷ.2, саҳ.252.
2. «Алғайба» -и Шайхи Тусӣ, саҳ.29, ниг ба «Биҳор» , ҷ.49, саҳ.25.

масҷиди расулуллоҳ (с) фатво медод.[1]

Заҳабӣ, яке дигар аз уламои омма гӯяд: Ҳазрати Ризо (а) дар айёми Молик ибни Анас, яке аз фуқаҳои чаҳоргонаи аҳли суннат, дар ҳоле, ки ҷавон буд, фатво медод.[2]

---

1. «Таҳзибут таҳзиб», ҷ.7, саҳ.339. 7/339.
2. «Сайру эъломин нубало», ҷ.9, саҳ.388.

# Азамати волои ҳазрати Ризо (а) дар пешгоҳи илоҳӣ

Ҳазрати Ҷавод (а) мефармояд: Яке аз асҳоби ҳазрати Ризо (а) бемор шуд (ва дар ҳоли ҷон кандан буд). Ҳазрат (а) ба аёдати эшон омад ва аз эшон пурсид: Чӣ гунаӣ? Гуфт: Ҳолам ба шиддат вахим аст, маргро мебинам. Ҳазрат фармуд: Маргро чӣ гуна ёфтӣ? Гуфт: Бисёр сахт ва дарднок. Эшон идома доданд: Ин дар оғоз аст ва бархе аз ҳолоти хешро ба ту нишон додааст. Мардум ду гурӯҳанд: Гурӯҳе бо марг роҳат мешаванд ва гурӯҳе мардум аз дасти онҳо роҳат мешаванд. Имон ба Худо ва вилоятро таҷдид кун (иқрор ба шаҳодатайн ва вилоят кун) то роҳат шавӣ.

Он мард ин корро анҷом дод, сипас гуфт: Эй писари расули Худо (с) инак фариштаҳои парвардигорам бо дурудҳо ва тӯҳфаҳо бар Шумо салом мекунанд ва муқобили Шумо истодаанд, иҷоза бидиҳед биншинанд.

Ҳазрат фармуданд: Эй малоикаи парвардигор биншинед. Сипас ҳазрат ба он мариз фармуд: Аз малоика бипурс оё онҳо дастур доранд, ки дар ҳузури ман биистанд?

Мариз пурсид. Онҳо гуфтанд: Агар ҳамаи фариштаҳои Худованд дар ҳузури Шумо бошанд, ба эҳтироми Шумо хоҳанд истод ва то Шумо иҷоза надиҳед нахоҳанд нишаст. Худованд ба онҳо инчунин дастур додааст.

Сипас он мариз дар ҳоле, ки чашмҳояш баста буд, гуфт: Салом бар ту эй сафири илоҳӣ, ин шумое, ки муқобили ман мутамассил ҳастӣ бо ҳазрати расул (с) ва дигар имомон ва инчунин ҷон дод.[1]

1. «Биҳор», ҷ.49, саҳ.72 аз «Даъавот»-и Равандӣ.

## Фарзанди сарзамини ғурбат

Шайхи Садуқ (р) ривоят кунад, ки марде аз солеҳон паёмбар (с)- ро дар хоб дид ва арз кард: Ё расулаллоҳ! Кадом як аз фарзандони Шуморо зиёрат кунам? Ҳазрат фармуд: Бархе аз фарзандонам назди ман меоянд дар ҳоле, ки масмуманд ва бархе дар ҳоле, ки кушта шудаанд. Арз кардам: Бо ин ҳамаи парокандагии маконҳои эшон, ман кадом якро зиёрат кунам?

Ҳазрат фармуд: Он ки ба ту наздиктар аст ва дар сарзамини ғурбат мадфун аст. Арз кардам, Ризоро мегӯед? Паёмбар (с) фармуд: бигӯ саллаллоҳу алайҳи, бигу саллаллоҳу алайҳи, бигу саллаллоҳу алайҳи.[1]

1. «Биҳор», ҷ.49, саҳ.329, аз «Уюну ахборур Ризо (а)».

## Сираи ибодии ҳазрати Ризо (а)

Иноят ба ибодат ва вақт ниҳодан барои ибодатҳо ва зикрҳо ва дуоҳои хос дар шабонарӯз, яке аз барномаҳои аҳли байт (а) будааст, ки ҳаргиз бо вуҷуди мурочиоти мардум, тадрис (дарсдиҳӣ) ва иштиғолот ва гирифториҳои гуногун аз он ғофил набудаанд ва ин дарси бузургест барои пайравони эшон.

Инак ба порае аз сираи ибодии ҳазрати Ризо (а) мепардозем:

1. Баъд аз намози субҳ ба саҷда мерафт ва то тулӯъи офтоб дар саҷда буд.

2. Гоҳе, ки фурсат ва фароғате буд дар шабонарӯз ҳазор ракаъат намоз мехонд.

3. Баъд аз намоз ҳамвора саҷдаи шукр ба ҷо меовард.

4. Чунон бо Қуръон маънус (унс гирифта) буд, ки ҳамаи сухан ва посух ва мисолҳои ӯ Қуръонӣ буд.

5. Дар ҳар се рӯз як хатми Қуръон мекард ва мефармуд: Агар бихоҳам дар камтар аз ин хатм мекунам, вале ба ҳар ояе мерасам тааммул мекунам, ки дар куҷо ва чӣ замоне нозил шудааст.
6. Хобаш дар шаб андак буд ва бештари шабҳоро зиндадорӣ мекард.
7. Бисёр рӯза мегирифт ва рӯзаи се рӯз дар ҳар моҳ аз ӯ фавт намешуд.
8. Дар дуоҳои хеш аввал салавот мефиристод ва зикри салавотро дар намоз ва ғайри намоз бисёр мегуфт.
9. Шаб дар бистар зиёд Қуръон мехонд ва чун ба ояе марбут ба биҳишт ва ҷаҳаннам мерасид, бисёр мегирист.
10. Ҳамаи авқот ба зикри Худо машғул буд ва беш аз ҳама аз Худованд воҳима дошт.[1]

1. «Биҳор» ҷ.49, саҳ.90 то 94 гузидашуда аз аҳодиси гуногун.

# Барномаи ибодии ҳазрати Ризо (а) дар сафари Хуросон

Раҷоъ ибни Абизаҳҳок[1] аз коргузорони давлати аббосиён буд ва дар замони Маъмун раёсати девони олии молиётиро бар ӯҳда дошт. Ӯ ки маъмурият дошт ҳазрати Ризо (а)-ро аз Мадина ба Марв назди Маъмун бибарад ва муроқиби ҳазрат бошад ва эшонро аз масири Басра ва Аҳвоз ва Форс ҳаракат диҳад, на аз масири Қум, мегӯяд: Ман аз Мадина то Марв бо ҳазрат будам, ба Худо савганд мардеро ҳамонанди ӯ дар тақво ва зиёдии ёди Худо ва шиддати тарс аз Худованд дар ҳеҷ замоне надидам. Одати эшон чунин буд, ки баъд аз намози субҳ дар маҳалли намоз менишаст ва ба зикри субҳоналлоҳ ва алҳамдулиллоҳ ва аллоҳу акбар ва ло илоҳа иллаллоҳ ва салавот бар паёмбар ва оли ӯ машғул мешуд то тулӯъи офтоб, он гоҳ ба саҷда мерафт ва

1. Вай аз коргузорони давлати Аббосиён ва дар замони Маъмун раёсати девони олии молиётиро бар ӯҳда дошт. (Луғатномаи «Деҳхудо», ҷ.23, саҳ.286).

он қадар ба дарозо мекашид, то рӯз баланд мешуд. Сипас сар бармедошт ва бо мардум сухан мегуфт ва онҳоро мавъиза мекард ва наздики зуҳр дубора вузӯ мегирифт ва ба маҳалли намози худ бармегашт ва баъд аз хондани ҳашт ракаъат нофилаи пешин бо кайфияти хосе, ки дар нақл омадааст азон ва иқома мегуфт ва намози пешинро ба ҷо меовард. Баъд аз намоз то муддате тасбеҳ ва ҳамд ва такбир ва ло илоҳа иллаллоҳ мегуфт, сипас саҷдаи шукр ба ҷой меовард ва дар он сад бор мегуфт: «Шукран лиллоҳ», он гоҳ ҳашт ракаъат нофилаи асрро бо кайфияти хосе мехонд ва сипас, ба намози аср машғул мешуд ва баъд аз намоз ҳам то муддате тасбеҳ ва ҳамду такбир ва ло илоҳа иллаллоҳ мегуфт, сипас ба саҷда мерафт ва сад мартаба мегуфт: «Ҳамдан лиллоҳ». Пас аз ғуруби офтоб низ вузӯ мегирифт ва азону иқома мегуфт ва намози мағрибро мехонд ва баъд аз намоз то муддате тасбеҳ ва ҳамд ва такбир ва ло илоҳа иллаллоҳ мегуфт. Сипас саҷдаи шукр мекард ва он гоҳ бидуни он, ки бо касе сухан гӯяд чаҳор ракаъат нофилаи мағрибро

бо ду салом ва бо қунут ба ҷо меовард.

Пас аз он муддате таъқиботи намоз (дуоҳои баъд аз намоз) мехонд ва он гоҳ ифтор мекард ва чун ҳудудан як саввум (аз се як ҳисса) аз шаб мегузашт, бармехост ва намози ишоъро (хуфтан) мехонд ва сипас дар маҳалли намоз менишаст ва зикри Худо мегуфт ва зикри «Ҳамд ва ло илоҳа иллаллоҳ» мегуфт ва баъд аз хондани таъқибот ва саҷдаи шукр ба бистар мерафт.

Ва чун як саввуми охири шаб мерасид бо тасбеҳ ва ҳамд ва такбир ва ло илоҳа иллаллоҳ ва истиғфор аз бистар бармехост ва мисвок мезад, вузӯ мегирифт ва ёздаҳ ракаъат намози шаб ба ҷо меовард, бо кайфияти хосе, ки дар нақл омадааст ва баъд аз намоз барои таъқибот (дуоҳои баъд аз намоз) менишаст ва наздики тулӯъи фаҷр ду ракаъат нофилаи фаҷр мехонд ва чун тулӯъи фаҷр мешуд, азон ва иқома мегуфт ва ду ракаъат намози субҳро ба ҷо меовард. Баъд аз салом низ то тулӯъи офтоб таъқибот (дуоҳои баъд аз намоз) мехонд, он гоҳ ду саҷдаи шукр ба ҷо меовард то рӯз боло ояд…

Дар ҳар шаҳре, ки даҳ рӯз қасди мондан мекард, рӯзҳо рӯза мегирифт ва чун шаб мешуд, қабл аз ифтор намоз мехонд ва агар қасди мондан надошт, намозҳои воҷибро ду ракаъат мехонд, магар намози мағриб (намози шом) эшон нофилаи мағриб ва намози шаб ва ду ракаъат фаҷрро на дар сафар ва на дар ҳазар тарк намекард, вале нофилаҳои рӯз, зуҳр ва асрро дар сафар тарк мекард ва баъд аз ҳар намозе, ки шикаста мехонд, сӣ бор тасбеҳоти арбаъа (чаҳоргона) мегуфт ва мефармуд: Ин барои комил шудани намоз аст…

Дар сафар ҳеҷ вақт рӯза намегирифт ва дар дуо ҳамвора ибтидо салавот бар паёмбар ва оли ӯ мефиристод ва ин салавотро дар намоз ва пас аз намоз бисёр такрор мекард.

Шабҳо, ки дар бистар буд, бисёр Қуръон тиловат мекард ва ҳар гоҳ ба ояе ёди биҳишт ё оташ дар он буд мерасид мегирист ва аз Худованд дархости биҳишт мекард ва аз оташи ӯ паноҳ мебурд.

Ҳазрат дар ҳамаи намозҳо бисмиллоҳро баланд

мегуфт…

Дар ҳар шаҳре, ки ворид мешуд, мардум назди эшон меомаданд ва аз маъолими (илмҳои) дини худ мепурсиданд ва ҳазрат ба эшон посух медод ва аҳодиси бисёреро ба воситаи падаронаш аз имом Алӣ (а) ва аз расулуллоҳ (с) ривоят мекард.

Вақте ҳазратро назди Маъмун бурдам ва ӯ аз ман гузориши сафарро хост ва ман ҳолоти ҳазратро барои ӯ бозгӯ кардам, гуфт: Оре, эй писари Абизаҳҳок Алӣ ибни Мӯсо беҳтарини аҳли замин ва донотарин ва обидтарини эшон аст. Он чиро дидаӣ ба касе магӯ чун мехоҳам фазли он ҷаноб аз забони ман гуфта шавад (албатта сарпӯше аст, барои пӯшонидани фазоили ҳазрат) ва аз Худованд кумак меҷӯям дар нияте, ки дорам ба ин ки арзиши ӯро баланд гардонам.[1]

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.2, саб 178.

## Намози аввали вақти ҳазрати Ризо (а)

Ҳазрати Ризо (а) ба намози аввали вақт бисёр аҳамият медод, чаро ки намози аввали вақт рамзи ҳушёрӣ ва диндорӣ ва таваҷҷуҳи фарди мусалмон ба Худованд ва маънавиёт аст ва касоне, ки муқайяд ба намози аввали вақт бошанд, маъмулан аз назари динӣ ва маънавӣ дар рутбаи волое қарор мегиранд.

Дар ҷаласае Имрони Соибӣ донишманди маъруфи он замон бо ҳазрати Ризо (а) ба гуфтугӯ мепардохт ва баҳс ба ҷои ҳассос расида буд, ки ногоҳ ҳазрати Ризо (а) аз ҷой бархост ва ба Маъмун, ки нозир ба ҷаласа буд, фармуд: вақти намоз аст, Имрон гуфт: Қалбам нарм ва омода шудааст (барои пазириши ислом) посухи маро қатъ макун. Ҳазрат фармуд: Намоз мехонам ва бармегардам.[1]

Дар ҳадиси дигаре Иброҳим ибни Мӯсо мегӯяд: Аз ҳазрати Ризо (а) дархосте кардам, ки ба ман

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.1, саҳ.139.

ваъдаи иҷобат дод, то он рӯзе, ки ҳазрат барои дидори бархе алавиён хориҷ шуд. Дар миёни роҳ вақти намоз шуд, ҳазрат аз маркаб фуруд омад, касе ҷуз ман ва эшон набуд. Ба ман фармуд: Азон бигӯ. Арз кардам: Сабр кунед то асҳоб биёянд. Фармуд: Худо туро машмули мағфират қарор диҳад, намозро беҷиҳат аз аввали вақт ба охири вақт ба таъхир наяндоз, ҳамеша аввали вақт намоз бихон. Ман азон гуфтам ва намоз хондам. Баъд аз намоз арз кардам: Эй писари паёмбар! Муддате аст аз ваъдаи Шумо мегузарад ва ман ниёзмандам, Шумо низ гирифторед ва ҳамеша ба Шумо дастрасӣ надорам дар ин ҳангом ҳазрати Ризо (а) дасти муборак бар замин зад ва шимши (хишти) тиллоиро даровард ва фармуд: Инро бигир, Худованд ба ту баракат диҳад, истифода кун ва он чи дидӣ махфӣ дор.

Он мард гӯяд: Он мол чунон баракат дошт, ки бо он ҳафтод ҳазор динор харид кардам ва аз бениёзтарин афрод дар Хуросон шудам.[1]

---

1. «Биҳор», ҷ.49, саҳ.49 ва «Усули кофӣ», ҷ.2, саҳ.406 бо миқдоре тафовут ва ихтисор.

## Сираи иҷтимоӣ ва одоби муоширати ҳазрат бо мардум

1. Вақте назди мардум меомад, худро барои эшон мураттаб мекард.
2. Ҳаргиз бо забон касеро наёзурд.
3. Ҳаргиз сухани касеро қатъ намекард.
4. Ҳаргиз ҳоҷати онро, ки метавонист, рад накард.
5. Дар муқобили ҳамнишини худ пойро дароз намекард ва муқобили вай такя намезад.
6. Дида нашуд, ки қаҳқаҳа бизанад, балки хандаи ҳазрат табассум буд.
7. Ба муаттар (хушбӯ) кардани хеш ба ҳангоми ҳузур дар ҷамъи мардум алоқа дошт.
8. Бисёр ба дигарон хидмат мекард ва садақа медод ва ин корро бештар дар шабҳои торик анҷом медод.

9. Бисёр мутавозеъ буд. Овардаанд, ки рӯзе дар ҳаммом марде, ки имомро намешинохт ба эшон гуфт: Маро киса бикаш, ҳазрат шурӯъ кард ба киса кашидани ӯ. Вақте мардум ҳазратро ба ӯ муаррифӣ карданд, бисёр узр хост, вале ҳазрат зимни дилдорӣ ба ӯ ба киса кашидан идома дод.

10. Ба меҳмон бисёр эҳтиром мегузошт. Рӯзе меҳмоне назди ҳазрат омад ва то шаб назди ҳазрат монд. Дар ин ҳангом чароғи манзил дигаргун шуд. Он мард хост чароғро дуруст кунад, вале ҳазрат монеъ шуд ва худ онро ислоҳ намуд ва фармуд: Мо меҳмони худро ба кор намегирем.[1]

1. «Биҳор», ҷ.49, саҳ.90 то 104 баргузида аз ривоёти гуногун.

## Ҷуд ва саховати ҳазрати Ризо (а)

Имом (а) дар саховат ва иноят ба фақирон ягонаи даврон буд. Як сол дар рӯзи арафа тамоми амволи хешро бахшид, Фазл ибни Саҳл гуфт: Ин зиён ва хасорат аст, ҳазрат фармуд: Ҳаргиз чизеро, ки бо он подош ва бузургворӣ ба даст овардаӣ, зиён ҳисоб накун.[1]

Рӯзе марде ба ҳазрат гуфт: Ба миқдори муруввати худ ба ман ато кун, ҳазрат фармуд: Наметавонам. Гуфт: ба миқдори муруввати ман ба ман ато кун, ҳазрат фармуд: Инро метавонам, сипас дастур дод дусад динор ба ӯ бидиҳанд.[2]

1. «Биҳор» , ҷ.49, саҳ.100.
2. Ҳамон.

## Иноят ва таваҷҷуҳи вижаи ҳазрати Ризо (а) ба ниёзмандон

Яке аз умуре, ки дар дини ислом бисёр ба он таъкид шудааст, масъалаи таваҷҷуҳ ва кумак ба ниёзмандон ва баровардани ҳоҷатҳои эшон аст, ба вижа вақте дархост мекунанд. Оёти Қуръон ва дастуроти маъсумон (а) саршор аз таъкид бар ин нукта ва баёни фазилат ва одоби хидмат ба ниёзмандон аст.

Муруре кӯтоҳ бар сираи ҳазрати имом Ризо (а) инсонро бо ин ҳақиқат ошно мекунад, ки ҳазрат иноятти вижае ба хидмат ва кумак ба ниёзмандон доштааст.

Муъаммар ибни Халлод гӯяд: Ҳазрати Ризо (а) чун машғули ғизо хӯрдан мешуд, зарфе канори суфра мениҳод ва аз беҳтарин ғизои ҳозир ҷудо

мекард ва дастур медод ба фуқаро диҳанд… [1]

Бизантӣ, ки аз асҳоби хоси ҳазрати Ризо (а) аст, мегӯяд: Ҳазрати Ҷаъфар (а) дар номае ба имом Ҷавод (а) (ки дар Мадина буданд) фармуд, эй Абоҷаъфар ба ман хабар расидааст, ки хидматкорон туро аз дари кӯчак берун мебаранд (то мардум аз ту тақозо накунанд) ин ба ҷиҳати бухли онҳост, ки мехоҳанд аз ту хайре ба касе нарасад. Аз ту мехоҳам, ки ба ҳаққи ман бар ту, ки вуруд ва хуруҷи ту ҷуз аз дари бузург (аслӣ) набошад. Вақте берун меравӣ тилло, нуқра, динор ва дираҳм, ки пули ройиҷи он замон будааст, бо худ бардор ва ба ҳар ки дархост кунад, ато кун. Ба ҳар як аз амакҳои худ, ки мутақозии эҳсон буд, камтар аз панҷоҳ динор мадеҳ ва бештараш ба ихтиёри туст ва ба ҳар як аз аммаҳоят, ки мутақозии эҳсон буд камтар аз бисту панҷ динор мадеҳ ва бештараш ба ихтиёри туст. Ман мехоҳам бо ин кор, Худованд туро баланд гардонад, инфоқ кун ва аз соҳиби арш, Худованд

1. «Биҳор», ҷ.49, саҳ.97, аз Маҳосини барқӣ.

воҳимаи тангӣ мадор.[1]

1. «Васоилушшиъа», ҷ.9, саҳ.463, боби 43, Китобуззакот, ҷ.1.

## Ҳифзи обрӯ ва ҳайсияти ниёзмандон

Ҳазрати Ризо (а) дар маҷлис ҳозир буд ва иддаи зиёде назди эшон буданд ва аз аҳкоми шаръӣ мепурсиданд, ногоҳ марде баландқад ва гундумгун ворид шуд. Салом кард ва гуфт: Эй писари паёмбар (с) ман аз дӯстони Шумо ва падарон ва аҷдодони Шумо ҳастам (аз Хуросон) ба ҳаҷ омадам, озуқаам тамом ва дармонда шудам, агар салоҳ медонӣ, маро равонаи шаҳрам намо. Вақте ба ватанам расидам он чи Шумо додаӣ аз ҷониби Шумо садақа медиҳам, зеро ман мустаҳаққи садақа нестам. Ҳазрат фармуд: Биншин, раҳмати Худо бар ту, сипас ба кори мардум пардохт то он, ки маҷлис хилват шуд ва се нафар боқӣ монданд. Ҳазрат аз онҳо иҷоза гирифт ва ба андарунӣ рафт ва пас аз муддате омад ва бидун он, ки худро нишон диҳад, дасти муборакро аз болои дар хориҷ кард ва фармуд: Он марди хуросонӣ куҷост? Арз кард: Инҷо ҳастам. Фармуд: Ин дусад динорро бигир ва барои махориҷ (харҷҳо)

ва тӯшаи худ истифода кун ва мувозиб бош ва аз ҷониби ман низ лозим нест садақа бидиҳӣ, бирав то туро набинам ва маро набинӣ! Ва он мард рафт.

Сипас ҳазрат берун омад, яке аз ҳозирон гуфт: Фидоят шавам, Шумо, ки зиёд ато ва лутф намудӣ, чаро сурати худро аз ӯ пинҳон кардӣ? Фармуд: То мабодо зиллати савол (пул пурсидан)-ро дар сураташ бубинам! Магар нашунидаӣ ҳадиси расулуллоҳ (с)-ро, ки фармуд: Он, ки кори некро махфиёна анҷом диҳад, монанди ҳафтод ҳаҷ аст! Ва он ки гуноҳро ошкор анҷом диҳад раҳо шудааст ва он ки гуноҳро махфӣ анҷом диҳад омурзидааст.

Сипас ҳазрат шеъре ба ин мазмун хонд: Ҳар гоҳ, ки ҳоҷате назди ӯ бибарам, бо обрӯям аз назди ӯ боз мегардам.[1]

1. «Маноқиб»-и ибни Шаҳоршуб, ҷ.4, саҳ.360 ва «Биҳор» ҷ.49, саҳ.101.

# Сираи ҳазрати Ризо (а) бо зердастон

Аз мазоҳири ахлоқи зебо ва муҳаббатомези ҳазрати Ризо (а) таваҷҷуҳи эшон ба хидматкорон ва бардагон аст, ки зимни нишон додани тавозӯи фавқулоддаи хешон, ки равиши аҳли байт (а) аст, аз рӯҳия ва отифаи волои ҳазрат нисбат ба зердастон ва заъифон ҳикоят мекунад.

Ҳазрат ба ибодат ва маънавияти хидматкорони худ таваҷҷуҳ дошт. Ба гунае, ки касеро гумошта буд, то онҳоро барои намози шаб бедор кунад.[1]

Нисбат ба озодии бардагон иноят дошт ба гунае, ки навиштаанд: Ҳазрат ҳазор барда озод кардааст.[2]

Яке аз аҳолии Балх мегӯяд: Бо ҳазрати Ризо (а) дар сафари Хуросон ҳамроҳ будам, рӯзе суфрае андохт ва тамомии хидматкоронро бо ҳар мартабае, ки буданд сари суфра ҷамъ кард. Арз кардам: Фидоят гардам, эй кош барои инҳо суфрае ҷудо

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.2, саҳ.178.
2. «Эъломулҳидоя», саҳ.31.

меандохтӣ? Ҳазрат фармуд: Бас кун, ҳамоно парвардигори мо яке ва модари мо яке ва падарамон яке аст ва подош ба аъмол аст.

Аз ҷумлаи сифоти арзандаи ҳазрат ин буд, ки муроoти оромиши зердастонро дар вақти ғизо мекард. Ду нафар аз хидматкорони ҳазрат ба номҳои Ёсир ва Нодир гӯянд: Ҳазрати Ризо (а) ба мо фармуд, агар машғули ғизо хурдан будед ва ман болои сари шумо омадам, баланд нашавед ва ғизоятонро тамом кунед.

Гоҳе ҳазрат яке аз моро садо мезад ва мегуфтанд машғули ғизо хӯрдан аст, мефармуд: Бигузоред то ғизояш тамом шавад[1]. Ва гоҳе чунон ба хидматкорони худ таваҷҷуҳ зоҳир мекард, ки бо дасти хеш барои онҳо луқма мегирифт. Нодири ходим гӯяд: Ҳазрати Ризо (а) худаш ҷавзина (гӯё чизе кулчамонанд, ки бо шакар ва хурмо дуруст мекарданд) рӯи ҳам мениҳод ва ба ман медод.[2]

1. «Биҳор» ҷ.49, саҳ.102.
2. Ҳамон, саҳ.100.

## Лутф ва инояти имом Ризо (а) нисбат ба шиъаён

Имом дар назари шиъа ҳамчун падари меҳрубоне аст, ки пайваста дар пайи ислоҳ ва хайрхоҳии фарзандони хеш аст, ҳамчунон ки ҳазрати Ризо (а) фармуд: Имом ҳамдаме меҳрубон ва падару бародаре дилсӯз ва модари хайрхоҳ ба фарзанди кӯчаки хеш аст[1]. Ва ин гуна аст, ки мо ҳазрати Ризо (а)-ро имоме рауф медонем, зеро пайваста алтофи ҳазрат шомили ҳоли шиъаён мебошад.

Абдуллоҳ ибни Аббон, ки мавриди таваҷҷуҳи ҳазрати Ризо (а) буд, гӯяд: Ба ҳазрат арз кардам: Барои ман ва хонаводаам дуо кунед. Ҳазрат фармуд: Магар дуо намекунем! Ба Худо савганд, ки аъмоли шумо ҳар рӯзу шаб бар ман арза ва гузориш мешавад. Абдуллоҳ гӯяд: Ман ин матлабро бузург шумурдам, тааҷҷуб кардам, ҳазрат фармуд: Оё

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.1, саҳ.212.

китоби Худованди азза ва ҷалларо нахондаед: Талош кунед, ки Худо ва расули ӯ ва мӯъминон кирдори шуморо хоҳанд дид. Сипас ҳазрат фармуд: Ба Худованд савганд, ки он мӯъмин Алӣ ибни Абитолиб (ва фарзандони маъсум) аст.[1]

Шахсе бо номи Мӯсо ибни Сайёр гӯяд: Бо ҳазрати Ризо (а) будам (дар сафар ба Хуросон) наздики шаҳри Тус чун деворҳои шаҳр намоён шуд, садои навҳа ва азо шунидам, ба дунболи садо рафтам, дидам ҷанозае аст. Дар ин ҳангом ҳазрати Ризо (а) аз асб фуруд омад ва ба тарафи ҷаноза рафт ва ба он хӯ гирифт ва маънус шуд, он гоҳ рӯ ба ман кард ва фармуд: Эй Мӯсо ибни Сайёр ҳар як ҷанозаи яке аз авлиёи моро ташйеъ кунад, аз гуноҳон берун меравад, он гуна, ки аз модар бидуни гуноҳ мутаваллид шудааст ва чун ҷанозаи он мардро канори қабр ниҳоданд, ҳазрати Ризо (а) наздик омад ва мардумро канор зад ва дасти муборакро бар синаи он мард ниҳод ва фармуд: Эй фалонӣ мужда бод туро ба биҳишт, баъд аз ин тарсе дигар бар ту

1. «Усули кофӣ», китобулҳиҷҷа, ҷ.1, саҳ.319.

нест. Арз кардам: Фидоят шавам, оё ин мардро мешиносед? Шумо, ки то имрӯз ба ин сарзамин наёмадаед?

Фармуд: Эй Мӯсо ибни Сайёр, оё намедонӣ, ки аъмоли шиъаёни мо дар субҳу шом бар мо аимма арза мешавад, ҳар кӯтоҳӣ, ки дар аъмоли онҳо бошад, аз Худованди мутаол мехоҳем, ки аз соҳибаш даргузарад ва ҳар чӣ аз корҳои олӣ бошад аз Худованд барои соҳибаш шукрона дархост мекунем.[1]

1. «Маноқиби Оли Абитолиб», ҷ.4, саҳ.341, ниг: «Биҳоруланвор» ҷ.49, саҳ.98.

# Азамати шахсияти ҳазрати Ризо (а) дар каломи бузургон

Агарчӣ мақоми имомати ҳазрати Ризо (а) барои огоҳӣ ёфтан аз азамати волои он имом кофӣ аст, аммо баёни порае аз калимоти бузургон дар ин мавзӯъ таъсири босазое дар азҳони умумӣ дорад.

Маъмуни аббосӣ, ки худ аз назари илму дониш ҷойгоҳи босазое доштааст, бо он ки аз душманони ҳазрат ба ҳисоб меояд, дар мавриди ҳазрат гӯяд: Ман касеро бартар аз ин мард, яъне ҳазрати Ризо (а) бар рӯи замин намешиносам.[1]

Ҷамолуддин Аҳмад ибни Алии Нассоба маъруф ба ибни Анба гӯяд: Имом Ризо (а), ки кунияаш Абулҳасан аст, байни фарзандони Абутолиб дар замони худаш монанд надошт.[2] Ва Заҳабӣ, ки инҳирофи ӯ аз аҳли байт (а) маъруф аст, дар мавриди ҳазрати Ризо (а) гӯяд: Ӯ сарвари Бани

---

1. «Алиршод», ҷ.2, саҳ.261.
2. «Умдатуттолиб», саҳ.198, ниг: «Эъломулҳидоя», саҳ.21.

Ҳошим дар замони хеш ва бурдбортарин ва оқилтарини онҳо буд...[1]

Абосалти Ҳиравӣ, ки худ аз аъломи замони хеш аст, гӯяд: Надидам касеро, ки аз Алӣ ибни Мӯсарризо (а) донотар бошад, ҳеҷ донишманде ҳазратро надид магар он ки ҳамин шаҳодати манро гувоҳӣ дод...[2]

Абунувос аз шуъарои номдори асри ҳазрати Ризо (а) аст. Рӯзе яке аз ёронаш ба ӯ эътироз кард, ки чаро дар мавриди шахсияте монанди имом Алӣ ибни Мӯсарризо (а) бо он ки он ҳазратро мешиносӣ, то кунун чизе насурудаӣ? Абунувос гуфт: Ба Худо савганд, ки бузургии ӯ монеъи ин кор шуд. Касе чун ман тавони мадҳи ҳамчун ӯро надорад.

Сипас ашъоре ба ин мазмун суруд:

Хулосаи сухани ӯ ин аст, ки ба ман мегӯянд, ту ки суханвари беҳамтое ҳастӣ, чи гуна мадҳи ҳазрати Ризо (а)–ро бо вуҷуди сифоти волои ӯ канор гузоштаӣ? Ман гуфтам, наметавонам мадҳи имомеро

1. «Эъломулҳидоя», саҳ.21.
2. «Эъломулвуро», ҷ.2, саҳ.64, ниг: «Эъломулҳидоя», саҳ.20.

бигӯям, ки Ҷабраил хидматгузори падари ӯ будааст.[1]

Рӯзе ҳазрати Ризо (а) дар ҳоле, ки бар астар (хачир)-и чолоке савор буд, берун омад, Абунувос наздик шуд ва салом карду гуфт: Эй писари паёмбар, дар мавриди Шумо ашъоре гуфтаам, дӯст дорам бишнавӣ. Ҳазрат фармуд: Бигӯ. Абунувос се байт аз ашъори хешро хонда аз ҷумла:

Ҳар ки дар насаб алавӣ набошад, аз гузашта ифтихоре надорад…

Имом (а) ашъори вайро писандид ва ба ӯ фармуд: Ашъоре барои мо овардаӣ, ки қабл аз ту касе наёвардааст…

Сипас ҳазрат ба ғуломаш фармуд: Чӣ қадар аз махориҷи мо зиёд мондааст? Арз кард: Сесад динор (ҳар динор як мисқоли тилло). Ҳазрат фармуд: Ба Абунувос бидеҳ. Вақте ҳазрат ба хона баргашт ба ғуломаш фармуд: Шояд он маблағро андак бишморад, ин астарро низ барои ӯ бибар.[2]

1. «Кашфулғамма», ҷ.3, саҳ.158.
2. «Эъломулҳидоя», саҳ.22.

## Мақом ва шахсияти илмии ҳазрати Ризо (а)

Ҳар шиъаи огоҳе медонад, ки улуми аҳли байт (а) аз илми бепоёни илоҳӣ сарчашма мегирад ва Худованди мутаол ба эшон чунон донише додааст, ки ба ҳеҷ фарде ба ҷуз паёмбари акрам (с) нadодааст.

Аиммаи атҳор (имомони пок) тамомии улуми паёмбарони мурсал ва малоикаи муқаррабро доро ҳастанд.[1] Ахбори осмонҳо ва замин назди онҳост[2] ва ба таври куллӣ эшон хазонадорони улуми илоҳӣ ҳастанд ва ҳеҷ чизе нест, ки мавриди ниёзи мардум бошад ва аз онҳо пинҳон бимонад[3]. Вале шароити хоси ҳар имом ва дастуруламале, ки аз ҷониби Худованд барои онҳо ба иқтизои фурсатҳои ҳар замон содир шуда буд, сабаб мешуд, ки бархе аз эшон маҷоли баёни дин ва изҳори улуми густардаи хешро бештар дошта бошанд. Ҳамонанди ҳазрати

1. «Тавҳиди Садуқ», ниг: «Биҳор», ҷ.26, саҳ.159.
2. «Басоируддараҷот», ниг: Биҳор», ҷ.26, саҳ.110.
3. Ҳамон, саҳ.138.

амир, имом Боқир, имом Содиқ ва аз ҷумла ҳазрати Ризо (а), ки се ҷараёни муҳим сабаб шуд, селоби дониш аз ҳазрати Ризо (а) ба сӯи ҷомеаи исломӣ сарозер шавад.

Аввал: Фитнаи воқифия ва шубаҳоте, ки инон дар имомати ҳазрати Ризо (а) матраҳ карданд ва эшон бо посухҳои амиқи хеш мардумро ҳидоят менамуд.

Дуввум: Ҳалокати Баромака дар соли чаҳоруми имомати ҳазрат, ки сабаб шуд, яке аз муҳимтарин душманони аҳли байт (а) дар дастгоҳи Ҳорун ба дасти Ҳорун аз миён биравад, ба таври нисбӣ фурсат хубе ҷиҳати нашри осори аҳли байт (а) фароҳам шавад.

Саввум: Масъалаи вилоятаҳдии Имом Ризо (а), ки нигоҳҳро мутаваҷҷеҳи эшон кард ва Маъмуни аббосӣ бо ташкили маҳофили илмӣ ва маҷолиси баҳс ва мунозира саъй дар он дошт, ки то ҳазратро дар муқобили бузургони адён ва уламои мазоҳиб оҷиз нишон диҳад. Аммо аз он ҷо, ки Худованди мутаол кайд ва макри ҳилагаронро мудирият

мекунад ва ба худашон бармегардонад, ҳамин ҷаласот ва маҳофили мунозира сабаби муаррифии илмӣ ва азамати ҳазрати Ризо (а) шуд, ба гунае, ки донишмандони бузург ба дониши густардаи вай эътироф карданд.

Шахсияти ҳазрати Ризо (а) аз назари илмӣ ба гунае аст, ки ҳазрати Содиқ (а), ки худ раиси мазҳаби ҷаъфарӣ аст, дар мавриди имом Ризо (а) борҳо мефармуд: Олими оли Муҳаммад (с) дар насли туст, эй кош ӯро дарк мекардам.[1]

Муҳаммад ибни Исои Яқтинӣ гӯяд: Аз посуххое, ки ҳазрати Ризо (а) ба саволҳои мардум дода буд, понздаҳ ҳазор масъала ҷамъоварӣ кардам.[2]

Абосалти Ҳиравӣ, ки худ аз бузургони замони хеш аст, гӯяд: Ман касеро донотар аз Алӣ ибни Мӯсарризо (а) надидам, ҳеҷ донишманде низ ҳазратро надид, магар ин ки монанди ман гувоҳӣ дод. Маъмун дар маҷолиси мутааддид теъдоди зиёде аз донишмандони адёни гуногун ва фуқаҳои

1. «Эъломулвуро», саҳ.315.
2. «Алғайба»-и шайхи Тусӣ», саҳ.52, ниг: «Биҳоруланвор», ҷ.49, саҳ.97.

шариати ислом ва мутакаллимонро ҷамъ кард ва бо ҳазрат мунозира карданд ва ҳазрат бар ҳамаи онҳо пирӯз шуд ба гунае, ки ҳамагӣ ба фазилати ҳазрат ва аҷзи хеш эътироф карданд.

Ва ман аз эшон ( ҳазрати Ризо(а) ) шунидам, ки мефармуд: Ман дар Мадина, масҷиди паёмбар менишастам, дар ҳоле, ки донишмандон дар Мадина фаровон буданд, ҳар гоҳ яке аз онҳо дар посухи масъалае оҷиз мешуд ҳамагӣ ба ман ишора мекарданд ва масъаларо ба ман ирҷоъ медоданд ва ман посух медодам.[1]

Иброҳим ибни Аббос гӯяд: Ҳаргиз надидам аз ҳазрати Ризо (а) чизе бипурсанд, магар ин ки огоҳ буд, ҳеҷ касро огоҳтар аз ӯ ба таърихи гузашта то замони худаш надидам. Маъмун ҳамвора ӯро бо саволҳои гуногун имтиҳон мекард ва ӯ бо ҷавоби комил ба вай посух медод.[2]

Ҳасан ибни Алии Вашшоъ, ки бар асари шубаҳоти мухолифон ба мазҳаби вақф гароиш

1. «Эъломулвуро», ҷ.2, саҳ.64.
2. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.2, саҳ.180.

пайдо карда буд, гӯяд: Масоилеро дар туморе навиштам то ҳазрати Ризо (а)-ро бо он имтиҳон кунам, дар назди дари ҳазрат он қадар издиҳоми ҷамъият буд, ки муваффақ ба мулоқоти эшон нашудам. Ногоҳ мутаваҷҷеҳ шудам, ки хидматкори ҳазрат ба дунболи ман аст ва мегӯяд: Ҳасан ибни Алии Вашшоъ, ки набераи духтарии Илёси Бағдодӣ аст, кист? Гуфтам: Манам. Номае ба ман дод ва гуфт: Посухи масоиле, ки ҳамроҳ дорӣ (ва ҳанӯз ба имом нишон надодааст) ин аст! Ба ин тартиб, ман ба имомати эшон яқин кардам ва мазҳаби вақфро раҳо намудам.[1]

Бархе аз маҳофиле, ки Маъмун тартиб дода буд, чунон азим ва сангин буд ва донишмандони тамомии миллатҳо аз бузургони яҳуд ва насоро ва соибӣ ва зардуштӣ ва мутакаллимон ҷамъ шуда буданд, ки Ҳасан ибни Муҳаммади Навфалӣ ба ваҳшат афтода буд ва ба ҳазрати насиҳат кард ва гуфт: Онҳо аҳли муғолата ва шубҳа ҳастанд, аз онҳо ҳазар кунед. Ҳазрати Ризо (а) табассуме намуд ва

1. «Маноқиби оли Абитолиб», ҷ.3, саҳ.453.

фармуд: Оё метарсӣ онҳо бар ман пирӯз шаванд? … Эй Навфалӣ оё медонӣ чӣ вақт Маъмун аз ин кор пушаймон мешавад? Вақте истидлоли маро бо аҳли Таврот ба Тавроти онҳо ва бо аҳли Инҷил ба Инҷили онҳо ва бо аҳли Забур ба Забурашон ва бо Соибин (ситорапарастон) ба забони ибрии худашон ва бо аҳли ҳаробиза (гӯё мақсуд маҷусиён бошад) бо забони форсии онҳо ва бо аҳли Рум бо забони румӣ ва дигар сухандорон ба луғати худашон бишнаванд.

Он гоҳ, ки ман бар ҳамаи онҳо пирӯз шудам ва ҳар гурӯҳе дар муқобили ҳуҷҷат ва далели ман мағлуб шуд ва сухани худро раҳо ва ба дурустии сухани ман эътироф намуд, Маъмун аз ташкили ҷаласа пушаймон мешавад ва ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳил алийил азим…[1]

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.2, саҳ.139, «Аттавҳид»

## Намунаҳое аз посухҳои ҳакимонаи ҳазрати Ризо (а)

Гар чӣ суханони ҳакимона ва посухҳои кӯбандаи ҳазрат бисёр фаровон аст, аммо барои намуна ба бархе маворид ишора мешавад.

Иброҳим ибни Муҳаммад аз ҳазрат пурсид: Чаро Худованд Фиръавнро ғарқ кард бо он ки имон овард? Ҳазрат фармуд: Чун ҳангоми дидани азоб имон овард ва имон дар он лаҳза мақбул нест.[1]

Абосалти Ҳиравӣ пурсид: Чаро Худованд ҳамаро дар замони Нӯҳ ғарқ кард, бо он ки дар миёни онон бегуноҳон ва атфол низ буданд? Ҳазрат фармуд: Бачаҳо дар миёни онҳо набуданд, чиҳил сол буд, ки насли онҳо мунқатеъ шуда буд, иддае ба ҷиҳати такзиб ва иддае ба ҷиҳати ризоят ба такзиб ҳалок шуданд. Ҳар ки ғоиб бошад аз амре ва розӣ бошад ҳамчун шоҳиде аст, ки он корро анҷом дода

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ2, саҳ.76.

бошад.[1]

Ибни Секкит (Яъқуб ибни Исҳоқ) аз ҳазрат пурсид: Чаро Худованд Мӯсо(а)-ро бо асо ва нуронӣ будани даст ва абзори сеҳр фиристод ва Исо(а)-ро бо тиб ва Муҳаммад (с)–ро бо калом? Ҳазрат фармуд: Дар замони Мӯсо (а) сеҳр ғолиб буд ва дар замони ҳазрати Исо (а) ниёзҳои пизишкӣ ва дар замони паёмбари ислом (с) хутбаҳо ва суханон. Вай гуфт: Ба Худо, ки монанди туро ҳаргиз надидаам. Ҳуҷҷати Худо имрӯз бар мардум чист? Фармуд: Ақл аст, ки ба василаи он ростгӯй бар Худо аз дуруғгӯ шинохта мешавад. Ибни Секкит гуфт: Ин аст ба Худо савганд ҷавоб.[2]

Ҳасан ибни Алӣ ибни Физол аз ҳазрат пурсид: Чаро мардум аз амирулмӯъминин (а) мунҳариф шуданд бо он ки фазл ва собиқаи ӯ ва мавқеияти вайро назди паёмбар (а) медонистанд? Ҳазрат фармуд: Чун Алӣ(а) падарон ва аҷдод ва бародарон ва амакҳо ва доиҳо (тағоҳо) ва наздикони онҳоро,

---

1. Ҳамон, саҳ.74.
2. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.2, саҳ.79 ба ихтисор.

ки бо Худо ва расул ҷанг доштанд ва теъдодашон зиёд буд, кушта буд, бинобар ин, кина доштанд ва намехостанд ӯ сарпарасти онҳо шавад, вале дигарон дар ҷиҳод чунин накарданд, бинобар ин, мардум аз Алӣ (а) мунҳариф ва ба дигаре мутамоил шуданд (майл карданд).[1]

Ҳайсам ибни Абдуллоҳ аз ҳазрат пурсид: Чаро (ҳазрат) Алӣ бисту панҷ сол баъд аз паёмбар (с) бо душманонаш наҷангид, аммо дар айёми ҳукумати худ ҷангид? Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Ба паёмбар (с) иқтидо кард, ки сенздаҳ сол дар Макка ва нуздаҳ моҳ дар Мадина бо мушрикон наҷангид ва иллаташ камбуди ёвар буд. Алӣ (а) низ ҷанг бо душманонро раҳо кард чун ёронаш андак буданд… .[2]

Ҳасан ибни Алӣ ибни Физол аз ҳазрат пурсид: Чуро кунияи паёмбар Абулқосим аст? Фармуд: Чун писаре ба номи Қосим дошт. Ровӣ гуфт: Оё маро қобил медонӣ, ки зиёда бифармоӣ? Фармуд: Оре. Ту

1. Ҳамон, саҳ.80.
2. Ҳамон, саҳ.80.

медонӣ, ки паёмбар (с) фармуд: Ман ва Алӣ ду падари ин уммат ҳастем. Гуфт: Оре. Фармуд: Ва медонӣ, ки Алӣ қисматкунандаи биҳишт ва ҷаҳаннам аст? Гуфт: Оре. Фармуд: Ба паёмбар Абулқосим (падари қисматкунанда) гӯянд чун ӯ падари Алӣ аст, ки қисматкунандаи биҳишту ҷаҳаннам аст...[1]

Аз ҳазрати Ризо (а) пурсиданд: Оё ин ҳадис дуруст аст, ки паёмбар (с) мефармуд: Асҳоби ман чун ситорагонанд, ба ҳар кадом, ки иқтидо кунед, ҳидоят ёфтаед? Фармуд: Оре. Мақсуди ҳазрати расул (с) касоне ҳастанд, ки баъд аз ӯ роҳро тағйир надодаанд ва табдил накарданд. Пурсиданд: Аз куҷо маълум мешавад? Фармуд: Ба ҷиҳати ривояте, ки аҳли суннат нақл мекунанд, ки паёмбар (с) фармуд: Рӯзи қиёмат мардоне аз асҳоби маро аз ҳавзи ман дур мекунанд, ҳамчунон ки шутурҳои ғарибаро аз об дур мекунанд. Ман мегӯям: Худоё! Асҳоби ман асҳоби ман, ба ман гуфта мешавад: Ту намедонӣ баъд аз ту чӣ карданд! Ва онҳоро ба тарафи чап

1. Ҳамон, саҳ.84.

мебаранд. Ман мегӯям: Дур бошанд ва нобуд гарданд. Сипас ҳазрати Ризо (а) фармуд: Оё фикр мекунӣ ин ҷараён барои касоне, ки собит монданд ва мутағайир нашуданд мебошад? [1]

1. Ҳамон, саҳ.86. Ҳадиси инҳирофи иддае аз асҳобро бузургони аҳли суннат мисли Бухорӣ ва Муслим дар «Саҳеҳ» ва дигарон бо иснод ва алфози гуногун аз ровиёни мутааддид ривоят кардаанд.

## Огоҳии ҳазрати Ризо (а) аз забонҳои гуногун

Шахсияти илмии ҳазрати Ризо (а) дар масоили динӣ ва ақлӣ ва улуми ройиҷ хулоса намешуд, балки ҷилваҳое аз улуми илоҳии ӯ бар мардум зоҳир шуд, ки нишон аз иттисоли ӯ ба олами ғайб медод, ки ба чанд намунаи онҳо ишора мешавад.

### 1. Ошноии комили ҳазрат ба забонҳои гуногуни ройиҷи он замон

Абосалти Ҳиравӣ гӯяд: Ҳазрати Ризо (а) бо мардуме, ки забонҳои мухталиф доштанд ба забони худашон сухан мегуфт, ба Худо савганд, ки ӯ фасеҳтарини мардум ва огоҳтарини онҳо ба ҳар забон ва луғате буд.[1]

Вай рӯзе ба ҳазрати Ризо (а) гуфт: Эй фарзанди расули Худо! Ман аз ин ҳама тасаллути Шумо ба забонҳои гуногун дар шигифтам. Ҳазрат фармуд: Эй

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.2, саҳ.27.

Абосалт ман ҳуҷҷати Худованд бар халқи ӯ ҳастам, Худованд ҳаргиз ҳуҷҷатеро бар гурӯҳе қарор намедиҳад, ки забони онҳоро нашиносад, магар ба ту нарасидааст сухани амирулмӯъминин (а), ки фармуд: Ба мо фаслулхитоб додаанд ва ин ҷуз огоҳии луғот нест.[1]

Шахсе ба номи Абуисмоили Синдӣ аз Ҳинд ба дунболи ҳуҷҷати Худо омада буд. Ӯро ба ҳазрати Ризо (а) роҳнамоӣ карданд. Вай мегӯяд: Ман назди ҳазрат рафтам, аммо арабӣ намедонистам ба забони синдӣ салом кардам. Ҳазрат ба забони худам посух дод. Бо ҳазрат сухан гуфтам ва ӯ бо забони худам бо ман сухан мегуфт. Гуфтам: Ба дунболи ҳуҷҷати Худо дар араб омадаам. Фармуд: Манам он ҳуҷҷати Худо, ҳар чӣ мехоҳӣ бипурс. Ман масоили худро пурсидам ва ҳазрат ба забони худам посух дод. Вақте хостам биравам, гуфтам: Ман забони арабиро намедонам, аз Худованд бихоҳед забони арабиро ба ман илҳом кунад! Ҳазрат дасти муборак бар лабҳоям кашид, ҳамон мавқеъ ба забони арабӣ

1. Ҳамон.

такаллум кардам![1]

Дар шаҳри Басра вақте яке аз мухолифон ба номи Амру ибни Ҳаддоб аз эшон хост то иддаои худро дар мавриди донистани ҳар забон собит кунад ва бо румиён ва ҳиндуҳо ва форсиён ва туркзабонҳо, ки дар шаҳр ҳастанд, сухан гӯяд, ҳазрат фармуд: Онҳоро биёваред. Иддае аз аҳли забонҳои гуногунро оварданд ва ҳазрат бо ҳамаи онҳо ба гунае равон сухан гуфт, ки ҳамагӣ ба дониш ва фасоҳат ҳазрат эътироф карданд ва мардум аз дидани ин манзара шигифтзада шуданд.[2] Зеро возеҳ буд, ки ҳазрати Ризо (а) ҳаргиз дар ин мавридустоде надида буд ва назди касе забонҳои гуногунро ёд нагирифтааст ва бо ин афрод дар Мадина муоширате, ки сабаби ёдгирии ин ҳама забон бо ин фасоҳат бошад, надоштааст.

1. «Кашфулғамма», ҷ.3, саҳ.91,»Алхароиҷу валҷароиҳ», ҷ.1, саҳ.240, «Биҳоруланвор», ҷ.49, саҳ.50.
2. «Алхароиҷу ва ҷароиҳ», ҷ.1, саҳ.341, «Ассоқибу фил маноқиб», саҳ.186, «Биҳоруланвор», ҷ.49, саҳ.73.

## 2. Ошноии ҳазрати Ризо (а) ба забони паррандагон ва ҳайвонот

Ҷилваҳои мутааддиде (зиёде) аз огоҳии ҳазрати Ризо (а) нисбат ба забони ҳайвонот ба сабт расидааст, ки ба бархе аз онҳо ишора мешавад. Сулаймон ибни Ҷаъфар гӯяд: Назди ҳазрати Ризо (а) дар боғ будам, ки ногоҳ гунҷишке назди ҳазрат омад ва шурӯъ кард ба сару садо. Ҳазрат фармуд: Медонӣ чӣ мегӯяд? Арз кардам: На, Худо ва расули ӯ ва фарзанди расули ӯ донотаранд. Фармуд: Мегӯяд море мехоҳад ҷӯҷаҳои ӯро бихӯрад. Ин асоро бардор ва ба ин хона бирав ва морро бикуш. Вай гӯяд: Дохили хона шудам, дидам море дар ҳоли ҳаракат буд, онро куштам.[1]

Шахсе ба номи Ҳорун ибни Мӯсо гӯяд: Бо ҳазрати Ризо (а) дар саҳрое будам, ки аспи ҳазрат садо кард, эшон даҳанаи асбро раҳо кард, асп рафт

1. «Басоируддараҷот», саҳ.365, «Далоилул имома», саҳ.343, «Биҳоруланвор», ҷ.49, саҳ.88.

ва дар гӯшае идрор (пешоб) ва мадфӯъ кард ва омад. Ҳазрати Ризо (а), ки мутаваҷҷеҳи тааҷҷуби ровӣ шуда буд ба ман нигоҳ кард ва фармуд: Ҳеҷ чиз ба ҷаноби Довуд (паёмбари илоҳӣ) дода нашуда, магар ин ки ба Муҳаммад (с) ва оли Муҳаммад (с) бештар аз онро додааст.[1] (Ишора ба ин ки Довуди паёмбар (а) забони ҳайвонотро медонист, пас огоҳии мо тааҷҷуб надорад).

1. «Маноқиби оли Толиб», ҷ.4, саҳ.334, «Биҳоруланвор», ҷ.49, саҳ.57.

## 3. Дониши густардаи ҳазрат дар улуми ғайбӣ

Гӯшае аз дарёи улуми ҳазрати Ризо (а) дар хабарҳои ғайбии бисёр фаровоне, ки ҳазрат дода, ҷилвагар мебошад, ки ба бахше аз он ишора мешавад.

## Пешгӯиҳои ҳазрат дар мавриди баромака (бармакиён)

Ҳазрат мукаррар ба нобудии баромака, ки наздиктарин афрод ба Ҳорун ва ҳамакораи дастгоҳи ӯ буданд, ишора намуд. Ҳангоме, ки нигоҳи ҳазрат дар сафари ҳаҷ ба сурати ғуборолуди Яҳё ибни Холиди Бармакӣ дар сарзамини Мино афтод, фармуд: Ин бечораҳо хабар надоранд, ки имсол чӣ балое бар сарашон меояд.[1]

Муҳаммад ибни Фазл гӯяд: Ҳамон сол, ки Ҳорун дудмони (сулолаи) баромакаро барандохт,

1. «Алиршод», ҷ.2, саҳ.258, «Алкофӣ», ҷ.1, саҳ.491.

дар сарзамини Арафот ҳазрати Ризо (а) –ро дидам, ки истода буд ва дуо мекард, ногоҳ сари худро ба зер андохт. Пурсиданд: Чаро чунин кардед? Фармуд: Дар ҳаққи Баромака аз Худованд кайфар мехостам, имрӯз дуоям мустаҷоб шуд![1]

Чун Довуд ибни Касир аз ҳазрати Ризо (а) шунид, ки Яҳё ибни Холид бо хурмои заҳролуд сабаби шаҳодати ҳазрати Мӯсо ибни Ҷаъфар (а) шудааст, ба ҳазрат гуфт: Фидоят шавам, агар Яҳё ибни Холид қотили падари Шумост, ман ҷонамро ба Худо мефурӯшам ва ӯро мекушам. Ҳазрат фармуд: Бо ӯ коре надошта бош, балое, ки имсол ба сари ӯ ва фарзандонаш мерасад, аз он чӣ ту қасд кардаӣ сахттар аст.[2]

---

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.1, саҳ.245, «Далоилул имома», саҳ.373.
2. «Далоилул имома», саҳ.372.

## Аз Ҳорун ба ман садамае намерасад

Ҳазрат мукаррар ишора мекард, ки аз Ҳорун ба ман садамае намерасад. Ҳангоме, ки ба ҳазрат хабар доданд Исо ибни Ҷаъфар ба Ҳорун тазаккур дода ва савганд хӯрдааст, муддаии имоматро баъд аз Мӯсо ибни Ҷаъфар ба қатл бирасонад ва Алӣ ибни Мӯсо ба ҷои падараш нишаста ва муддаии имомат аст ва Ҳорун посухи манфӣ додааст, ҳазрат фармуд: Аз Ҳорун ба ман садамае нахоҳад расид.[1] Ва чун ба он ҳазрат гуфта шуд: Шумо ба унвони имом шинохта шуда ва худро машҳур кардаед, аз шамшери Ҳорун хун мечакад!? Фармуд: Ҷавоби ман ҳамон аст, ки расулуллоҳ (с) фармуд. Паёмбар (с) фармуд: Агар Абуҷаҳл як мӯ аз сари ман кам кунад, гувоҳ бошед, ки ман паёмбар (с) нестам. Ман низ мегӯям: Агар Ҳорун як мӯ аз сари ман кам кунад, шоҳид бошед, ки ман имом нестам.[2] Ва дар ҳадиси дигар вақте ба ҳазрат дар мавриди Ҳорун ҳушдор доданд, фармуд:

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.1, саҳ.245.
2. «Биҳоруланвор», ҷ.49, саҳ.59, «Манорқиби оли Абутолиб», ҷ.4, саҳ.368.

Ҳар чӣ мехоҳад талош кунад, ӯ роҳе бар ман надорад![1]

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.2, саҳ.262.

# Пешгӯиҳои гуногун

Ҳазрат хабар дод ба ин, ки Абдуллоҳ (яъне Маъмун) Муҳаммад (яъне Амин)–ро хоҳад кушт ва чун ровӣ бо тааҷҷуб пурсид, Абдуллоҳ писари Ҳорун Муҳаммад писари Ҳорунро мекушад?! Фармуд: Оре Абдуллоҳ, ки дар Хуросон аст, Муҳаммад ибни Зубайдаро, ки дар Бағдод аст, хоҳад кушт ва ҳамин гуна низ шуд…[1] ва чун фарзанди ҳазрати Содиқ (а) алайҳи Маъмун дар Макка қиём кард, ҳазрат ба ӯ фармуд: Эй амак! Падар ва бародаратро таксиб накун, ин кор саранҷом надорад ва поён намепазирад ва ҳамин гуна шуд ва андаке баъд вай аз сипоҳи Маъмун шикаст хӯрд ва худро халъ кард.[2]

Рӯзе Ҷаъфар ибни Алии алавӣ бо вазъи номуносиб аз канори иддае аз ҷавонони Бани Ҳошим гузашт. Онҳо ӯро ба ҷиҳати зоҳири

1. «Алманоқиб», ҷ.4, саҳ.363, «Эъломулҳидоя», саҳ.34.
2. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.2, саҳ.207, «Биҳоруланвор», ҷ.47, саҳ.247.

номуносиби ӯ таҳқир карданд, ҳазрати Ризо (а) фармуд: Ба зудӣ ӯро бо моли зиёд ва пайравони фаровон хоҳед дид. Ҳудуди як моҳ нагузашт, ки волии Мадина шуд ва вазъи ӯ некӯ гашт.[1]

1. «Алфусулул муҳимма», саҳ.247.

# Огоҳии ҳазрати Ризо (а) аз фарзандон дар раҳими модарон

Шахсе ба имом Ризо (а) гуфт: Вақте аз Куфа меомадам ҳамсарам бордор буд, аз Худованд бихоҳед фарзандаш писар бошад, ҳазрат фармуд: Писар аст номашро Умар бигузор!

Вақте ба Куфа омад, дид писаре барояш мутаваллид шудааст ва номашро Алӣ гузоридаанд. Вай гӯяд: Ман ба ҷиҳати сухани имом Ризо (а) номашро Умар гузоридам. Ҳамсояи ман, ки аз мухолифон буд, гуфт: Ман дигар сухани касеро дар мавриди рофизӣ будани ту намепазирам![1]

Вақте хостам биравам, ҳазрат фармуд: Якеро Алӣ ва дигареро Умми Умар ё Умми Амр ном бигузор, яъне ҳар ду писар нест. Вақте ба Куфа

1. «Ассоқибу фил маноқиб», саҳ.216, «Алхароиҷу вал ҷароиҳ», ҷ.1, саҳ.361, «Биҳоруланвор», ҷ.39, саҳ.54. Рофизӣ унвоне аст, ки аҳли суннат бар шиъаёни мутаассиб додаанд. Ба ҳар ҳол аз ин ҳадис ва монанди он маълум мешавад дар Куфа, ки маркази шиъаён будааст, аз мухолифон низ афроде будаанд, ки барои шиъаён таҳдид ҳисоб мешудаанд.

баргаштам дидам писаре ва духтаре бароям таваллуд шудааст.[1]

Рӯзе ҳазрати Ризо (а) ба аёдати амаки хеш Муҳаммад ибни Ҷаъфар, ки дар ҳоли иҳтизор (ҷон кандан) ва ҷон додан буд рафт, мушоҳида намуд, ки амаки дигарашон ба номи Исҳоқ ибни Ҷаъфар ва иддае канори вай мегирянд. Ҳазрат бо табассуме маънидор аз маҷлис хориҷ шуд ба гунае, ки ҳозирон тааҷҷуб карданд.

Ҳазрат фармуд: Табассуми ман аз ин ҷиҳат буд, ки Муҳаммад ибни Ҷаъфар беҳбудӣ меёбад ва Исҳоқ ибни Ҷаъфар, ки акнун барои ӯ мегирянд хоҳад мурд ва Муҳаммад ибни Ҷаъфар ба ӯ мегиряд! Ва ҳамон гуна шуд, ки ҳазрат фармуда буд.[2]

Шахсе ба номи Ҳасан ибни Мӯсо, ки ду нафар аз канизонаш бордор буданд, дар номае аз ҳазрат тақозо кард, ки дуо кунанд онҳо писар бизоянд. Ҳазрат дар номае фармуд: Корҳо ба дасти Худост, барои ту як писар ва як духтар таваллуд мешавад,

---

1. «Кашфулғамма», ҷ.3, саҳ.98.
2. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.1, саҳ.223.

иншоаллоҳ. Номи писарро Муҳаммад ва номи духтарро Фотима бигузор ва ҳамон гуна шуд, ки фармуда буд.[1]

Ва он дигаре, ки ёздаҳ фарзандаш аз дунё рафта буд, ба ҳазрати Ризо (а) аз боқӣ намондани фарзандон гилоя кард, ҳазрат сар ба зер андохт ва дуо намуд ва дуояшро тул дод. Сипас фармуд: Умед аст ду писар бароят мутаваллид шавад, яке пас аз дигаре. Ровӣ гӯяд: Чунин шуд, ки ҳазрат фармуд. Аввалиро Иброҳим ва дуввумиро Муҳаммад номидам ва ҳар ду боқӣ монданд.[2]

Маъмун, он душмани ҳилагари ҳазрати Ризо (а) баъд аз шаҳодати ҳазрат зимни баёни ҷараёне гуфт: Аз ҳазрат чизе (дуое) хостам то фарзанди канизи зоҳирияи ман, ки аз ҳамаи канизон наздам маҳбубтар аст ва ба он бордор аст, солим бимонад, чаро ки чанд бор баччаашро сиқт кардааст. Ҳазрат фармуд: Нигарон набош, писаре мезояд шабеҳтарини мардум ба модараш, дасти рост ва

1. Ҳамон, саҳ.236.
2. Ҳамон, саҳ.240.

пойи чапаш ангуште зиёде дорад ва ҳамон гуна шуд, ки ҳазрат фармуда буд… [1]

1. «Алғайбату лишайхит Тусӣ», саҳ.49, «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.1, саҳ.241.

## Огоҳии ҳазрати Ризо (а) аз кайфияти шаҳодат ва маҳалли дафни хеш

Ҳазрат мукаррар (борҳо) дар мавриди шаҳодати хеш ба василаи Маъмун ва чигунагии он хабар дода буд, ки машруҳи он дар фасли шаҳодати эшон хоҳад омад, инак ба порае аз он ишора мекунем.

Гоҳе мефармуд: Ман ба сафаре меравам Хуросон, ки аз он барнамегардам[1] ва чун Маъмун ҳазратро барои вилоятаҳдӣ аз Мадина ба Хуросон иҳзор кард (ҳозир кард), ровӣ мегӯяд: Ҳазрат барои видоъ бо расулуллоҳ (с) ба ҳарам омад ва бо садои баланд мегирист. Ба ҳазрат салом кардам ва вилоятаҳдиро табрик гуфтам. Фармуд: Маро аз канори ҷаддам расулуллоҳ (с) берун мебаранд ва ман дар ғурбат хоҳам мурд ва дар канори Ҳорун дафн хоҳам шуд.[2] Ва ба ҳамин ҷиҳат буд, ки ҳангоми хуруҷ аз Мадина дастур дод то бар ӯ

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.1, саҳ.233.
2. Ҳамон, саҳ.234.

бигирянд.[1]

Чун Маъмун дар зоҳир ба ҳазрати Ризо (а) изҳори алоқа менамуд ва аз имомати Алӣ (а) дар маҳофил дифоъ мекард, ҳазрати Ризо (а) ба дӯстони худ мефармуд: Маъмун бо суханони худ шуморо фиреб надиҳад, ба Худо савганд маро касе ҷуз ӯ намекушад. Ва ман чорае надорам ҷуз он ки он чӣ муқаррар шудааст, анҷом шавад.[2]

Дар ҷараёни дигаре ровӣ мегӯяд: Дидам Ҳорун халифаи аббосӣ, аз як дари Масҷидулҳаром берун омад ва ҳазрати Ризо (а) аз дари дигар ва ҳазрат фармуд: Чӣ дур аст хона ва наздик аст мулоқот, шаҳри Тус миёни ман ва ӯ ҷамъ хоҳад кард.[3] Ва медонем, ки қабри Ҳорун канори қабри ҳазрати Ризо(а) аст.

Ва гоҳе дар масҷиди Мадина дар ҳоле, ки Ҳорун машғули суханронӣ буд, мефармуд: Маро бо ӯ дар як утоқ мадфун хоҳед дид»[4]. Ва гоҳе низ

1. Ҳамон, саҳ.235.
2. Ҳамон, саҳ.199.
3. «Алитҳоф биҳуббил ашроф», саҳ.59, ниг: «Эъломулҳидоя», саҳ.36.
4. Ҳамон.

мефармуд: Ман ва Ҳорун мисли ин ду хоҳем буд ва ду ангушти саббоба ва вусторо (ангушти шаҳодат ва миёна) мечасбонид. Ровӣ гӯяд: Маънии сухани ҳазратро нафаҳмидам, то он ки ҳазрат канори Ҳорун ба хок супорида шуд.[1]

1. Ҳамон.

## Иқдомоти фарҳангии ҳазрати Ризо (а)

Таҳлили саҳеҳ аз чигунагии иқдомоти гуногуни бузургон дар замонҳои мутафовит ниёз ба шинохти дақиқи шароити ҳоким бар он замон ва аҳдофи эшон дорад ва бидуни шинохти он ҳар гуна назария ва тахмине ҳаргиз аз диққат ва сиҳҳати лозим бархӯрдор нахоҳад буд, ба вижа, дар мавриди аиммаи атҳор (а), ки сарфи назар аз масоили ғайбӣ ва илҳомоти илоҳӣ дорои ақл ва дирояти амиқ ва аз донотарин афроди башар будаанд.

Аз тарафе гузоришҳои таърихии мавҷуд аз шароити ҳоким бар он давронҳо, аз ҷиҳоти гуногун ноқис, мубҳам (норавшан) ва норасост, ба гунае, ки як муҳаққиқ ҳаргиз наметавонад барои як таҳлили дақиқ ва саҳеҳ ба онҳо басанда кунад.

Агарчӣ дар мавриди аҳли байт (а) хушбахтона ниёзе ба ривоёти таърихӣ нест, чаро ки мӯътақидем эшон ба иқтизои мақоми имомат, ки эшонро ба илм

ва ҳикмати илоҳӣ муттасил (пайваст) мекунад, аз илҳомот ва ҳатто барномаи мудавван, ки барои онҳо ба сурати мактуб таҳия шудааст, баҳраманд ҳастанд ва ҳамвора беҳтарин ва муносибтарин тасмимро дар шароити гуногун интихоб мекунанд.

Вале ин ҳама монеъ аз он нест, ки мо ба бархе аз мавориди зикршуда дар замони эшон напардозем ва то ҳарчӣ бештар ба тафсили он огоҳ гардем. Аз он ҷумла шароити ҳоким бар даврони имомати ҳазрати Ризо (а) аст, ки ба сабаби нашри густардаи маориф ва ҳақоиқи ислом шуд, чаро ки бо муроҷиа ба осори баҷомонда аз аҳли байт (а) дар меёбем, ки баъд аз ҳазрати амир ва ҳазрати Боқир (а) ва ҳазрати Содиқ (а) бештарин осорро эшон аз худ ба ҷой ниҳодааст ва ин амр ба ҷиҳати шароити хос ва фурсати муносибе буд, ки дар замони ҳазрат падид омад.

Бо вуҷуди ин ки душман барои нишон додани заъфи илмии ҳазрат ва костан аз маҳбубияти эшон талош мекард, аммо даврони имомат ва ба вижа, вилоятаҳдии ҳазрат фурсати муносибе фароҳам

кард, то ҳазрати Ризо (а) дар ҷиҳати нашри улуми исломӣ ва ҳақоиқи мактаби аҳли байт (а) иқдом кунад, ки ба порае аз он мавορид ишора мекунем.

## 1. Муқобила бо ғулувв ва ғолиён

Аз ҷумлаи офоти бузург дар миёни пайравони аҳли байт (а) касоне буда ва ҳастанд, ки эшонро аз мартабаи волои хеш болотар бурда ва дар мавриди эшон ғулувв карда ва муътақид ба рубубият (Худоӣ) ё нубувват, ё бархе сифоти илоҳӣ барои эшон шудаанд. Ин гурӯҳ ҳамвора дар миёни шиъа ва аимма (а) матруд (дур) будаанд. Ҳазрати Содиқ (а) фармуд: Мувозиб (муроқиб)-и ҷавонони худ бошед, то ғолиён онҳоро фосид накунанд. «Ҳамоно ғолиён бадтарини халқи Худо ҳастанд, онҳо азамати Худовандро кӯчак ва рубубиятро барои бандагони Худо иддао мекунанд. Ба Худо савганд, ки ғолиён аз яҳуд ва насоро ва маҷус ва мушрикон бадтаранд...».[1] Бинобар ин, ҳазрати Ризо (а) низ ба мубориза ба ин гурӯҳ, ки дар замони ҳазрат фаъолият мекарданд, пардохт.

1. «Амолии Тусӣ», ниг: «Биҳор», ҷ.25, саҳ.265.

Дар ҳадисе ҳазрати Ризо (а) ривоятеро бо зикри санад аз падар ва аҷдоди хеш аз расулуллоҳ (с) нақл кардаанд, ки ҳазрат фармуд: Маро аз ҳаққе, ки дорам болотар набаред, ҳамоно Худованди таборак ва таъоло маро бандаи худ қарор дод қаблан аз он ки паёмбар қарор диҳад. Сипас ҳазрат ояти 79 ва 80 сураи муборакаи «Оли Имрон»-ро қироат намуд. Ва идома дод, ки Алӣ (а) фармудааст: «Дар мавриди ман ду нафар ҳалок мешаванд ва ман бегуноҳам: дӯсте, ки зиёдаравӣ мекунад ва дигаре душмане, ки кӯтоҳӣ мекунад. Сипас ҳазрати Ризо (а) фармуд: ва мо назди Худованди азза ва ҷалла безорӣ меҷӯем, аз он ки дар мавриди мо ғулувв кунад ва моро аз андозаи худамон болотар барад. Ҳамонанди безории Исо ибни Марям аз насоро. Сипас ҳазрат баъд аз тиловати оёте фармуд: Ҳар ки барои паёмбарон рубубият (Худоӣ) ё паёмбарӣ иддао кунад ва ё барои ғайри имом имомат иддао кунад мо аз ӯ дар дунё ва охират безорем.[1] Яъне пайравони аҳли байт (а) бояд муроқиб бошанд (эҳтиёт кунанд) на ин ки

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», саҳ.201, «Биҳор», ҷ.25, саҳ.134.

тахти таъсири мухолифон, мақоми имомро пойин оваранд ва на ба ҷиҳати муҳаббат ва таассуби нобаҷо, имомро дар ҳадди Худоӣ ё паёмбарӣ боло баранд, балки пайрави ақл ва шаръ бошанд ва аз ҳар он чӣ худашон баён кардаанд, пайравӣ кунанд.

Дар ривояти дигаре ҳазрати Ризо (а) фармуд: лаънати Худо бар ғолиён! Чаро яҳудӣ нашуданд?! Чаро маҷус нашуданд?! Чаро насронӣ нашуданд?! Чаро қадария нашуданд?! Чаро мурҷиа нашуданд?! Чаро хориҷӣ нашуданд?! (Яъне чаро худро ба мо мунтасиб карданд?) Сипас фармуд: бо онҳо ҳамнишинӣ накунед ва онҳоро тасдиқ накунед ва аз онҳо безорӣ ҷӯед, Худо аз онҳо безор бошад.[1]

Ва чун Абуҳошими Ҷаъфарӣ аз ҳазрати Ризо (а) дар мавриди ғолиён ва аҳли тавфиз пурсид: Ҳазрат фармуд: Ғолиён кофиранд ва аҳли тавфиз мушриканд. Ҳар ки бо онҳо биншинад ё дамхӯр (ҳамсӯҳбат) бошад, ё ҳамғизо, ё ҳамнӯш, ё кумаккор бошад, ё бо онҳо васлат кунад, бидиҳад, ё бигирад, ё ба онҳо имон биёварад, ё онҳоро дар амонате

1. «Уюну ахборур Ризо (а)» ҷ.2, саҳ.203.

амин шуморад ва ё ҳадиси онҳоро тасдиқ кунад, ё онҳоро ба ним калимае кӯмак кунад, аз вилояти Худованди азза ва ҷалла ва вилояти расулуллоҳ (с) ва вилояти мо аҳли байт хориҷ шудааст.[1]

Вақте ба ривоёти марбут ба мазаммати ғуллот (ғулуввкунандагон) муроҷиа мекунем, дармеёбем, ки теъдоди бисёре аз ин ривоёт аз ҳазрати Ризо (а) содир шудааст[2] ва ин мерасонад, ки фаъолияти ғолиён дар он замон густарда будааст.

Яке аз ғолиён ба ҳазрати Ризо (а) гуфт: Юнус ибни Зибён аз муттаҳамон ба ғулувв гуфтааст: Шабе дар тавоф будам, ки боло сару садое шунидам: Эй Юнус манам, ки Худое ҷуз ман нест, маро ибодат кун ва намозро барои ёди ман барпо дор. Сарамро, ки баланд кардам, ногаҳон Абулҳасан (Алӣ (а)) бароям зоҳир шуд. Ҳазрати Ризо (а) бо шунидани ин суханон чунон нороҳат шуд, ки ба он мард фармуд: Аз назди ман берун рав, Худованд туро ва ҳар ки инро ба ту гуфтааст ва Юнус ибни Зибёнро

1. Ҳамон.
2. Ба ривоёти мазкур дар «Биҳоруланвор», ҷ.25, боби нафйи ғулувв муроҷиа шавад.

ҳазор лаънат кунад, ки ба дунболи он ҳазор лаънат бошад ва ҳар лаънате туро ба қаъри ҷаҳаннам фурӯ барад, гувоҳӣ медиҳам, ки ҷуз шайтон набуд, ки ӯро садо зад...[1] ва чун ба ҳазрати Ризо (а) гуфтанд: бархе аз касоне, ки худро тарафдори Шумо медонанд, мепиндоранд, ки ин сифоти илоҳӣ сифоти Алӣ (а) аст ва ӯст он аллоҳи раббулоламин. Ҳазрати Ризо (а) бо шунидани ин калимот банд-банди бадани муборакаш ба ларза афтод ва ғарқ дар арақ шуд ва фармуд: Субҳоналлоҳ! Муназзаҳ аст Худованд аз он чи ситамкорон ва кофирон мегӯянд, оё на ин буд, ки Алӣ (а) хӯрандае аз хӯрандаҳо ва нӯшандае аз нӯшандаҳо ва издивоҷкунандае аз иҷдивоҷкунандаҳо ва ... буд? Оё ӯ набуд, ки дар муқобили парвардигори худ дар ҳоле, ки хозеъ ва залил буд ба намоз меистод ва ба сӯи ӯ розу ниёз мекард? Оё касе, ки ин сифотро дорад, Худост?

Имрӯз, ки душманон беш аз пеш ба дунболи баҳона барои ҳамла ба мактаби аҳли байт (а)

1. Риҷолкашӣ 233. ниг: «Биҳор» ҷ.25, саҳ.264. Ва ин ривоят ҳушдоре аст ба муддаиёни шуҳуд ва пайравони онҳо, зеро ҳатто агар ба ростӣ низ садое ба гӯши онҳо бирасад маълум нест ҷанбаи илоҳӣ дошта бошад, зеро шайтон низ дар канори ин афрод ва ин ҳолот аст.

ҳастанд, вазифаи ҳар шиъае ба вижа, уламои аълом (Худои таъоло онҳоро азиз гардонад) он аст, ки дар муқобили бархе матолиби ғулуввомез ба вижа, ашъори носавоб биистанд ва аз ҳарими аҳли байт (а) дифоъ кунанд. Шоирон ва маддоҳони мутааҳҳид низ афроди ғолӣ ва мунҳарифро низ аз худ дур намоянд ва мардум низ бо ҳушёрӣ бо ин гуна афрод тазаккур ва ҳушдор диҳанд.

## 2. Муборизоти ҳазрати Ризо (а) бо фирқаи сӯфия

Яке аз фирқаҳое, ки дар ҷомеаҳои исломӣ, дар қарни аввали ҳиҷрӣ, тавассути фарде бо номи Абуҳошими Куфӣ падид омад, фирқаи сӯфия буд, ки дар пӯшиши зуҳд ва дурӣ аз дунё, бидъатҳоеро дар дин эҷод карданд ва дорои афкор ва аъмоли вижае буданд.

Инон аз ҳамон нахуст аз мактаби аҳли байт (а) мунҳариф буданд ва аимма (а) низ ба шиддат ба мубориза ба онҳо пардохта ва пайравони худро аз наздик шудан ба эшон бар ҳазар доштаанд. Аз ҷумла ҳазрати Ризо (а) низ шиъаёнро аз хатари ин гурӯҳ огоҳ кард ва фармуд: Ҳеҷ кас мӯътақид ба суфигарӣ намешавад, магар барои фиреб ё гумроҳӣ ё ҳамоқат ва чӣ басо бархе ҳамаи ин умурро дошта бошанд.[1]

1. «Ашшайхул Муфид» ба санади саҳеҳ дар китоби «Арраду ало асҳобил Ҳаллоҷ», ниг: «Алисно ашария», саҳ.31.

Ва фармуд: Ҳар ки сӯфия назди ӯ ёд шаванд ва бо забону дилаш онҳоро инкор накунад аз мо нест ва ҳар ки онҳоро инкор кунад, гӯё бо куффор дар муқобил бо расулуллоҳ ҷиҳод кардааст.[1]

Ривоёт дар мазаммати ин гурӯҳи мунҳариф аз паёмбари акрам (с) ва аиммаи атҳор (а) фаровон аст ва шиъаи имомия аз замони аиммаи атҳор (а) пайваста ба бутлони мазҳаби тасаввуф иҷмоъ дошта[2] ва бар радди эшон китобҳо навиштааст.

Ва ҳазрати Содиқ (а) сӯфияро душманони аҳли байт (а) хонд ва касонеро, ки ба онон мутамоил шаванд (майл кунанд) маҳшур бо эшон шумурд ва фармудаанд: Ба зудӣ гурӯҳе, ки муддаии муҳаббати мо ҳастанд ба сӯфия мутамоил мешаванд, худро шабеҳи онҳо мекунанд, ба алқоби онҳо ном мениҳанд ва суханони онҳоро тавҷеҳ мекунанд, ҳар ки ба онҳо мутамоил шавад аз мо нест ва ман аз ӯ безорам.[3] Ва мутаассифона ин фирқаи золла (гумроҳ) ба суиистифода аз шароити маънавии

---

1. «Алисно ашария», саҳ.32.
2. «Алисно ашария», саҳ.44.
3. Ҳамон, саҳ.32.

ҷомеа ва тасомуҳи (саҳлангории) бархе масъулони фарҳангӣ ва сукути бархе уламо баъд аз инқилоби шукӯҳманди исломии Эрон, фаъолияти худро вусъат бахшидааст. Вазифаи оҳоди (якояки) мардум ба вижа, роҳбарони ҷомеа ва уламои аълом аст, ки аз ин инҳироф ва бидъати бузург ҷилавгирӣ ва ба масъулияти хеш дар мавриди ҳифзи амнияти марзҳои дин ва ақидаи мардум амал кунанд ва аз таблиғи раҳбарони онҳо ва китобҳо ва суханони онҳо бипарҳезанд. Чаро ки дар кишвари имоми замон (а) ва бо истифода аз анфол ва амволи он ҳазрат ба таблиғи мухолифони эшон пардохтан сабаби маҳрумият аз алтофи илоҳӣ ва иноёти он ҳазрат мешавад.

## 3. Ҳазрати Ризо (а) ва аҳамияти имом аз дидгоҳи аҳли байт(а)

Аз ҷумлаи иқдомоти фарҳангии муҳими ҳазрати Ризо (а) нашри ақидаи шиъа дар мавриди имом ва имомат мебошад, зеро бисёре аз мухолифон дар мавриди имом чунон ақоиди сатҳӣ доранд, ки мақом ва ҷойгоҳи имомро ҳатто аз инсонҳои маъмулӣ пойинтар меоваранд ва ҳеҷ гуноҳеро монеъи имомат ё итоат аз ӯ намедонанд. Бинобар ин, ҳазрати Ризо(а) ба тарвиҷи ақидаи аҳли байт (а) дар ин бора ҳиммат гумошт. Аз имом Ризо (а) мукаррар (ба такрор) дар мавриди лузуми имом дар рӯи замин пурсида шуда, ки ҳазрат фармуд: «Замин холӣ аз имом намешавад вагарна аҳли худро фурӯ мебарад ва ҳамчунин мефармуд: Агар як чашм барҳам задан замин аз ҳуҷҷат холӣ бошад, аҳли худро фурӯ мебарад.[1]

Ҳазрат дар мавриди нишонаҳои имом фармуд:

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.1, саҳ.212.

Имом дорои аломатҳое аст, ин ки донотарини мардум ва беҳтарин довар ва ботақвотарин ва бурдбортарин ва шуҷоътарин ва саховатмандтарин ва обидтарини мардум аст, хатнакарда мутаваллид мешавад ва покиза аст, ӯ аз пушти сар мебинад, он гуна, ки аз пеш мебинад... аз мардум ба мардум сазовортар ва аз падарону модаронашон ба онҳо дилсӯзтар аст, тавозӯъаш дар муқобили Худованди азза ва ҷалла аз ҳама бештар ва аз ҳама нисбат ба амр ва наҳйи илоҳӣ кушотар аст, дуояш мустаҷоб аст, ба гунае, ки агар ба сахрае (санги бузург) дуо кунад дуним шавад... .[1]

Дар ҳадиси дигаре фармуд: Имом ба василаи Руҳулқудус таъйид мешавад, миёни ӯ ва Худованд сутуне аст аз нур, ки аъмоли мардумро дар он мебинад ва ҳар он чӣ лозим дорад бар он огоҳ мешавад, гоҳе боз мешавад ва медонад ва гоҳе баста мешавад ва намедонад... [2]

1. Ҳамон, ч.1, саҳ.169.
2. Ҳамон. Ин ҳадис ва амсоли он мефаҳмонад, ки бар хилофи таваҳҳуми бархе улуми имом (а) на зотӣ аст ва на номаҳдуд, балки тобеъи машияти (хости) илоҳӣ аст.

Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Моем ҳуҷҷатҳои Худованд дар замини ӯ ва ҷонишини ӯ дар миёни бандагони ӯ ва аминони сирри ӯ, моем калимаи тақво ва дастгираи маҳкам ва моем гувоҳони Худованд ва парчамҳои ӯ дар миёни махлуқоташ. Ба ҷиҳати мо Худованд осмонҳо ва заминро аз нобудӣ нигаҳ медорад ва ба мо борон мефиристад, раҳматашро мунташир мекунад. Замин ҳаргиз аз як нафар холӣ нест ё аланӣ (ошкоро) ва ё махфӣ. Агар як рӯз аз ҳуҷҷати Худо холӣ бошад сокинони худро ба ларза ва изтироб меандозад, он гуна, ки дарё аҳли худро меларзонад.[1]

Муҳимтар аз ҳама суханони муфассале аст, ки ҳазрати Ризо (а) дар масҷиди ҷомеъи Марв дар авоили (аввалҳои) вуруд ба он ҷо, вақте хабари ихтилофи мардум дар мавриди имомат ба ҳазрат расид, баён кард. Ҳазрат дар ибтидо табассуме намуд ва фармуд: «Эй Абдулазиз ин гурӯҳ

1. «Биҳор», ҷ.23, саҳ.35 аз Камолуддин. Он чӣ дар ин ҳадиси шариф ва аҳодиси гуногуни дигар ба ин мазмун омада аст, нишон аз таъсири амиқи имом дар таквини олам дорад ва ин ки самараи вуҷуди имом (а) мунҳасир дар ҳидояти ташреъӣ (шариатоварӣ) нест ва аз ҳамин ҷо метавон ба фоидаи азими вуҷуди ҳазрати Ҳуҷҷат (а) дар асри ғайб пай бурд.

нафаҳмиданд ва бо орои (ақидаи) худ фиреб хӯрданд... сипас бо баёни ин ки дин комил аст ва паёмбар (с) Али (а)-ро парчами ҳидоят қарор дод ва дин комил шуд, фармуд: Оё инҳо арзиш ва ҷойгоҳи имоматро дар уммат медонанд то ҳаққи интихоб дошта бошанд? Ҷойгоҳи имомат бартар ва шаънаш бузургтар ва ҷойгоҳаш рафеътар ва дастрасӣ ба он мушкилтар ва умқаш бештар аз он аст, ки мардум онро бо ақли худ биёбанд ё ба орои (овоздиҳии) худ ба он дастрасӣ ёбанд ё имомеро интихоб кунанд...».

Ҳамоно имомат ҷойгоҳи анбиё ва ирси авсиёст, имомат, хилофати Худо ва хилофати паёмбар (с) ва мақоми амирулмӯъминин ва мероси Ҳасан ва Ҳусейн (а) аст. Имомат низомдиҳандаи умури муслимин ва салоҳи дунё  ва иззати мӯъминин аст, имомат пояи исломи боланда аст... имом чун хуршеди фурӯзон аст, ки бо нури ӯ олам равшан мешавад, вале ӯ дар уфуқ аст ба гунае, ки даст ва чашм ба ӯ намерасад...

Имом он ҳамдами меҳрубон ва бародари дилсӯз ва падари меҳрубон ва паноҳи мардум дар

сахтиҳост. Имом амини Худо дар миёни мардум ва ҳуҷҷати ӯ бар бандагон ва ҷонишини ӯ дар билоди илоҳӣ аст, ки ба сӯи Худо даъват мекунад ва аз ҳарими илоҳӣ дифоъ мекунад.

Имом аз гуноҳон пок ва аз уюб (айбҳо) ба дур аст, ӯ ба илм махсус шудааст ва аз ҳилм аломат дорад, низоми дин ва иззати мусалмонон ва хашми мунофиқон ва нобудии кофирон аст.

Имом яктои рӯзгори хеш аст ва ҳеҷ кас ва ҳеҷ олиме ҳамтои ӯ нест, ӯ бадал ва монанд ва назир надорад… кист, ки битавонад имомро бишносад ва интихоб кунад? Ҳаргиз, ҳаргиз ақлҳо гумроҳ ва фикрҳо саргардон ва дарунҳо ҳайрон ва чашмҳо монда ва бузургон кӯчак ва ҳукамо мутаҳаййир (дар ҳайрат) ва ҳалимон қосир ва хатибон дармонда ва андешамандон нодон ва шоирон вомонда ва адибон оҷиз ва суханварон нотавон ҳастанд, аз васфи яке аз шуъуни имом ё фазилате аз фазоили ӯ … .[1]

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.1, саҳ.171.

## 4. Ҳазрати Ризо (а) ва амирулмӯъминин (а)

Анбӯҳи ривоёти расида аз имом Ризо (а) ҳикоят аз он дорад, ки он ҳазрат дар мавориди гуногун талош мекард то амирулмӯъминин (а) ва фазоили эшонро барои мардум муаррифӣ намояд, ки ба бархе аз ин ривоёт ишора мекунем.

## Чиҳил ҳадис аз ҳазрати Ризо (а) дар фазилати амирулмӯъминин (а)

1. Ҳазрати Ризо (а) аз расулуллоҳ (с) ривоят кард, ки фармуд: Ё Алӣ, ту қисматкунандаи биҳишт ва ҷаҳаннам ҳастӣ, дари биҳиштро мезанӣ ва беҳисоб вориди биҳишт мешавӣ.[1]
2. Аз расулуллоҳ (с) ривоят кард, ки фармуд: Масали хонадони ман миёни шумо масали киштии Нӯҳ аст, ҳар ки савор шуд, наҷот ёбад ва ҳар ки ҷо монд (савор нашуд) ба оташ андохта шавад.[2]
3. Аз расулуллоҳ (с) ривоят намуд, ки фармуд: Хашми Худо ва хашми расули ӯ шадид аст бар касе, ки хуни манро бирезад ва маро дар мавриди итрати (хонадон) ман биёзорад. [3]
4. Аз расулуллоҳ (с) ривоят намуд, ки фармуд:

---

1. «Уюну ахборур Ризо (а), ҷ.2, саҳ.26.
2. Ҳамон, ҷ.10.
3. Ҳамон, ҷ.11.

Наздик аст, ки даъвати ҳақро посух гӯям, ман дар миёни шумо ду чизи гаронбаҳо мегузорам, яке бузургтар аз дигаре аст. Китоби Худо, ки ресмони кашида аз осмон ба замин аст, итрат ва аҳли байти ман. Бингаред, ки пас аз ман бо он ду чӣ мекунед?[1]

5. Аз расулуллоҳ (с) ривоят намуд, ки фармуд: Ҳасан ва Ҳусейн ду сарвари ҷавонони аҳли биҳишт ҳастанд ва падари онҳо аз онҳо беҳтар аст.[2]

6. Аз расулуллоҳ (с) ривоят намуд, ки фармуд: Вой бар ситамкорон нисбат ба хонадони ман, гӯё онҳоро фардо бо мунофиқон дар табақаи зерини оташ мебинам.[3]

7. Аз расулуллоҳ (с) ривоят намуд, ки фармуд: Ҳар ки ман мавлои ӯям, пас Алӣ (а) мавлои ӯст. Худоё дӯст дор ҳар ки ӯро дӯст дорад ва душман дор, ҳар ки ӯро душман дорад,

---

1. Ҳамон, саҳ.30, ҷ.40.
2. Ҳамон, саҳ.32, ҳ.56.
3. Ҳамон, саҳ.46, ҳ.177.

кумак кун ҳар ки ӯро кумак кунад ва вогузор ҳар ки ӯро вогузорад.[1]

8. Аз расулуллоҳ (с) ривоят намуд, ки фармуд: Ё Алӣ ҳамоно Худованди мутаол туро ва хонаводаи туро ва шиъаи туро ва дӯстони дӯстони шиъаёни туро омурзид....[2]

9. Аз расулуллоҳ (с) ривоят намуд, ки фармуд: Ё Алӣ (а) агар ту набудӣ мӯъминон баъд аз ман шинохта намешуданд.[3]

10. Аз расулуллоҳ (с) ривоят намуд, ки фармуд: Ё Алӣ (а)! Се чиз ба ту дода шуда, ки ба ҳеҷ кас қабл аз ту дода нашудааст. Ҳазрати амир арз кард: Падарам ва модарам фидоят, он чист? Фармуд: Падарзане мисли ман ба ту дода шудааст ва ҳамсаре мисли ҳамсари ту ва фарзандоне мисли Ҳасан ва Ҳусейн.[4]

11. Аз расулуллоҳ (с) ривоят намуд, ки фармуд: Пайравони Алӣ (а) ҳама растагорон дар

---

1. Ҳамон, саҳ.47, ҳ.183.
2. Ҳамон, саҳ.47. ҳ.182.
3. Ҳамон, саҳ.48, ҳ.187.
4. Ҳамон, ҷ.2, саҳ.47, ҳ.188.

қиёмат ҳастанд.[1]

12. Аз расулуллоҳ (с) ривоят намуд, ки фармуд: Ҳар кас хушҳол мешавад ба он шохаи ёқути қирмиз, ки Худованд бо дасти худ коштааст нигоҳ кунад ва ба он чанг занад, бояд Алӣ (а) ва пешвоёни аз фарзандони ӯро дӯст бидорад (ё имом қарор диҳад) инон интихобшудаи Худованди азза ва ҷалла ва баргузидаи ӯянд ва аз ҳар гуноҳ ва хатое маъсуманд.[2]

13. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, ки фармуд: Ҳар ки бимирад ва имоме аз фарзандони ман надошта бошад ба марги ҷоҳилият мурдааст ва ба ҳар он чӣ (аз кори зишт, ки) дар ҷоҳилият ва ислом кардааст, гирифтор мешавад.[3]

14. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, ки фармуд: Ҳар ки мехоҳад ба дастгираи маҳкам чанг бизанад, ба дӯстии Алӣ (а) ва

---

1. Ҳамон, саҳ.52, ҳ.201.
2. Ҳамон, саҳ.57, ҳ.211.
3. Ҳамон, саҳ.58, ҳ.214.

хонадонам чанг бизанад.[1]

15. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, ки фармуд: Ман ва ин Алӣ (а) рӯзи қиёмат ҳамонанди ин ду ҳастем ва ҳазрат миёни ду ангушти хеш ҷамъ кард ва идома дод: Пайравони мо бо моянд ва ҳар ки мазлуми моро ёрӣ кунад, чунин аст.[2]

16. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, ки фармуд: Пешвоён (мардум) аз фарзандони Ҳусейн (а) ҳастанд, ҳар ки инонро итоат кунад, Худоро итоат кардааст ва ҳар ки инонро маъсият кунад, маъсияти Худованди азза ва ҷалларо кардааст. Эшон ҳамонанди дастгираи маҳкам ва ҳамон васила ба сӯи Худованди азза ва ҷалла.[3]

17. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, ки фармуд: Ман ва Алӣ (а) аз як нур офарида шудаем.[4]

---

1. Ҳамон, саҳ.58, ҳ.216.
2. Ҳамон, саҳ.58, ҳ.215.
3. Ҳамон, саҳ.58, ҳ.217.
4. Ҳамон, саҳ.59, ҳ.219.

18. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, ки фармуд: Ё Алӣ ту бартарин инсон ҳастӣ ва дар ин ҷуз кофир шак намекунад. [1]

19. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, ки фармуд: Ҳар ки мо аҳли байтро дӯст дорад, Худованд ӯро рӯзи қиёмат эмин маҳшур мекунад.[2]

20. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, ки фармуд: Ту (Алӣ (а)) аз ман ҳастӣ ва ман аз туам.[3]

21. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, ки фармуд: Ё Алӣ (а) ту дуюни (қарзҳои) маро пардохт мекунӣ ва туйӣ ҷонишини ман ба умматам.[4]

22. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, ки эшон дар ҳоле, ки дасти Алӣ (а)-ро гирифта буд, фармуд: Дурӯғ мегӯяд он, ки мепиндорад маро дӯст дорад, вале ин мардро

1. Ҳамон, ҳ.225.
2. Ҳамон, ҳ.220.
3. Ҳамон, ҳ.231.
4. Ҳамон, саҳ.60, ҳ.229.

дӯст надорад.[1]

23. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, ки ба Алӣ (а) фармуд: Аз ансор касе туро душман надорад, магар он ки асли ӯ яҳудӣ аст.[2]

24. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, ки фармуд: Аввалин чизе, ки аз банда савол мешавад, дӯстии аҳли байт (а) аст.[3]

25. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, ки фармуд: Алиро дӯст надорад, ҷуз мӯъмин ва душман надорад ҷуз кофир.[4]

26. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, ки ба Алӣ (а) фармуд: Дӯсти ту дӯсти ман аст ва душмани ту душмани ман.[5]

27. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, ки фармуд: Ман шаҳри илм ҳастам ва Алӣ (а) дари он аст.[6]

---

1. Ҳамон, саҳ.60, ҳ.231.
2. Ҳамон, ҳ.234.
3. Ҳамон, ҷ.2, саҳ.62, ҳ.258.
4. Ҳамон, саҳ.63, ҳ.266.
5. Ҳамон, саҳ.63, ҳ.265.
6. Ҳамон, саҳ.64, ҳ.298.

28. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, фармуд: Бибандед дарҳои вурудӣ ба масҷидро (ки мардум аз хонаҳои хеш ба атрофи масҷид доштанд) магар дарби (дари) хонаи Алӣ (а).[1]

29. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, ки ба Алӣ (а) фармуд: Чун ман аз дунё биравам, кинаҳое, ки дар синаҳои иддае аст, бар ту зоҳир мешавад ва алайҳи ту иҷтимоъ мекунанд ва туро аз ҳаққат манъ мекунанд.[2]

30. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, фармуд: Дасти Алӣ (а) дасти ман аст.[3]

31. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, ки ба Алӣ (а) фармуд: Уммати ман ба зудӣ баъд аз ман ба ту макр ва ғадр мекунанд ва афроди хуб ва бад аз ин масъала пайравӣ мекунанд![4]

32. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, ки фармуд: Ҳар ки Алиро носазо гӯяд, маро носазо гуфтааст ва ҳар ки маро носазо гӯяд,

---

1. Ҳамон, ҳ.302.
2. Ҳамон, ҳ.303.
3. Ҳамон, ҳ.304.
4. Ҳамон, ҳ.307.

Худовандро носазо гуфтааст.[1]

33. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, ки фармуд: Васати (миёнаи) биҳишт барои ман ва хонадони ман аст.[2]

34. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, ки фармуд: Манам хазонаи илм ва Алӣ аст калиди он, ҳар ки хазонаро мехоҳад, дунболи калид бошад.[3]

35. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, ки фармуд: Ё Алӣ ман аз парвардигорам чизе нахостам магар он ки барои ту низ мисли онро хостам, ҷуз ки баъд аз ман паёмбаре нест, манам хотами паёмбарон ва туйӣ хотами васийин (васиятшудагон).[4]

36. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, ки фармуд: Ё Алӣ! Мардум аз дарахтони гуногун офарида шудаанд, вале ману ту аз як дарахт офарида шудаем ва манам решаи он

1. Ҳамон, ҳ.308.
2. Ҳамон, ҳ.314.
3. Ҳамон, саҳ.73, ҳ.341.
4. Ҳамон, саҳ.72, ҳ.337.

ва туйӣ баданаи он ва Ҳасану Ҳусейн шохаҳои он ва шиъаёни мо баргҳои он ҳастанд, ҳар ки ба шохае аз он чанг занад, Худованд ӯро вориди биҳишт мекунад.[1]

37. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, ки хитоб ба ҳазрати Алӣ (а) фармуд: Биҳишт муштоқи туст ва муштоқи Аммор ва Салмон ва Абузар ва Миқдод.[2]

38. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, ки ба Алӣ (а) фармуд: Дар ту масале аз Исо (а) аст, насоро ӯро дӯст доштанд ба гунае, ки дар муҳаббати ӯ кофир шуданд ва яҳуд ӯро душман доштанд, ба гунае, ки дар буғзи ӯ кофир шуданд.[3]

39. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, ки фармуд: Ҳасан ва Ҳусейн бартарини аҳли замин ҳастанд баъд аз ман ва баъд аз падарашон ва модари он ду бартарини

1. Ҳамон, саҳ.72, ҳ.340.
2. Ҳамон, саҳ.63, ҳ.306.
3. Ҳамон, саҳ.63, ҳ.263.

занони аҳли замин мебошанд.[1]

40. Ва аз расули Худо (с) ривоят намуд, ки (а) фармуд: Ё Алӣ (а) ту ва ду фарзандам интихобшудаи Худо ҳастед аз халқи ӯ.[2]

---

1. Ҳамон, саҳ.62, ҳ.252.
2. Ҳамон, саҳ.59, ҳ.218.

41.

## 5. Ҳазрати Ризо (а) ва ҳазрати Фотима (с)

Аз ривоёти мутааддид (фаровон) бармеояд, ки ҳазрати Ризо (а) иноят доштааст то ёд ва номи модарашон ва фазоили эшонро барои мардум бозгӯ намоянд. Ба бархе аз ин ривоёт ишора мекунем.

Ҳазрати Ризо (а) аз расули Худо (с) ривоят кард, ки фармуд: Духтарам Фотима (с) рӯзи қиёмат дар ҳоле маҳшур мешавад, ки бо либосҳое аст рангин аз хун, ӯ ба пояе аз пояҳои арш чанг мезанад ва арз мекунад: Эй додгар миёни ман ва қотили фарзандонам ҳукм намо. Паёмбар (с) фармуд: Ба Худои Каъба савганд, ки Худованди мутаол ба нафъи духтарам доварӣ мекунад ва ҳамоно Худованд бо хашми Фотима (а) хашмгин мешавад ва бо ризои ӯ розӣ мегардад.[1]

Дар ривояти дигаре ҳазрати Ризо (а) аз паёмбари Худо (с) нақл кард, ки фармуд: Фариштае назди ман омад ва гуфт: Эй Муҳаммад (с) Худованд

1. «Уюну ахборур Ризо (а)» ҷ.2, саҳ.25.

ба ту салом мерасонад ва мефармояд: Ман Фотимаро бо Алӣ тазвиҷ кардам ва дастур додам дарахти Туборо, ки дурр ва ёқут ва марҷон бардорад ва аҳли осмон аз он шод гаштаанд ва ба зудӣ аз ин ду, ду сарвари ҷавонони аҳли биҳишт мутаваллид мешавад, ки зинати аҳли биҳишт ҳастанд. Мужда бод туро эй Муҳаммад, ки ту бартарин, аввалин ва охирин ҳастӣ.[1]

Ҳазрати Ризо (а) аз паёмбари Худо (с) ривоят кард, ки фармуд: Чун рӯзи қиёмат шавад, мунодӣ нидо мекунад эй мардум! Чашмҳоро фурӯ бандед, то Фотима, духтари Муҳаммад (с) убур кунад.[2]

Ҳазрати Ризо (а) аз паёмбари Худо (с) ривоят кард, ки фармуд: Ман Фотима(с)-ро ба Алӣ тазвиҷ накардам, магар ба ҷиҳати дастуре, ки Худованд дар мавриди издивоҷи ӯ ба ман дод.[3]

Ҳамчунин аз паёмбари Худо (с) ривоят кард, ки фармуд: Ҳамоно Фотима покдоман буд ва Худованд

1. Ҳамон, саҳ.26.
2. Ҳамон, саҳ.31, ҳ.55.
3. Ҳамон, саҳ.59, ҳ.226.

фарзандони ӯро бар оташ ҳаром кард.[1]

Ҳазрати Ризо (а) аз имом Алӣ (а) ривоят кард, ки фармуд: Паёмбар (с) ба ман фармуд: Ё Алӣ! Мардоне аз Қурайш дар мавриди Фотима маро сарзаниш карданд ва гуфтанд: Мо ӯро хостгорӣ кардем ва ту моро маҳрум ва ӯро ба Алӣ (а) тазвиҷ кардӣ. Ман ба онҳо гуфтам: Ба Худо савганд ман шуморо маҳрум накардам ва ӯро ба Алӣ (а) тазвиҷ накардам, балки Худованди мутаол шуморо маҳрум ва Алӣ(а)-ро тазвиҷ кард. Пас Ҷабраил нозил шуд ва гуфт: Эй Муҳаммад (с)! Худованди ҷалла ҷалолуҳу мефармояд: Агар Алӣ(а)-ро намеофаридам, бар рӯи замин аз Одам гирифта то дигаре барои духтарат Фотима (с) ҳамтое набуд.[2]

Ҳазрати Ризо (а) аз паёмбари Худо (с) ривоят кард, ки фармуд: Ман духтарамро Фотима (а) номидам, зеро Худованд азза ва ҷалла ӯ ва дӯстонашро аз ҷаҳаннам ҷудо кардааст.[3]

Ҳазрати Ризо (а) аз паёмбари Худо (с) ривоят

1. Ҳамон, саҳ.63, ҳ.264.
2. Ҳамон, ҷ.1, саҳ.177, ҳ.3.
3. «Уюну ахборур Ризо (а)» ҷ.2, саҳ.46, ҳ.178.

кард, ки фармуд: Ҳамоно Худованди мутаол ба хашми Фотима (а) хашм мекунад ва бо ризои ӯ, розӣ мешавад.[1]

1. Ҳамон, ҳ.176.

## 6. Ҳазрати Ризо (а) ва имом Ҳусейн (а)

Ривоёти фаровоне аз ҳазрати Ризо (а) дар мавриди сайидушшуҳадо (а) ворид шудааст, ки нишон аз инояти он бузургвор ба ҷаддаш мебошад, ба вижа, дар мавриди масоили зиёрат ва гиря бар он ҳазрат.

Гоҳе аз паёмбар (с) нақл мефармуд: Қотили Ҳусейн ибни Алӣ (а) дар тобуте аз оташ аст ва бар ӯст ниме аз азоби аҳли дунё[1] ва аз паёмбари акрам (с) ривоят намуд, ки фармуд: Ҳусейнро (а) бадтарини уммати ман мекушад….[2]

Ва ҳазрати Ризо (а) фармуд: Чун сари муқаддаси Ҳусейн ибни Алӣ (а)-ро ба Шом бурданд, Язид лаънатуллоҳи дастур дод суфрае барои ӯ андохтанд, ӯ ва асҳобаш ғизо ва оби ҷав мехӯрданд. Пас аз он сарро дар таште зери тахт қарор дод ва бар он бисоти шатранҷ паҳн карданд ва Язид алайҳиллаъна

---

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.2, саҳ.21, ҳ.50.
2. Ҳамон, ҳ.176.

шатранҷбозӣ мекард ва ба Ҳусейн ва падар ва ҷадди ӯ (с) бадгӯӣ мекард ва масхара менамуд ва ҳар гоҳ ҳамбозии худро зарбае мезад, се ҷуръа оби ҷав менӯшид. Зиёдиашро канори ташт бар замин мерехт. Ҳар ки аз шиъаёни мост бояд аз нӯшидани оби ҷав ва бозӣ бо шатранҷ парҳез кунад ва ҳар ки бо оби ҷав ё шатранҷ нигоҳ кунад, Ҳусейнро ёд ва оли Язидро лаънат кунад то Худованд гуноҳони ӯро биёмурзад, ҳарчанд ба адади ситораҳо бошад.[1]

Дар ҳадиси дигаре Абудуссалом ибни Солеҳ ба имом Ризо (а) гуфт: «Дар мавриди ин ҳадис, ки имом Содиқ (а) фармуд: Чун қоим хуруҷ кунад, фарзандони қотилони Ҳусейн(а)-ро ба ҷиҳати корҳои падаронашон мекушад, чӣ мефармоед? Ҳазрат фармуд: Дуруст аст. Вай гуфт: Пас ин сухани Худованди азза ва ҷалла, ки мефармояд: Ҳеҷ кас ба гуноҳи дигаре муохиза намешавад, чӣ маъное дорад? Ҳазрат фармуд: Худованд дар ҳамаи суханон дуруст фармудааст, вале фарзандони қотилони Ҳусейн ба кори падаронашон розӣ ҳастанд ва

1. Ҳамон, ҳ.50.

ифтихор мекунанд ва ҳар ки ба чизе розӣ бошад мисли касе аст, ки анҷом додааст. Агар марде дар машриқ кушта шавад ва дигаре дар мағриб ба он розӣ бошад, назди Худованди азза ва ҷалла шарики қотил аст… .[1]

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.1, саҳ.212, ҳ.5.

## Ҳазрати Ризо (а) ва зиёрати имом Ҳусейн (а)

Ҳазрати Ризо (а) инояти хосе ба даъвати мардум ба зиёрати сайидушшуҳадо (а) ва гиря бар ҳазрат ва таваҷҷуҳ ба эшон доштаанд, ки намунаҳое аз он зикр мешавад.

Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Ҳар ки Ҳусейн ибни Алӣ (а)-ро бо шинохти ҳаққи ӯ зиёрат кунад, аз касоне аст, ки ҳамсӯҳбати Худованд дар болои арши ӯ мебошанд ва сипас ҳазрат ин оятро тиловат намуд: «Яқинан парҳезгорон дар боғҳо ва наҳрҳои биҳиштӣ ҷой доранд, дар ҷойгоҳи сидқ назди Худованди молики муқтадир».[1]

Гоҳе мефармуд: Ҳар ки қабри Абиабдуллоҳро дар канори Фурот зиёрат кунад, ҳамчун касе аст, ки Худоро болои арши ӯ зиёрат кардааст.[2]

Гоҳе низ мефармуд: Ҳар ки қабри Ҳусейнро (а) зиёрат кунад, ҳаҷ ва умра кардааст. Ровӣ пурсид: Оё

1. Қуръони маҷид, сураи «Қамар», ояҳои, 54 ва 55.
2. Ҳамон, боби 59, ҳ.2.

ҳаҷҷатул ислом аз ӯ соқит мешавад? Фармуд: на. Зиёрати имом Ҳусейн ҳаҷҷи шахси заъиф аст то тавон ёбад то ҳаҷҷи байтиллоҳил ҳаром биравад. Оё намедонӣ, ки хонаи Худоро ҳар рӯз ҳафтод ҳазор фаришта тавоф мекунанд ва чун шаб шавад онҳо мераванд ва гурӯҳи дигар меоянд то субҳ ва ҳамоно қабри Ҳусейн (а) назди Худованд аз хонаи Худо гиромитар аст ва дар вақти ҳар намоз, ҳафтод ҳазор фаришта мупарешон ва жӯлида ва ғуборолуд бар ӯ фуруд меоянд, ки то рӯзи қиёмат дигар навбат ба онҳо намерасад![1]

Ҳамчунин мефармуд: Ҳар ки рӯзи арафа назди қабри Ҳусейн (а) бошад, Худованд ӯро бо дили хунук бармегардонад.

1. Ҳамон, боби 65, ҳ.6.

## Имом Ризо (а) ва турбати сайидушшуҳадо (а)

Марде мегӯяд: Ҳазрати Ризо (а) бастаи либосеро аз Хуросон бароям фиристод, миёни онҳо миқдоре хок буд, ба фиристодаи ҳазрат гуфтам: Ин чист? Гуфт: Ин хоки қабри имом Ҳусейн (а) аст, ҳазрати Ризо (а) ҳеҷ либос ё шайъеро намефиристад, магар он ки дар миёни он аз ин хок қарор медиҳад ва мефармояд: Ин хок амон аст бо иҷозаи Худованд.[1]

Ва дар ривояти дигаре вақте шахсе аз болои сари сайидушшуҳадо (а) турбати қирмизрангеро бардошт ва назди ҳазрати Ризо (а) овард, ҳазрат онро дар кафи дасти муборак гирифт ва бӯйид, сипас гирист ба гунае, ки ашкҳояш ҷорӣ шуд ва фармуд: Ин турбати ҷадди ман аст.[2]

---

1. Ҳамон, боби 92, ҳ.1.
2. Ҳамон, боби 93, ҳ.11.

## Имом Ризо (а) ва аҳамияти аъзодорӣ бар сайидушшуҳадо (а)

Ҳасан ибни Физол гӯяд: Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Ҳар ки масоиби (мусибатҳои) моро ёд кунад ва ба ҳар он чӣ бо мо шуда бигиряд, дар рӯзи қиёмат дар дараҷаи мо бо мо хоҳад буд ва ҳар ки ӯро ба ёди масоиби мо андозанд ва бигирёнад, чашми ӯ нагиряд он рӯз, ки чашмҳо мегиряд ва ҳар ки дар маҷлисе нишинад, ки амри мо дар он зинда мешавад, дилаш намирад, рӯзе, ки дилҳо мемирад.[1]

1. «Биҳор», ҷ.44, саҳ.278, аз имоми Садуқ ва «Уюнул ахбор».

# Ашкҳои ҷорӣ дар мусибати сайидушшуҳадо (а)

Имом Ризо (а) фармуд: Муҳаррам моҳе аст, ки аҳли ҷоҳилият ҷангро дар он ҳаром медонистанд, вале хунҳои мо дар он ҳалол шумурда шуд ва ҳурмати мо ҳатк гардид ва фарзандон ва занҳои мо асир гаштанд, дар хаймаҳои мо оташ афканданд ва ҳар чӣ аз асос (доройӣ) буд, ғорат шуд ва барои паёмбари Худо (с) нисбат ба мо ҳеҷ ҳурмате муроот нагардид.

Ҳамоно рӯзи мусибат ва қатли Ҳусейн пилкҳои моро аз касрати ашк маҷруҳ кард ва ашки моро сарозер намуд, азизи моро дар сарзамини ғам ва бало хор кард ва барои мо то рӯзи қиёмат ғам ва бало ба ирс гузорид. Бар ҳамчун Ҳусайн (а) бояд гирякунандагон бигирянд, ҳамоно гиря бар ӯ гуноҳони бузургро фурӯ мерезад.

Сипас фармуд: Вақте моҳи Муҳаррам шуд, касе

ӯро хандон намедид ва ғам бар ӯ чира мегашт то он, ки даҳ рӯз мегузошт, рӯзи даҳум рӯзи мусибат ва ғам ва гиряи ӯ буд ва мефармуд: Ин рӯзе аст, ки Ҳусейн (а) дар он кушта шуд.[1]

1. «Биҳоруланвор», ҷ.44, саҳ.283, аз «Амолӣ»-и Садуқ, маҷлиси 27.

# Гиря бар Ҳусейн (а)

Райён ибни Шабиб мегӯяд: Дар аввали Муҳаррам назди ҳазрати Ризо (а) рафтам, фармуд: Эй писари Шабиб! Оё рӯзадорӣ? Арз кардам: Хайр, фармуд: Имрӯз рӯзе аст, ки Закариё дар он дуо кард, сипас фармуд: Эй писари Шабиб Муҳаррам ҳамон моҳе аст, ки аҳли ҷоҳилият дар гузашта ҷанг ва зулмро ба ҷиҳати эҳтироми ин моҳ ҳаром медонистанд, вале ин уммат на ҳурмати ин моҳро шинохт ва на ҳурмати паёмбари худро. Дар ин замон фарзандони паёмбарро куштанд ва занони ӯро асир карданд ва дороии ӯро ба ғорат бураданд, Худованд эшонро наёмурзад.

Эй писари Шуъайб! Агар бар чизе мегирйӣ, бар Ҳусейн ибни Алӣ ибни Абитолиб (а) гиря кун, ки ӯро монанди гусфанд сар буриданд, ҳамроҳи ӯ ҳаждаҳ мард аз хонадони ӯ кушта шуданд, ки дар рӯи замин монанд надоштанд, осмонҳо ва заминҳои ҳафтгона бар қатли ӯ гиристанд, чаҳор фаришта барои кумак ба ӯ нозил шуданд ва чун ҳазратро

кушта ёфтанд, назди қабри ӯ жӯлида ва ғуборолуд то қиёми қиёмат хоҳанд буд ва аз ёрони вай мебошанд ва шиори онҳо эй хунхоҳони Ҳусейн (а) аст.

Эй писари Шабиб! Агар хушҳол мекунад туро, ки Худованди азза ва ҷалларо бидуни гуноҳ мулоқот кунӣ, Ҳусейн(а)-ро зиёрат кун, эй писари Шабиб агар хушҳол мекунад туро, ки дар ғурфаҳои сохташуда дар биҳишт бо паёмбар (с) сокин шавӣ, қотилони Ҳусейнро лаънат кун.

Эй писари Шабиб! Агар хушҳол мекунад туро, ки савобе мисли савоби касе, ки бо Ҳусейн шаҳид гаштааст бибарӣ, ҳар гоҳ ӯро ёд кунӣ, бигӯ эй кош ман бо эшон будам ва ба растагории бузург мерасидам.

Эй писари Шабиб! Агар хушҳол мекунад туро, ки бо мо дар дараҷоти баланд бошӣ, дар ғами мо ғамгин ва дар хушҳолии мо хушҳол бош ва бар ту бод, ба вилояти мо, ки агар марде сангеро дӯст бидорад (ё валии худро бигирад) Худованд ӯро дар қиёмат бо он маҳшур мекунад.[1]

1. «Биҳоруланвор», ҷ.44, саҳ.286, аз «Амолӣ»-и Садуқ ва «Уюну ахборур Ризо (а)».

## Мушкилоти асосии ҳазрати Ризо (а) дар замони имомат

Имомати ҳазрати Ризо (а) аз соли 183 ҳ.қ. бо шаҳодати падари бузургвораш оғоз шуд ва бист сол, яъне то соли 203 ҳ.қ. тӯл кашид.

Дар ин муддат, ҳазрат бо таносуби айём бо мушкилоти гуногуне мувоҷеҳ буд. Дар оғози имомати эшон мушкили бузург ва сангини воқифия пеш омад, ки то муддатҳо ҷомеаи шиъаро ба худ машғул кард.

# Мушкили аввал: Воқифия ва муборизоти ҳазрати Ризо (а) бо ин гурӯҳ

## Мазҳаби вақф ва иллати эҷоди он

Баъд аз шаҳодати ҳазрати Козим (а) дар он буҳрони сахт, ки ҳукумати вақт, раҳбари ҷомеаро ба шаҳодат расонида буд ва ҷомеаи шиъа дар изтироб ба сар мебурд, ногоҳ яке аз бузургтарин арсаҳои имтиҳони илоҳӣ падид омад ва он шубҳаи воқифия буд, ки сабаби инҳирофи бисёре аз шиъаён ва таҷзия ва тазъифи (заъиф шудани) эшон шуд. Сахтӣ ва густариши ин шубҳа аз он ҷо буд, ки муассисони ин мазҳаби ҷаълӣ (сохта) аз вукалои (вакилони) ҳазрати Мӯсо ибни Ҷаъфар (а) ва аз афроди шинохташудаи ҷомеаи шиъа буданд ва замоне, ки ҳазрати Козим (а) дар зиндони Ҳорун гирифтор шуд, мардум ба эшон муроҷиа мекарданд ва амволи бисёре аз имом (а) назди онҳо ҷамъ шуда буд. Баъд аз шаҳодати ҳазрати Козим (а) барои тасоҳуби (соҳибӣ кардани) амвол муддаӣ шуданд, ки

Мӯсо ибни Ҷаъфар (а) шаҳид нашуда ва зинда аст ва ӯ ҳамон имоми қоим аст, ки баъд аз муддате қиём хоҳад кард!

Шайхи Тусӣ (қаддаса сирраҳу) гӯяд: Аввалин касоне, ки ин мазҳабро интишор доданд се нафар бо номҳои Алӣ ибни Ҳамзаи Батоинӣ ва Зиёд ибни Марвони Қандӣ ва Усмон ибни Исо буданд. Инон ба ҷиҳати моли дунё даст ба ин кор заданд ва гурӯҳе мисли Ҳамза ибни Базеъ, ибнал Макорӣ ва Карроми Хасъамӣ ва монанди эшонро бо амвол хариданд ва онҳоро мувофиқи худ намуданд.[1]

Юнус ибни Абдурраҳмон гӯяд: Чун ҳазрати Козим (а) аз дунё рафт назди ҳар як аз коргузорони ҳазрат моли бисёре ҷамъ шуда буд, Зиёд ибни Марвон ҳафтод ҳазор динор, Алӣ ибни Абиҳамза сӣ ҳазор динор ва ҳамин сабаби вақф ва инкор шаҳодати ҳазрат буд, вақте ман ҳақро шинохтам ва мардумро ба тарафи ҳазрати Ризо (а) даъват мекардам, он ду нафар (Алӣ ибни Абиҳамза ва Зиёд ибни Марвон) ба ман эътироз карданд ва гуфтанд:

---

1. «Алғайба», саҳ.42.

Агар ғарази ту мол аст, мо туро бениёз мекунем ва даҳ ҳазор динор ба ман пешниҳод карданд, то сокит шавам, вале ман ба онҳо гуфтам: Аз ҳазароти содиқин (а) ривоят аст, ки чун бидъатҳо зоҳир шавад бар ӯҳдаи донишмандон аст, ки дониши худро зоҳир кунанд вагарна имон аз онҳо гирифта мешавад ва ман ҷиҳод дар роҳи Худоро дар ҳеҷ ҳол раҳо намекунам, ба ин ҷиҳат онҳо бо ман душман шуданд.[1]

---

1. «Алғайба», саҳ.43.

# Инҳирофи бисёре аз шиъаён бар асари шубҳаи вақф

Шубҳаи воқифия ба ҷиҳате, ки зикр шуд дар ибтидо бисёр густарда буд ба гунае, ки бисёре аз шиъаёнро мунҳариф кард ва ҳазрати Ризо (а) –ро бо мушкилоти фаровоне мувоҷеҳ намуд, то он ки саранҷом бо талоши густардаи ҳазрати Ризо (а) ва ёрони бовафои он ҳазрат кам – кам маҳор шуд (пешгирӣ шуд) ва воқифия расво шуданд ва бисёре аз онҳо, ки мутассифона номи бузургоне чун Абдурраҳмон ибни Ҳаҷҷоҷ, Рифоъа ибни Мӯсо, Юнус ибни Яъқуб, Ҷамил ибни Дарроҷ, Ҳамод ибни Исо, Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абинаср ва Ҳасан ибни Алӣ ва[1] … дар миёни онҳо бурда шудааст, ба иштибоҳи худ пай бурданд ва ба ҳақ руҷӯъ карданд.

Аҳмад ибни Муҳаммад мегӯяд: Ҳазрати Ризо (а) бо садои баланд ба ман фармуд: Эй Аҳмад! Арз кардам: Бале. Фармуд: Чун расули Худо (с) аз дунё рафт мардум ҷиҳати хомӯш кардани нури Худо

1. Ба китобҳои риҷолӣ мисли «Риҷол»и Наҷошӣ ва шайхи Тусӣ ва ибни Довуд ва ... муроҷиа шавад.

талош карданд, вале Худованд нахост, магар он ки нури худро ба василаи амирулмӯъминин комил намуд ва чун Абулҳасан (Мӯсо ибни Ҷаъфар (а)) аз дунё рафт, Алӣ ибни Абиҳамза ва ёронаш дар хомӯшии нури Худо талош карданд, вале Худованд ирода кард, ки нури худро комил кунад, ҳамоно аҳли ҳақ вақте касе ба онҳо бипайвандад, хушҳол мешаванд, вале чун касе аз онҳо ҷудо шавад, бетобӣ намекунанд, зеро онҳо ба кори худ яқин доранд, аммо аҳли ботил чун касе ба онҳо бигаравад хушҳол мешаванд ва чун аз онҳо ҷудо шавад бетобӣ мекунанд, чун дар кори худ тардид доранд. Худованд, ки азаматаш бузург бод, мефармояд: Бархе собит ва бархе нопойдор[1] ва Абуабдуллоҳ (имом Содиқ (а)) мегуфт: Пойдор касе аст, ки дар эътиқод собит аст ва нопойдор касе аст, ки имон ба ӯ ория дода шудааст[2], яъне аз инҳирофи бархе асҳоби имом Козим (а) набояд мутазалзил шуд, зеро имони онҳо ориятӣ будааст.

1. «Аланъом» ояти 98.
2. «Биҳоруланвор», саҳ.261.

# Иқдомҳои ҳазрати Ризо (а) дар муқобили воқифия

Ҳазрат талоши густардае барои рафъи ин шубҳа ва муқобила бо ин гурӯҳи мунҳариф ва хатарнок ба кор гирифт, гоҳе бо баҳс бо руасо (сардорон) ё тарафдорони онҳо мепардохт ва гурӯҳеро бо нишон додани бархе мӯъҷизот ҳидоят мекард ва гоҳе ба ифшогарӣ дар мавриди онҳо мепардохт ва хиёнат ва дурӯғгӯии онҳоро баён мекард ва гоҳе шиъаро аз ҳамнишинӣ бо онҳо манъ мекард ва гоҳе онҳоро ба шиддат мавриди лаън ва мазаммат қарор медод.

## Музокираи ҳазрати Ризо (а) бо сарони воқифия

Дар ривоят аст, ки се нафар аз сарони воқифия ба номҳои Алӣ ибни Абиҳамза ва Аҳмад ибни Сарроҷ ва Ҳусейн ибни Ҳишом маъруф ба Ибнал Макорӣ назди ҳазрати Ризо (а) омаданд. Алӣ ибни Абиҳамза ба ҳазрат гуфт: Падарат чӣ шуд? Фармуд: Аз дунё рафт. Пурсид: Бо марг. Фармуд: Оре. Гуфт ба чӣ касе васият кард? Фармуд: Ба ман. Гуфт: Пас он имоме, ки итоати ӯ аз ҷониби Худованд воҷиб аст шумоед? Фармуд: Оре.

Он ду нафари дигар гуфтанд: Худованд ба Шумо қудрат додааст. Ҳазрати фармуд: Вой бар ту, чӣ қудрате? Оё мехоҳед ба Бағдод равам ва ба Ҳорун бигӯям ман имоми воҷибулитоат ҳастам, ба Худо, ки вазифаи ман ин нест. Он чӣ ба шумо гуфтам ба ҷиҳати он буд, ки ба ман хабар расид, ки шумо дучори тафриқа шудаед, хостам то сирри шумо дар

миёни душманон наяфтад. Алӣ ибни Абиҳамза гуфт: Шумо чизеро зоҳир кардаед, ки ҳеҷ як аз падарони шумо аланӣ (ошкор) намекард ва ба забон намеовард. Ҳазрат фармуд: Чунин нест ба Худо савганд, ки беҳтарини падаронам расулуллоҳ (с) ба забон овард вақте Худованд ба ӯ дастур дод то ақвоми наздики худро бим диҳад ва ӯ чиҳил нафар аз хонадони худро даъват кард ва ба онҳо гуфт: Ман фиристодаи Худо ба шумоям ва он ки беш аз ҳама такзиб кард ва ба ӯ ҳамлавар шуд амакаш Абулаҳаб буд. Паёмбар (с) ба онҳо фармуд: Агар Абулаҳаб як харош ба ман бизанад ман паёмбар нестам ва ин нишонаи аввалини паёмбарии ман аст, ки барои Шумо изҳор мекунам. Сипас ҳазрати Ризо (а) фармуд: Ва ман низ мегӯям: Агар Ҳорун як харош бар ман ворид кунад, ман имом нестам ва ин аввалин нишонаи имомат аст, ки барои шумо изҳор мекунам.

Алӣ ибни Абиҳамза гуфт: Мо аз падарони Шумо ривоят дорем, ки корҳои имом (ғусл, кафан, намоз ва дафн)-ро ҷуз имом мутаваллӣ (сарпараст)

намешавад (яъне агар Шумо имом будед бояд ин умурро дар мавриди падарат Мӯсо ибни Ҷаъфар (а) анҷом медодӣ, бо он ки Шумо дар Мадина будед ва эшон дар Бағдод). Ҳазрат фармуд: Оё Ҳусейн ибни Алӣ имом буд ё на? Гуфт: Оре. Фармуд: Ӯҳдадори кори ӯ, ки буд? Гуфт: Алӣ ибни Ҳусейн (а). Фармуд: Алӣ ибни Ҳусейн куҷо буд? Ӯ, ки дар дасти Убайдуллоҳ ибни Зиёд гирифтор буд? Гуфт: Ӯ махфиёна омад ва умури падарро анҷом дод ва баргашт. Ҳазрат фармуд: Агар Алӣ ибни Ҳусейн (а) (ки дар зиндон ва асир буд) тавонист ба Карбало биёяд ва корҳои падарро анҷом диҳад, соҳиби ин амр, яъне ҳазрати Ризо (а), низ метавонад (аз Мадина) ба Бағдод ояд ва мутаваллии кори падар шавад ва баргардад, бо ин ки ӯ дар зиндон ва асорат нест…[1]

1. «Биҳоруланвор», ҷ.48, саҳ.261 ва «Ихтиёрул риҷол» саҳ.463.

## Дастури дурӣ аз вақфия

Муҳаммад ибни Осим мегӯяд: Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Ба ман хабар расидааст, ки бо вақфия ҳамнишин ҳастӣ. Арз кардам: Фидоят шавам ман бо онҳо ҳамнишин ҳастам, вале бо онҳо ҳамақида нестам. Ҳазрат фармуд: Бо онҳо ҳамнишин мабош, Худованди азза ва ҷалла мефармояд: Дар китоб бар Шумо нозил шудааст, ки чун шунидед ба оёти илоҳӣ куфр меварзанд ва масхара мекунанд бо онҳо манишинед то ба сухани дигар пардозанд вагарна шумо ҳам мисли онҳо хоҳед буд ва манзур аз оёти илоҳӣ авсиё ҳастанд, ки воқифия ба онҳо куфр варзидаанд.[1]

Ва ин ҳадиси шариф ва монанди он дарсе аст, ки барои пайравони ҳазрати Ризо (а), ки аз ҳамнишинӣ бо касоне, ки мухолифи дин ва ё аҳли байт (а) ҳастанд, бипарҳезанд ва дар маҳофили (маҳфилҳои) онҳо ширкат наҷӯянд.

1. «Биҳоруланвор», ҷ48, саҳ.264.

## Бархе каромоти ҳазрати Ризо (а) барои ҳидояти шиъаён

Шахсе ба номи Ибни Абикасир гӯяд: Баъд аз реҳлати Мӯсо ибни Ҷаъфар (а) мардум дар мавриди ҳазрати Ризо (а) таваққуф карданд. Ман дар он сол ба ҳаҷ рафтам, ногоҳ ҳазрати Ризо (а)-ро дидам дар дилам ин оя гузашт: Оё пайрави инсоне аз худамон бошем?[1]

Ногоҳ ҳазрати Ризо (а) мисли барқи ҷаҳанда канори ман омад ва дар ҳоле, ки аз замири ман огоҳ шуда буд, фармуд: Ба Худо савганд манам он инсоне, ки бояд аз он пайравӣ кунӣ! Арз кардам: Аз Худо ва Шумо узрхоҳӣ мекунам, фармуд: Ту бахшудаӣ.[2]

Дар намунае дигар Абдуллоҳ ибни Муғира гӯяд: Ман воқифӣ будам ва бо ҳамон ҳол ба ҳаҷ рафтам, канори хонаи Худо ба Худованд гуфтам: Худоё ту

1. Қуръони карим, сураи «Қамар», ояи. 24.
2. «Биҳоруланвор», ҷ.49, саҳ.38.

медонӣ ман дар пайи чистам. Маро ба беҳтарин дин ҳидоят намо. Ба дунболи он дар дилам афтод, ки назди ҳазрати Ризо (а) равам. Ба Мадина омадам ва канори дари хонаи ҳазрат ба ходим гуфтам: Бигӯ марде аз Ироқ дар канори дар аст. Ногоҳ садои ҳазратро шунидам, ки мефармуд: Эй Абдуллоҳ ибни Муғира! Биё дохил. Вақте ворид шудам, ки мефармуд: Худованд дуоятро мустаҷоб ва туро ба дини худ ҳидоят кард. Арз кардам: Гувоҳӣ медиҳам, ки шумоед ҳуҷҷати Худо ва амини ӯ бар халқаш.[1]

1. «Биҳоруланвор», ҷ.49, саҳ.39.

## Оқибати бархе аз тарафдорони воқифия аз забони ҳазрати Ризо(а)

Иброҳим ибни Яҳё мегӯяд: Ҳазрати Ризо (а) ба ман фармуд: Он бадбахт Ҳамза ибни Язеъ чӣ кард? Арз кардам: Омадааст. Фармуд: Ӯ мепиндорад, падарам зинда аст, инон имрӯз мураддад (дар шак) ҳастанд ва фардо бо зиндақа (куфр) хоҳанд мурд.[1]

Ва ҳазрат яке аз сарони воқифия яъне Ибни Меҳронро нафрин кард ва фармуд: Худованд нури қалби туро бибарад ва фақрро дар хонаат дохил кунад[2] ва Алӣ ибни Абиҳамза раиси воқифияро лаънат кард ва ӯро мушрики малъун номид.[3]

Ҳасан ибни Алии Вашшоъ, ки худ ибтидо мураддад (дар шак буд) ва сипас бо эъҷози ҳазрати Ризо (а) ба ҳақ гаравид мегӯяд: Сарварам ҳазрати Ризо(а) дар Марв маро хост ва фармуд: Эй Ҳасан! Имрӯз Алӣ ибни Ҳамза дар Куфа мурд ва ӯро ҳамин соат дар қабр ниҳоданд ва ду фаришта ба ӯ ворид

1. «Биҳоруланвор», ҷ.48, саҳ.256.
2. Ҳамон, саҳ.261.
3. Ҳамон, саҳ.257.

шуданд ва аз ӯ пурсиданд: Худоят кист? Гуфт: Аллоҳ. Пурсиданд: Паёмбарат кист? Гуфт: Муҳаммад (с). Пурсиданд: Валии ту кист? Гуфт: Алӣ ибни Абитолиб. Гуфтанд: Баъд аз ӯ? Гуфт: Ҳасан. Пурсиданд: Баъд аз ӯ. Гуфт: Ҳусейн. Пурсиданд: Баъд аз ӯ? Гуфт: Алӣ ибни Ҳусейн. Пурсиданд: Баъд аз ӯ? Гуфтам: Муҳаммад ибни Алӣ. Пурсиданд: Пас аз ӯ? Гуфт: Ҷаъфар ибни Муҳаммад. Пурсиданд: Баъд аз ӯ? Гуфт: Мӯсо ибни Ҷаъфар. Пурсиданд: Баъд аз ӯ? Забонаш мутазалзил шуд, бо пархош ба ӯ гуфтанд: Пас аз ӯ? Сокит шуд. Пурсиданд: Оё Мӯсо ибни Ҷаъфар туро ба ин дастур дод? Сипас бо гурзи оташин зарбае ба ӯ заданд, ки қабраш то қиёмат оташ гирифт!

Ҳасан ибни Алии Вашшоъ гӯяд: Аз назди ҳазрат берун омадам ва таърихи он рӯзро ёддошт кардам ва пас аз чанд рӯз аз Куфа нома омад, ки Батоинӣ (Алӣ ибни Абиҳамза) дар ҳамон рӯз мурдааст ва дар ҳамон соат, ки ҳазрат фармуда буд, ӯро дар қабр ниҳода буданд. [1]

---

1. «Биҳоруланвор», ҷ.49, саҳ.38.

## Мушкили дуввум: Таъхир дар таваллуди ҳазрати Ҷавод (а)

Аз ҷумлаи умуре, ки имтиҳони илоҳиро дар замони ҳазрати Ризо (а) барои шиъаён сахт ва баҳонаи муъонидон (кинатузон)-ро дар мухолифат бо эшон зиёд мекард, ин буд, ки валодати ҳазрати Ҷавод (а) ба унвони аввалин фарзанди эшон дар даҳаи охири умри ҳазрат, ҳангоме, ки умри шарифаш аз чиҳил сол фаротар буд, иттифоқ афтод, яъне беш аз даҳ сол аз имомати ҳазрат, ки дар синни 25 солагӣ оғоз шуда буд, мегузашт.

Ҳамин амр сабаб шуд, то иддае бар ҳазрати Ризо (а) ба ҷиҳати надоштани ҷонишин хурда бигиранд. Бинобар ин, ҳазрати Ризо (а) таъкид менамуд, ки Худованд ба ман фарзанде хоҳад дод. Калим ибни Имрон ба ҳазрати Ризо (а) гуфт: Аз Худованд бихоҳ ба Шумо фарзанде иноят кунад. Ҳазрат фармуд: Ба ман фарзанде дода хоҳад шуд, ки вориси ман аст.[1]

1. «Биҳоруланвор», ҷ.50, саҳ.15.

Шахсе ба Бизантӣ аз ёрони имом Ризо (а) гуфт: Баъд аз соҳиби ту ҳазрати Ризо (а) имом кист? Аз ҳазрати бипурс. Вай назди имом рафт ва аз эшон пурсид. Ҳазрат фармуд: Имоми баъд аз ман писарам мебошад, сипас изофа намуд: Оё касе метавонад бигӯяд писарам ва писаре надошта бошад? Муддате баъд ҳазрати Ҷавод (а) мутаваллид шуд.[1]

Ақаба ибни Ҷаъфар ба ҳазрати Ризо (а) гуфт: Шумо ба ин синн расидаед, вале фарзанде надоред? Ҳазрат фармуд: Соҳиби ин амр намемирад то ҷонишини худро бубинад.[2]

Дигаре ба ҳазрати Ризо (а) гуфт: Оё имомати Шумо дар амак ва таѓо мешавад? Фармуд: На. Пурсид: Дар бародар чӣ? Фармуд: На. Пурсид пас дар кист? Фармуд: Дар фарзандам, бо он ки он рӯз фарзанде надошт.[3]

Ва мукаррар (ба такрор) аз ҳазрат дар ин маврид мепурсиданд ва эшон мефармуд: Худованд

1. Ҳамон, саҳ.21, ва Ҳамон, саҳ.22 аз «Кофӣ» ва «Иршоди муфид».
2. Ҳамон, саҳ.35.
3. «Биҳоруланвор», ҷ.50, саҳ.21.

ба ман писаре иноят хоҳад кард.[1]

Ҳусейн ибни Қиёмо, ки аз сарони гурӯҳаки воқифия буд ба ҳазрати Ризо (а) гуфт: Оё Шумо имомед? Фармуд: Бале. Гуфт: Худоро гувоҳ мегирам, ки ту имом нестӣ!

Дар ин ҳангом ҳазрати Ризо (а) муддате тӯлонӣ сар ба зер андохт ва заминро харош медод, сипас сар баланд намуд ва фармуд: Аз куҷо донистӣ, ки ман имом нестам? Гуфт: Аз имом Содиқ (а) ривоят аст, ки имом бидуни фарзанд нест, дар ҳоле, ки Шумо ба ин синн расидаед ва фарзанде надоред.

Ҳазрати Ризо (а) дубора беш аз бори аввал сар ба зер андохт ва сипас сар бардошт ва фармуд: Худоро гувоҳ мегирам, ки рӯзҳо ва шабҳо намегузарад то ин ки Худованд ба ман фарзанде иноят намояд.

Ровӣ гуяд: Ҳанӯз як сол нагузашта буд, ки ҳазрати Ҷавод (а) мутаваллид шуд.[2]

Пас аз таваллуди ҳазрати Ҷавод (а) ва таҳаққуқи

1. Ҳамон, саҳ.30.
2. «Биҳоруланвор», ҷ.49, саҳ.34.

пешгӯии ҳазрати Ризо (а), ки худ ду далел бар имомати ҳазрати Ризо (а) буд ба Ибни Қиёмо гуфтанд: Оё ин нишона барои ту кофӣ нест? Вай эътироф кард ва гуфт: Ба Худо савганд, ки ин нишонаи бузурге аст, аммо ҳадисеро баҳона кард ва аз ақидаи инҳирофии худ барнагашт.[1]

Ба ҳамин ҷиҳат аст, ки таваллуди ҳазрати Ҷавод (а) барои шиъа аз аҳамияти фавқуллоддае бархӯрдор буд, бинобар ин, ҳазрати Ризо (а) эшонро мавлуди муборак номид.

Шахсе ба номи Яҳёи Санъонӣ гӯяд: Хидмати ҳазрати Ризо (а) дар Макка расидам, дидам ҳазрат барои фарзандаш музе (банана)-ро пӯст мегирад ва ба ӯ медиҳад. Арз кардам: Фидоят шавам, он мавлуди муборак ҳамин аст? Фармуд: Оре, эй Яҳё! Ин аст он фарзанде, ки дар ислом бобаракаттар аз ӯ барои шиъаён мутаваллид нашудааст.[2]

Муаллиф гӯяд: Аз саволҳо ва эътирозҳо дар мавриди таваллуди ҳазрати Ризо (а) маълум

1. Ҳамон, саҳ.68.
2. Ҳамон, ҷ.50, саҳ.35.

мешавад, ки бисёре аз он афрод нисбат ба имоми худ ва ба таври куллӣ барномаи имомон огоҳии кофӣ надоштаанд. Албатта фазои номуносиби таблиғии он замон низ дар ин огоҳӣ бисёр муассир буд вагарна тибқи ривоёти мутааддид (фаровон), масъалаи имомати аимма (а) ва барномаи амалии эшон ва номҳои эшон ҳамагӣ аз ҷониби Худованд таъин ва тавассути паёмбар (с) иблоғ шуда буд. Имом Содиқ (а) фармуд: Масъалаи васият, имомат аз осмон бар Муҳаммад (с) ба сурати навиштае нозил шуд, бо он ки ҳеҷ амре ба сурати навиштаи муҳршуда ба ҷуз васият нозил нашуд ва тавассути Ҷабраил ба паёмбар (с) дода шуд, то ҳазрати онро ба Алӣ (а) ва фарзандони ӯ бирасонад. Он навишта муҳрҳое дошт ва амирулмӯъминин (а) дастур дошт як муҳрро бикушояд ва ба он чӣ дар он аст амал кунад. Ҳазрати амирулмӯъминин (а) чунин кард. Сипас ҳазрати имом Ҳасан (а) низ ба дастуруламали дода шуда амал кард ва онро ба имом Ҳусейн (а) дод, чун ҳазрат муҳрро кушуд дид навиштааст: Бо гурӯҳе барои шаҳодат берун бирав, ва қиём кун.

Онҳоро шаҳодате нест ҷуз бо ту ва ҷони худро бо Худованди азза ва ҷалла бифурӯш. Ҳазрат низ чунин кард ва онро ба ҳазрати Алӣ ибнул Ҳусейн (а) дод, чун ҳазрат онро кушуд дид навиштааст: Сар ба зер андоз ва сукут кун ва дар хона биншин ва Худоятро ибодат кун, то марг фаро расад. Ҳазрат низ онро анҷом дод ва сипас онро ба фарзандаш Муҳаммад ибни Алӣ (а) дод. Чун ӯ онро кушуд, дар он навишта буд, бо мардум ҳадис бигӯ ва фатво бидеҳ ва аз ҳеҷ кас ҷуз Худованди азза ва ҷалла натарс, ки касе ба ту дастрасӣ надорад. Ҳазрат онро анҷом дод ва сипас онро ба писараш Ҷаъфар (а) дод, чун ҳазрат муҳрро кушуд дар он омада буд, бо мардум ҳадис бигӯ ва фатво бидеҳ ва улуми хонадонатро мунташир кун ва падарони шоистаатро тасдиқ намо ва аз ҳеҷ кас ҷуз Худованди азза ва ҷалла натарс ва ту дар ҳифз ва амон ҳастӣ ва ин кор барои ҳамаи аимма то ҳазрати Маҳдӣ (а) идома дорад.[1]

---

1. «Усули кофӣ», «Китобул ҳуҷҷа», ҷ.2, саҳ.28 ва «Биҳоруланвор», ҷ.36, саҳ.192. Албатта матни ҳадис бо андак тасарруфе ироа шудааст.

## Мушкили саввум: Масъалаи вилоятаҳдии ҳазрати Ризо (а)

Ин ҳодисаи аҷиб ва links мармуз, ки тавассути Маъмуни аббосӣ тарроҳӣ шуда буд, худ аз имтиҳонҳои илоҳӣ буд, ки шиъаён ба он мубтало шуданд, чаро ки ҳанӯз муддати зиёде аз он ҳама ҷиноёт ва саркубҳои Бани Аббос ва ба вижа, Ҳорунаррашид (падари Маъмун) ва қатли оми фарзандони паёмбар (с) ва шиъаён ва ба вижа, шаҳодати ҳазрати Козим (а) нагузашта буд, ки пешниҳоди вилоятаҳдии Маъмун ҳамаро мутаҳаййир кард, дар ҳайрат гузошт. Нафрате, ки умуми шиъаён аз дастгҳои тоғут ва ба вижа, Ҳорунаррашид ба ҷиҳати адоват бо аҳли байт (а) ва шаҳодат расонидани имом Козим (а) доштанд, боис шуд, ки ин иқдоми ҳазрати Ризо (а)-ро напазиранд ва бо он, ки ҳазратро ба ин кор маҷбур карданд, аммо ин кори бесобиқа дар назари иддае ба шиддат саволбарангез шуд. Ба вижа, ки гурӯҳи мунҳарифи

воқифия фурсатро ғанимат шумурданд ва бар таблиғоти худ афзуданд ва ин гуна буд, ки афроди соддалавҳ ва ноогоҳ ба ҷои он, ки таслими имоми хеш бошанд, забон ба эътироз кушуданд ва мукаррар (ба такрор) ба ҳазрат мегуфтанд: Чаро вориди дарбори Маъмун шудӣ? Ва ҳазрат мефармуд: Ба ҳамон далел, ки ҷаддам амирулмӯъминин (а) вориди шӯро шуд.[1]

Ва гоҳе дар ҷавоби эътирози яке аз ҳамин мӯътаризон фармуд: Паёмбар (с) афзал аст ё васӣ? Гуфт: Паёмбар (с), фармуд: Мусалмон бартар аст ё мушрик? Гуфт: Мусалмон. Фармуд: Азизи Миср мушрик буд ва Юсуф паёмбар, Маъмун мусалмон аст ва ман васӣ, Юсуф худаш аз азизи Миср, он гуна, ки Қуръон мегӯяд, хост то ӯро вилоят диҳад, вале ман ба ин кор маҷбур шудам.[2]

---

1. «Биҳоруланвор», ҷ.49, саҳ.140. Шӯро ҷаласае буд, ки ба дастури халифаи дуввум баъд аз вай ҷиҳати таъини ҷонишини вай ташкил шуд ва ҷараёни аҷиби он дар таърих мазкур аст.
2. «Биҳоруланвор», ҷ.49, саҳ.136.

## Тавтеъаи терори ҳазрати Ризо (а)

Муҳаммад ибни Зайд мегӯяд: Чун Маъмун ҳазрати Ризо (а)-ро валиаҳди худ намуд, яке аз хавориҷ корди масмум (заҳролуд)-ро омода кард ва ба ёрони худ гуфт: Ба Худо савганд назди ин мард, ки мепиндорад писари расулуллоҳ (а) аст, вале вориди дарбори ин тоғут шудааст, меравам ва аз иллати (сабаби) ин кораш мепурсам, агар далели қонеъкунандае надошт, мардумро аз ӯ роҳат мекунам. Бо ин тасмим вориди хонаи ҳазрат шуд.

Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Ба як шарт ба саволи ту посух медиҳам, қабул дорӣ? Гуфт: Чӣ шарте? Фармуд: Агар посухи ман қонеъкунанда буд, он кордеро, ки дар остин дорӣ бишканӣ ва канор бигузорӣ!

Марди хориҷӣ, ки ҳайрон шуда буд, ҳамон ҷо кордро даровард ва шикаст. Сипас гуфт: Чаро ба дарбори ин тоғут омадӣ? Бо он ки инон назди Шумо кофиранд ва Шумо фарзанди расулуллоҳ (а)

ҳастӣ?

Ҳазрат фармуд: Ба назари ту инҳо кофиртаранд ё азизи Миср ва мардуми он кишвар? Оё на ин аст, ки инҳо мепиндоранд аҳли тавҳид ҳастанд, вале онҳо Худопараст набуданд ва Худоро намешинохтанд?

Оё Юсуф (а) ибни Яъқуб (а) паёмбар ва писари паёмбар (а) набуд? Ӯ бо азизи Миср, ки кофир буд, он гуна, ки дар Қуръон омадааст гуфт: Маро бар ганҷинаҳои замин (дороии Миср) қарор деҳ, ки ман нигаҳбоне доноям. Ӯ бо фиръавнҳо ҳамнишин буд ва ман марде аз фарзандони расулуллоҳ ҳастам, ки маро ба ин кор маҷбур кардаанд ва бо кароҳат пазируфтаам, ту чӣ эътирозе ва чӣ ишколе бар ман дорӣ? Марди хориҷӣ бо шунидани ин посухи кӯбанда гуфт: Эътирозе бар Шумо нест, шаҳодат медиҳам, ки Шумо писари паёмбари Худо (с) ва ростгӯ ҳастӣ.[1]

1. Ҳамон, саҳ.55.

## Хабари лавҳ ва номҳои аиммаи атҳор (а)

Ҳангоме, ки ҳазрати Боқир (а) дар бистари шаҳодат буд, фарзандаш ҳазрати Содиқ (а)-ро хост то ӯро ҷонишини худ гардонад, бародари ҳазрати Боқир (а) Зайд ибни Алӣ гуфт: Агар дар мавриди ман ҳамчун Ҳасан ва Ҳусейн рафтор мекардӣ, беҷо набуд, (яъне маро ҷонишини худ мекардӣ). Ҳазрат фармуд: Амонатҳо ба шабоҳатҳо нест ва хилофат бо равишҳо намебошад, балки инҳо умуре аст, ки аз қабл дар мавриди ҳуҷҷатҳои Худованди азза ва ҷалла тасмимгирӣ шудааст.

Он гоҳ ҳазрат Ҷобир ибни Абдуллоҳро садо зад ва ба ӯ фармуд: Эй Ҷобир ҷараёни он саҳифае, ки дидӣ бигӯ. Ҷобир гуфт: Бале назди мавлоям ҳазрати Фотима духтари расулуллоҳ (с) рафтам то валодати (зода шудани) Ҳусейн (а)-ро табрик гӯям, дидам дар дасти ҳазрат саҳифае аст, ки медурахшад. Арз кардам: Эй сарвари занон! Ин саҳифа, ки назди Шумост чист? Фармуд: Номҳои пешвоён ва имомон

аз фарзандонам дар он аст ва дар ривояте фармуд: Ин лавҳе аст, ки Худованди азза ва ҷалла ба расулаш дода ва дар он аст номи падар ва номи шавҳар ва номи ду писарам ва номҳои авсиё аз фарзандонам, падарам инро ба ман додааст, то маро хушҳол кунад.

Гуфтам: Бидиҳед то бубинам, фармуд: Агар мамнӯъ набуд медодам, вале ҷуз паёмбар (с) ё васии ӯ ё хонадони ӯ касе онро ламс намекунад, вале метавонӣ ба даруни он нигоҳ кунӣ.... Ҷобир гӯяд: Нигоҳ кардам, дидам навиштааст: Абулқосим Муҳаммад ибни Абдуллоҳил Мустафо модараш Омина, Абулҳасан Алӣ ибни Абитолибил Муртазо, модараш Фотима бинти Асад ибни Ҳошим ибни Абдуманоф, Абумуҳаммад ал Ҳасан ибни Алийил Бирр, Абуабдуллоҳил Ҳусейн ибни Алийит Тақӣ, модарашон Фотима духтари Муҳаммад (с), Абумуҳаммад Алӣ ибнил Ҳусейнал Адл модараш Шаҳрбону духтари Яздгирд, Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Алйил Боқир модараш Умми Абдуллоҳ, духтари Ҳасан ибни Алӣ ибни Абитолиб,

Абуабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммадис Содиқ модараш Умми Фуруҳ духтари Қосим ибни Муҳаммад ибни Абибакр, Абуиброҳим Мӯсо ибни Ҷаъфар модараш ҷорияе бо номи Ҳамида, Абулҳасан Алӣ ибни Мӯсарризо модараш ҷорияе бо номи Наҷма, Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ализ Закӣ модараш ҷорияе ба номи Хайзарон, Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммадил Амин модараш ҷорияе ба номи Савсан, Абумуҳаммад Ҳасан ибни Алийир Рафиқ модараш ҷорияе ба номи Самона, ки кунияаш Уммул Ҳасан аст, Абулқосим Муҳаммад ибнил Ҳасан, ки муҳибби Худост модараш ҷорияе аст ба номи Нарҷис салавоти Худо бар ҳамаи эшон бод.[1]

Муаллиф гӯяд: Ҷараёни навиштаи мазкур дар ривоёти мутааддиде ворид шудааст ва бузургони шиъа мисли шайхи Садуқ (р.а), шайхи Тусӣ, шайхи Муфид, шайхи Табарсӣ, Нуъмонӣ, Кулайнӣ ва дигарон мазмуни онро бо тафовутҳое дар китобҳои хеш зикр кардаанд.

---

1. Ҳамон, ҷ.36, саҳ.193.

## Ҳиҷрати таърихии ҳазрати Ризо (а)

Ҳазрати Ризо (а) ба далели зиёдии номаҳо ва мурочиъоти мукаррари (ба такрори) маъмурони Маъмун ба эшон дар ҳоле, ки аз ин сафар кароҳият дошт ва медонист, ки дар ин сафар падруди ҳаёт хоҳад гуфт, барои он омода гашт.[1]

1. «Кофӣ», ҷ.2, саҳ.207.

## Видоъ аз Мадина

Ҳазрат чанд бор барои видоъ канори қабри ҷаддаш расулуллоҳ (с) омад ва ба гунае амал менамуд, ки кароҳат ва нороҳатиаш комилан ошкоро буд. Ба ҳангоми видоъ бо садои баланд гиря мекард ва чун марде ба номи Мухаввали Сиҷистонӣ ба ҳазрат ба ҷиҳати сафаре, ки дар пеш дошт таҳният гуфт, ҳазрат фармуд: Маро ба ҳоли худ вогузор. Ман аз ҷавори (наздикии) ҷаддам хориҷ мешавам ва дар ғурбат аз дунё хоҳам рафт.

Имом (а) ҳангоми берун рафтан аз Мадина хешони худро фаро хонд ва фармуд бар ман гиря кунед, зеро дигар ба Мадина боз нахоҳам гашт![1] Ва ҳазрат Ҷавод (а)-ро, ки кӯдаке буд ба Масҷидуннабӣ бурд ва дар ҳоле, ки имом Ҷавод (а) қабри паёмбарро дар оғуш гирифта буд, ҳазрати Ризо (а) гуфт: Эй расули Худо (с) ӯро ба Шумо супурдам, сипас ба ҳамаи вукало ва асҳоби худ фармуд:

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.2, саҳ.217.

Сухани ӯро гӯш кунед ва бо вай мухолифат нанамоед ва назди сиқоти (содиқони) асҳоби хеш бар имомат ва ҷонишинии вай таъкид кард.[1]

1. «Исботул васия», саҳ.349, Ибни Шаҳрошуб, «Маноқиб», саҳ.196.

## Масири ҳаракати ҳазрати Ризо (а)

Дар ин масир, ки ҳаракати имом (а) аз Мадина то Марв чи гуна ва аз куҷо будааст, ихтилофоте ба чашм мехӯрад, мисли он, ки оё ҳазрат аввал ба Макка рафта ва аз он ҷо идомаи сафар додааст ва ё ба Куфа ворид шудааст.

Ба назар мерасад масири ҳаракати имом (а) ба гунае таъин шуда буд, ки монеъ аз ҳар гуна таҳарруке (ҳаракате) аз сӯи шиъаён ва алавиён гардад, бинобар ин, тибқи бархе ривоёт, бидуни он ки вориди Куфа шавад, аз канори он убур намуд.[1]

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.2, саҳ.149.

## Деҳкадаи Наббоҷ

Дар идомаи масир ҳазрат ба деҳкадаи Наббоҷ дар даҳ манзилии Басра расид. Абуҳабиб Наббоҷӣ гӯяд: Дар хоб дидам, ки расули акрам (с) ба Наббоҷ ташриф овард ва вориди масҷиди Ҳаҷҷоҷ шуд. Ман хидмати ҳазрат расидам, салом кардам. Муқобили эшон табақе аз хурмои сайҳонӣ буд, ҳазрат муште аз хурмо ба ман дод, онҳоро шумурдам ҳаждаҳ дона буд. Аз хоб бедор шудам ва онро чунин таъбир кардам, ки ҳаждаҳ соли дигар умр хоҳам кард. Бист рӯз гузашт, ки ба ман иттилоъ доданд, ки ҳазрати Ризо (а) аз Мадина омада ва дар масҷид нузул кардаанд. Ба тарафи масҷид рафтам дидам мардум гурӯҳ – гурӯҳ ба дидори ҳазрати Ризо (а) мешитофтанд. Хидмати он ҷаноб расидам, дидам эшон ҳамон ҷое нишастаанд, ки расули Худо (с)-ро дар хоб дида будам ва зери пои ҳазрат ҳасире (бурё) буд шабеҳи ҳамон ҳасире, ки зери пои паёмбар (с) буд ва муқобили вай низ табақе буд аз хурмои

сайҳонӣ. Салом кардам, посух дод ва маро талабид ва муште аз он хурмо ба ман ато фармуд, онҳоро шумурдам ва дидам ба ҳамон андозае аст, ки паёмбар (с) дар хоб ба ман ато фармуда буд (яъне ҳаждаҳ дона).

Арз кардам: Эй писари расулуллоҳ (с) зиёдтар ба ман ато фармо, фармуд: Агар расули Худо (с) зиёдтар ато мекард, мо ҳам зиёдтар ато мекардем![1]

1. Ҳамон, саҳ.457.

## Аҳвоз

Тибқи ривоёт, ҳазрат дар Аҳвоз бемор шуд, Абуҳошими Ҷаъфарӣ бо ҳазрат мулоқот кард. Фасли тобистон ва ҳаво бисёр гарм буд. Пизишке оварданд, ҳазрат гиёҳеро ба унвони дору ба табиб муаррифӣ кард ва хавоси (хосиятҳои) онро баён дошт, вале табиб изҳор дошт, ин гиёҳ дар чунин вақте ёфт намешавад, ҳазрат фармуд: Миқдори найшакар биёваред. Табиб гуфт: Ин аз аввалӣ мушкилтар аст, зеро ҳоло вақти найшакар нест. Ҳазрат фармуд: Найшакар ва он доруи гиёҳӣ ҳар ду дар ҳамин сарзамин вуҷуд дорад. Аз оби шодирвон бигзаред, канори осиёб марде сиёҳчеҳра аст, аз ӯ бипурсед. Шахсеро фиристоданд ва ба ҳамин адрес рафт ва он дуро таҳия кард. Вақте Раҷо ибни Абизаҳҳок (маъмури ҳаракати ҳазрат) ҷараёнро шунид, ба ҳамроҳонаш гуфт: Агар бештар инҷо иқомат кунем, мардум фирефтаи ӯ мешаванд ва аз

он ҷо куч карданд.[1]

Ба ҳангоми хуруҷи ҳазрат аз Аҳвоз канори пули (купрук) Арик Ҷаъфар ибни Навфалӣ ба ҳазрат арз кард: Фидоят шавам, иддае мипиндоранд падарат зинда аст. Фармуд: Дурӯғ мегуянд, лаънати Худо бар эшон, агар падарам зинда буд, меросаш қисмат намешуд ва занонаш издивоҷ намекарданд. Ба Худо савганд падарам маргро чашид чунон ки Алӣ ибни Абитолиб (а) чашид. Арз кардам: Таклифи ман баъд аз Шумо чист? Фармуд: Бар ту бод баъд аз ман пайравӣ аз фарзандам Муҳаммад... ва дар идома фармуд: Қабри ман ва Ҳорун чунин аст ва ду ангушти худро ба ҳам часбонид.[2]

---

1. «Маснадул имомир Ризо (а), ҷ.1, саҳ.175.
2. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.2, саҳ.463.

# Ҳаракат ба тарафи Форс[1]

Бархе аз таваққуфи ҳазрат дар Беҳбаҳон (Арҷон) ва намоз гузоридан дар масҷиди он ҷо хабар додаанд[2] ва дар он шаҳр қадамгоҳе ба номи қадамгоҳи ҳазрати Ризо (а) вуҷуд дорад.[3]

Ва дар идома аз масири Язд ва Абарқуҳ, ки қадамгоҳе дар он ҷо маъруф аст ва сипас аз Деҳшер, ки гӯё ҳамон Фарошоҳ (ё Исломияи ҷадид) мебошад ва ҳамакнун ҷойгоҳе ба номи қадамгоҳ дар он маъруф аст, убур карданд, зеро илова бар қадамгоҳи мазкур роҳи Шероз ба Язд аз он масир, яъне Тафт ва Исломия, ки қадамгоҳ дар он аст, мегузарад. Қадамгоҳи Исломия аз маҷмуаи банноӣ (сохтмонӣ) ташкил шуда ва имörати он бинобар сангнавиштае, ки дар меҳроби он аст тавассути Гаршосп ибни Алӣ дар соли 512 ҳ.қ. бино шудааст

1. Ҳамон, ҷ.3, саҳ.149, Алиршод, ҷ.2, саҳ.255, Кофӣ, ҷ.2, саҳ.402 ва 407.
2. «Миротул булдон», ҷ.1, саҳ.368, ниг: Ҷуғрофиёи таърихии ҳиҷрати имом Ризо (а)»
3. Ҳамон.

ва дар он замон ба масҷиди Машҳади Алӣ ибни Мӯсарризо (а) шӯҳрат доштааст, ин бино дорои санги таърихӣ, катиба, тазйиноти дохилӣ ва ёдгориҳое дигар аст.[1]

1. «Ҷуғрофиёи таърихии ҳиҷрати имом Ризо (а)», саҳ.107. Муаллиф гӯяд: Ин ҷониб ифтихор дорад, ки иддае аз бастагони банда аз ҷумла ҷадди аълои банда ҷаноби ҳуҷҷатулислом валмуслимин Сайид Абулқосими Фарошоҳӣ, ки аз маориф ва аъозими (бузургони) он ҷо ва соҳиби каромот будаанд ба ҳамроҳи бархе аз фарзандон дар қадамгоҳ ва атрофи он мадфун мебошанд ва ҳамчунин ҷадди инҷониб оятуллоҳ Сайид Абдулҳай, ки аз аъозими уламои Язд ва ҳокими шаръи он ҷо будаанд, дар шаҳри Язд дар боргоҳи имомзода Ҷаъфар мадфун мебошанд.

# Ҳаракат ба тарафи Хуросон

Шайхи Садуқ (а) ривоят мекунад: Ҳазрати Ризо (а) дар он хонае, ки дар маҳаллаи Ғурра ё Қузза ворид шуданд, донаи бодоме коштанд, ки табдил ба дарахт шуд ва дар муддати як сол бодом дод. Мардум бохабар шуданд ва ҳар ки беморӣ меёфт, аз он бодом мехӯрд шифо меёфт. Касе, ки чашмдард дошт ё зани бордоре, ки зоймонаш (таваллудаш) сахт мешуд ё чаҳорпое, ки қуланҷ (як навъ беморӣ) мекардро тавассути он бодом ё шохаи он муолиҷа мекарданд, то он ки фарде ба номи Абуумар дарахтро бурид ва бар асари он мол ва сарвати фаровонаш нобуд шуд. Ду фарзандаш низ ҷиҳати таъмири хона решаи боқии дарахтро, ки боқӣ буд қатъ карданд ва ҳар ду мубтало ба бемории сахте шуданд ва ба фосилаи як сол мурданд.[1]

Муҳаддиси Қумӣ (р.ҳ) аз бархе сорбонони корвони имом Ризо (а) нақл мекунад, ки ҳамроҳи

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.2, саҳ.374.

эшон ба рустои худ (Каранд ё Карманди Исфаҳон), ки расидем аз ҳазрат хостам ҳадисеро ба хатти хеш ба ман марҳамат намояд. Ҳазрат ин ҳадисро ҳадя намуд: Дӯстдори оли Муҳаммад ва хонадони паёмбар (с) бош, гар чӣ фосиқ бошӣ ва дӯстдори дӯстдорони онҳо бош, ҳарчанд фосиқ бошанд.[1]

1. «Мунтаҳию омол», ҷ.2, саҳ.177.

# Нишобур

Ҳазрат дар соли 200 ҳиҷрӣ вориди шаҳри Нишобур гардид ва мардуми Нишобур ба ҳамроҳии Абуяъқуб Исҳоқ ибни Роҳвайҳ, ки бузурги шаҳр буд, то қарияи Муаййидия, ки аз рустоҳои Нишобур буд, ба истиқболи ҳазрат рафтанд.

Абуяъқуб бо он ки пирамард буд, афсори ноқаи ҳазратро ба душ гирифт ва то шаҳри Нишобур пиёда омад.[1] Дар шаҳри Нишобур ҳаммоме аст, ки баъдҳо ба ҳаммоми Ризо (а) машҳур шуд, дар ҳаммом ҳавзе буд, ки аз чашмае сероб мешуд. Ҳазрати Ризо (а) дар он ҳавз ғусл намуд ва канори он намоз гузорид. Мардум, ки инро диданд ҳамвора дар он ҳавз намоз мегузориданд ва ҳавоиҷи (ҳоҷатҳои) худро аз Худованд мехостанд ва бароварада мешуд. Шайхи Садуқ (р.ҳ.) гӯяд: Он чашма, ки ба «Каҳлон» маъруф аст, аз он замон то

1. Халифаи Нишобурӣ, «Таърихи Нишобур», саҳ.177, ниг: «Ҷуғрофиёи таърихии ҳиҷрии имом Ризо (а)», саҳ.132, таълифи Ҷалили Ирфонманиш.

кунун мавриди истиқболи мардум аст ва аз оби он шифо мечӯянд.[1]

Ҳазрати Ризо (а) чанд рӯзе дар Нишобур монданд ва дар яке аз ин рӯзҳо ба зиёрати имомзода Муҳаммади Маҳруқ аз наберагони ҳазрати Саҷҷод (а) рафтанд. Ҳокими Нишобурӣ мегӯяд: Ҳазрати Ризо (а) фармуданд: Яке аз хонадони мо дар ин ҷо мадфун аст, ба зиёрати эшон меравам ва он гоҳ ба равзаи Султонмуҳаммади Маҳруқ дар «Талоҷурд» ташриф бурданд ва он равзаи муқаддасро зиёрат карданд.[2]

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.2, саҳ.376.
2. «Таърихи Нишобур», ҷ.1, саҳ.17, ниг: Имом Алӣ ибни Мусарризо (а), саҳ.82

## Ҳадиси силсилатуззаҳаб

Чун ҳазрати Ризо (а) хостанд аз Нишобур ҳаракат кунанд, иддае аз асҳоби ҳадис аз ҷумла Муҳаммад ибни Рофеъ ва Аҳмад ибни Ҳорис ва Яҳё ибни Яҳё ва Исҳоқ ибни Роҳвайҳ, афсори ноқаи ҳазратро гирифтанд ва гуфтанд: Туро ба ҳаққи падарони тоҳиринат савганд, ки ҳадисе аз падари хеш барои мо баён намо. Ва дар ривояте нақл шудааст Абузуръа ва Муҳаммад ибни Аслам аз ҳофизони ҳадиси набавӣ ба ҳазрат арз карданд: Эй бузургзодаи бузургон! Эй имомзодаи имомон! Эй натиҷаи пок ва писандида ва хулосаи паёмбарон! Туро ба ҳаққи падарони покиза ва ниёкони бузургворат сурати мубораки хешро ба мо нишон бидеҳ ва ҳадисе аз падарони хеш барои мо ривоят кун, ки ёдгори Шумо бошад.

Дар ин ҳангом маркаби ҳазрат истод, парда канор рафт ва чашми мусалмонон ба ҷамоли мубораках равшан шуд. Мӯи ду тарафи сари ҳазрат

ҳамонанди паёмбар (с) буд, мардуме, ки истода буданд ба ҳаяҷон омаданд, бархе фарёд мезаданд ва мегиристанд ва либоси худро чок карда ва ба хок меафтоданд. Бархе афсори маркаби эшонро мебӯсиданд ва бархе ба тарафи ҳазрат гардан кашида буданд. Мардум дар ин ҳол буданд то зуҳр (нисфи рӯз) шуд ва ашкҳои мардум чун наҳрҳо ҷорӣ буд. Бузургон ва қозиён фарёд заданд: Эй мардум гӯш кунед ва дил биспоред ва паёмбар (с) –ро дар мавриди хонадонаш озурда макунед, сипас ҳазрати Ризо (а) дар ҳоле, ки 24 ҳазор қалам омодаи навиштан буд, фармуд:

Падарам он бандаи шоиста, Мӯсо ибни Ҷаъфар (а) ба ман хабар дод ва фармуд: Падарам Ҷаъфар ибни Муҳаммади Содиқ (а) ба ман хабар дод ва гуфт: Хабар дод ба ман Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Алӣ (а) шикофандаи дониши паёмбарон (а) ва гуфт: Ман падарам Алӣ ибнул Ҳусейн (а) сарвари ибодаткунандагон ва гуфт: Хабар дод ба ман падарам сарвари ҷавонони биҳишт ҳазрати Ҳусейн (а) ва гуфт: Хабар дод ба ман Алӣ ибни Абутолиб

ва гуфт шунидам аз паёмбар (с) ки фармуд: Шунидам аз Ҷабраил, ки мегуфт: Худованд ҷалла ҷалолуҳу фармуд: Манам Худое, ки ҷуз ман маъбуде нест, маро ибодат кунед. Ло илоҳа иллаллоҳ қалъаи ман аст, ҳар ки бо ихлос бигӯяд вориди қалъа мешавад ва ҳар ки вориди қалъаи ман шавад, аз азоби ман дар амон аст.

## Шифо додани беморӣ дари работи Саъд

Қофилае аз Хуросон ба тарафи Кирмон мерафт, ки дар кӯҳи Кирмон мавриди дастбурди (ҳамлаи) роҳзанон қарор гирифт. Эшон мардеро, ки фикр мекарданд амволи бисёре дорад, нигаҳ доштанд ва мавриди шиканҷаи фаровон қарор доданд то шояд бо додани моли бисёр ҷони худро харидорӣ кунад. Ӯро миёни барф нигоҳ доштанд ва даҳонашро аз барф пур карданд, то он ки зане ӯро аз банд раҳо кард ва муваффақ ба фирор шуд, аммо даҳон ва забони ӯ фосид гашт, ба гунае, ки наметавонист сухан бигӯяд (магар бо сахтии фаровон). Дар Хуросон шунид, ки ҳазрати Ризо (а) дар Нишобур аст. Дар хоб дид, ки касе бо ӯ мегӯяд: Писари расули Худо (с) дар Хуросон аст, аз ӯ дар бораи нохӯшии худ бипурс то давое ба ту муаррифӣ кунад ва шифо ёбӣ. Он мард мегӯяд: Дар хоб ба тарафи ҳазрат рафтам ҷараёни худро бозгӯ кардам. Ҳазрат фармуд: Зира ва овешан ва намакро бо ҳам мекӯбӣ

ва ду – се маротиба бар даҳон мерезӣ ва хуб мешӯйӣ!

Аз хоб бедор шуд, бидун он ки ба дастур амал кунад ва ба касе иттилоъ диҳад ба тарафи Нишобур омад. Канори дарвозаи Нишобур ба ӯ гуфтанд: Ҳазрати Ризо (а) аз Нишобур кӯч карда дар Работи Саъд мебошад.

Назди ҳазрат омад ва ҳоҷати хешро ба заҳмат баён кард, ҳазрат фармуд: Магар ман дар хоб ба ту ёд надодам, бирав он доруро ба кор гир. Он мард гуфт: Агар мешавад дубора бифармоед, ҳазрати Ризо (а) ҳамон дастурро такрор намуд. Он мард доруро истифода кард ва офият ёфт.

Абуҳомид Аҳмад ибни Алии Саъолибӣ гӯяд: Ман аз Абуаҳмад Абдуллоҳ ибни Абдурраҳмон маъруф ба Сафвон шунидам, ки мегуфт: Ман он мардро дидам ва ҷараёнро аз худи ӯ шунидам.[1]

1. Ҳамон, ҷ.2, саҳ.458.

# Деҳи сурх

Ҳазрати Ризо (а) дар масири роҳи Нишобур ба Тус ба Деҳи сурх ё Қарятулҳамро расид. Абдуссалом ибни Солеҳи Ҳиравӣ гӯяд: Ба ҳазрати Ризо (а) арз карданд: Эй писари расулуллоҳ (а) вақти намози зуҳр (пешин) аст. Ҳазрат фуруд омад ва фармуд: Об биёваред. Арз карданд: Об ҳамроҳи мо нест. Он ҷаноб бо дастони муборак заминро ҳафр кард (кофт), об аз замин ҷӯшид  ба миқдоре, ки эшон ва ҳамроҳон вузӯ гирифтанд ва асари он то кунун боқӣ аст.[1]

Ҳангоми убур аз Деҳи Сурх ба тарафи Тус ҳазрат аз куҳи Сангтарошон (Куҳисангӣ) убур кард ва арза дошт: Худоё! Ин кӯҳро баракат деҳ, барои мардум судманд гардон, ғизоро дар зарфе, ки аз ин кӯҳ тарошида мешавад муборак гардон ва дастур дод барои таҳияи ғизо аз он кӯҳ дегҳое битарошанд ва фармуд: Ғизои ман ҷуз дар ин дегҳо пухта

1. Ҳамон, саҳ.376.

нашавад. Он ҳазрат оҳиста ғизо мехӯрд ва кам тановул мефармуд. Аз он рӯз мардум ба он кӯҳ роҳ ёфтанд ва зуруфи (зарфҳои) сангӣ аз он тарошиданд ва Худованд бар асари дуои ҳазрат ба он баракат дод.[1]

1. Ҳамон, саҳ.376.

# Тус

Сипас ҳазрати Ризо (а) дар идомаи сафар ба Тус расид ва дар манзили Ҳамид ибни Қаҳтаба, ки боғи бузурге буд ва мақбараи Ҳорун дар он ҷо буд, иқомат кард. Ҷое, ки борҳо ҳазрат дар бораи он сухан гуфта буд ва аз дафн шудани худ канори Ҳорун хабар дода буд. Ҳазраташ чун дохили хона шуд назди қабри Ҳорун рафт ва бо дасти муборак хатте ба як тарафи қабр кашид ва фармуд: Ин ҷойгоҳ турбати ман аст, ман дар ин ҷо ба хок супурда мешавам ва ба зудӣ Худованди мутаол ин маконро маҳали рафту омади шиъаён ва дӯстони ман қарор медиҳад. Ба Худо савганд агар шиъае маро зиёрат кунад ва бар ман дуруд фиристад, шафоати мо аҳли байт ва омурзиш ва раҳмати Худованд бар ӯ воҷиб мешавад.

Сипас ҳазрат рӯи муборакро ба қибла кард, намоз хонд ва дуо кард, он гоҳ сар ба саҷда ниҳод, ки дар он панҷсад тасбеҳ гуфт ва мурочиат намуд.[1]

1. Ҳамон, саҳ.377.

# Сарахс

Аз бархе гузоришҳо истинбот (натиҷагирӣ) мешавад, ки дар ин шаҳр ҳазрати Ризо (а)-ро ба шиддат таҳти назар гирифта буданд ва иҷозаи мулоқот бо вайро ба касе намедоданд. Дар гузориши зер аз манзили ҳазрат ба зиндон таъбир шудааст.

Абдуссалом ибни Солеҳ гӯяд: Ба дари хонае, ки ҳазрати Ризо (а) дар Сарахс дар он ҷо ҳабс (зиндонӣ) буд, омадам, аз нигаҳбон иҷоза хостам вай гуфт: Намешавад, гуфтам: Чаро? Гуфт: Чун эшон дар шабонарӯз ҳазор ракаъат намоз мехонад ва сипас андаке аз кайфияти ибодати ҳазрат гуфт. Ба ӯ гуфтам: Аз ҳазрат бихоҳ вақте барои мулоқот ба ман бидиҳад. Рафт ва аз ҳазрат иҷоза гирифт. Ворид шудам дидам ҳазрат дар ҷои намоз нишаста ва мутафаккир буд: Арз кардам: Эй писари паёмбар (с) ин чист, ки мардум аз Шумо нақл мекунанд? Фармуд: Чӣ чизе? Арз кардам: Аз Шумо нақл мекунанд, ки фармудаед: Мардум бандагони мо ҳастанд!

Ҳазрат фармуд: Эй Абосалт! Ту шоҳидӣ, ки ман ҳаргиз чунин нагуфтаам ва аз ҳеҷ як аз падарони худ низ нашунидаам ва ту медонӣ, он ситамҳо, ки аз ин уммат бар мо ворид шудааст, ин суханҳо низ аз ҳамон ситамҳост. Сипас фармуд: Эй Абдуссалом, агар он тавр, ки мегӯянд мардум махлуқи мо бошанд, мо онҳоро ба тарафи чӣ касе даъват мекунем?

Арз кардам: Эй писари расулаллоҳ (с) рост мегӯӣ. Ҳазрат фармуд: Эй Абдуссалом оё ту он чиро, ки Худованди мутаол барои мо аз вилоят ва имомат воҷиб кардааст мункирӣ, он гуна, ки дигарон инкор мекунанд? Арз кардам: Маъозаллоҳ, балки ман ба вилоят ва имомати Шумо эътироф мекунам.[1]

Ба ҳар ҳол зиндонӣ шудани ҳазрати Ризо (а) дар сафар ба Марв бо таваҷҷуҳ ба нақшаи Маъмун барои вилоятаҳдӣ ва таҷлилҳои зоҳирии вай ва супоришоти ӯ дар эҳтироми ҳазрат, баъид (дур) менамояд ва ин имкон вуҷуд дорад, ки ровӣ, аз

1. Ҳамон, саҳ.426.

бархе маҳдудиятҳое, ки барои ҳазрат дар назар гирифта шуда буд ба зиндон таъбир карда бошад. Ё он гуна, ки бархе эҳтимол додаанд, ин ҳодиса дар сафари баъдӣ, яъне ҳангоми бозгашти ҳазрат дар Марв, ки сиёсатҳои Маъмун тағйир карда буд, рух дода бошад.

Ба ҳангоми хуруҷи ҳазрати Ризо (а) аз Сарахс, Аҳмад ибни Убайд мегӯяд: Ҷаддам мегуфт: Ман маъмури хидматгузорӣ ба ҳазрат дар Нишобур будам ва то як манзил баъд аз Сарахс ҳазратро мушояъат (ҳамроҳӣ) кардам ва дар назар доштам то Марв низ вайро ҳамроҳӣ кунам. Як манзил пас аз Сарахс ҳазрат сар аз каҷова берун овард ва фармуд: Эй бандаи Худо баргард, ту вазоифи (вазифаҳои) худро дар бораи мо анҷом додӣ ва бо мо ба хубӣ муошират кардӣ ва мушояъат андозаи муайяне надорад (яъне ба савоб расидӣ.)…[1]

1. «Осор ва ахбори имом Ризо (а)», ниг: «Ҷуғрофиёи таърихии имом Ризо (а)», саҳ.151.

# Марв

Ҳазрати Ризо (а) саранҷом пас аз таҳаммули чаҳор моҳ сафар дар нимаи аввали соли 201 ҳ.қ. вориди Марв, маркази ҳукумати Маъмун шуд.[1] Ҳангоми воруди имом ба Марв, мардум бо шӯру эҳсосоти фаровон мақдами имомро гиромӣ доштанд ва ба гунае, ки Марв то он рӯз чунон шодӣ ва ҳаяҷоне ба худ надида буд. Анбӯҳи ҷамъият то беруни шаҳр ба истиқбол омада буданд. Имом (а) пас аз убур аз миёни суфуфи (сафҳои) фишурдаи мардум дар манзиле, ки наздики қасри ҳукуматӣ барои эшон омода шуда буд, мустақар гардид.[2]

---

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.2, саҳ.149.
2. «Алиршод», ҷ.2, саҳ.250.

## Ҷараёни вилоятаҳдӣ

Пас аз он ки ҳазрати Ризо (а) бо исрори Маъмун ва номаҳои мукаррари ӯ ва напазируфтани узрҳое, ки ҳазрати Ризо (а) баён мекард, дар соли 201 ҳ.қ. вориди Марв шуд. Маъмун ибтидо ба эшон пешниҳоди хилофат дод ва ба ҳазрат гуфт: Эй писари расули Худо (с) ман фазл ва илм, зуҳду тақво ва ибодати Шуморо медонам ва шуморо аз худам ба хилофат шоистатар медонам.

Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Ман ба убудияти Худованди азза ва ҷалла ифтихор мекунам ва бо зуҳд дар дунё умеди наҷот аз шарри охиратро дорам ва дурӣ аз ҳаромҳо умеди дастёбӣ ба судҳоро дорам. Маъмун гуфт: Назари ман ин аст, ки худамро аз хилофат азл кунам ва онро барои Шумо қарор диҳам ва бо Шумо байъат кунам!

Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Агар ин хилофат ҳаққи туст ва Худованд барои ту қарор додааст, ҷоиз нест либосеро, ки Худованд ба ту пӯшонидааст

аз тани худ берун кунӣ ва барои дигаре қарор диҳӣ ва агар хилофат ҳаққи ту нест, ҷоиз нест барои ту чизеро, ки барои ту нест ба ман диҳӣ.

Маъмун гуфт: Эй писари расули Худо (с)! Бояд ин амрро қабул кунӣ. Ҳазрат фармуд: Ман аз рӯи ихтиёр ҳаргиз ин корро намекунам.

Муддатҳо Маъмун исрор мекард, то ин ки аз пазириши ҳазрат маъюс шуд ва ба ҳазрат гуфт: Агар хилофатро намепазирӣ ва намехоҳӣ ман бо ту байъат кунам, валиъаҳди ман бош, то баъд аз ман хилофат барои Шумо бошад.

Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Ба Худо савганд, ки падарам аз падаронаш ва онҳо аз амирулмӯъминин аз расулуллоҳ (с) ба ман хабар дод, ки ман қабл аз ту аз дунё меравам, дар ҳоле, ки бо самм (заҳр) мазлумона кушта мешавам ва малоикаи осмон ва замин бар ман мегирянд ва дар сарзамини ғурбат канори Ҳорунаррашид дафн хоҳам шуд.

Маъмун гирист ва гуфт: Эй писари расули Худо (с) чӣ касе туро мекушад ё метавонад ба Шумо

газанде бирасонад бо ин ки ман зиндаам?

Ҳазрат фармуд: Агар бихоҳам мегӯям, чӣ касе маро мекушад.

Маъмун гуфт: Эӣ писари расули Худо (с) ғарази Шумо аз ин сухан он аст, ки корро бар худ сабук кунӣ ва аз гардани худ бозгардонӣ, то мардум бигӯянд шумо дар дунё зоҳид ҳастӣ!

Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Ба Худо савганд аз он вақте, ки Худованди азза ва ҷалла маро офарид, дурӯғ нагуфтаам ва ҳаргиз ба хотири дунё зуҳд наварзидаам ва ман медонам, ки манзури ту чист.

Маъмун гуфт: Манзури ман чист? Ҳазрат фармуд: Оё ба воқеъ дар амон ҳастам? Маъмун гуфт: Ту дар амонӣ, ҳазрат фармуд: Ту мехоҳӣ мардум бигӯянд Алӣ ибни Мӯсо нисбат ба дунё берағбат набуд, балки ин дунё буд, ки ба ӯ рағбате надошт, намебинед, ки вилоятаҳдиро қабул кард то ба хилофат бирасад.

Дар ин ҳангом Маъмун хашмгин шуд ва гуфт: Ту ҳамвора маро бо он чӣ нороҳат мекунад,

мувоҷеҳ кунӣ ва аз хашми ман дар амон гаштаӣ. Ба Худо савганд ёд мекунам, ки вилоятаҳдиро мепазирӣ вагарна туро маҷбур мекунам ва агар анҷом надиҳӣ гарданатро хоҳам зад. Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Худованди азза ва ҷалла маро наҳй кардааст, аз ин ки бо дасти хеш худамро ба ҳалокат андозам, агар инчунин аст, ҳар чӣ мехоҳӣ анҷом деҳ, ман мепазирам ба ин шарт, ки ҳеҷ касро насб накунам ва касеро азл нанамоям ва ҳеҷ қонун ва равишеро тағйир надиҳам ва дар ин кор аз дур машваратдиҳанда бошам.

Маъмун ин шароитро пазируфт ва ҳазратро валиаҳди худ кард.[1]

Дар бархе ривоёт омадааст, ки ҳазрат гуфт: Худоё ту маро аз ин ки худро ба ҳалокат андозам, наҳй кардаӣ, агар вилоятаҳдии ӯро напазирам, аз ҷониби ӯ дар чанд қадамгоҳии марг қарор мегирам, ман маҷбур ва музтар шудам... Худоё ҳеҷ аҳде ҷуз аҳди ту нест, ҳеҷ вилояте нест ҷуз аз ҷониби ту, маро барои барқарории дини худат ва зинда

1. «Биҳоруланвор», ҷ.49, саҳ.128.

кардани суннати паёмбарат (с) муваффақ гардон, туйӣ мавло ва ёвар ва ту некӯ мавло ва ёваре ҳастӣ ва сипас дар ҳоле, ки гирён ва ғамгин буд бо шароити зикршуда вилоятаҳдиро пазируфт.[1]

Пас аз он ҳазрати Ризо (а) вилоятаҳдиро ба ин сурат пазируфт. Маъмун дастур дод то фармондеҳон ва қуззот (қозиҳо) ва мустахдимон (хидматгорон) ва фарзандони Аббос ҳамагӣ биёянд ва байъат кунанд ва барои ин кор амволи бисёре харҷ кард то фармондеҳонро розӣ намуд, магар се нафарро аз фармондеҳон ба номҳои Ҷалудӣ, Алӣ ибни Имрон ва ибни Мӯсо (ё Абуюнус) инон бо ҳазрати Ризо (а) байъат накарданд ва Маъмун онҳоро зиндонӣ кард.

Маросими байъат бо шукуҳи ҳарчи бештар баргузор шуд ва ба номи ҳазрат сикка заданд ва бар минбарҳо барои эшон хутба хонданд.

1. Ҳамон, ҷ.29, саҳ.131.

# Вафои ба шарт

Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Рӯзе Маъмун ба ман гуфт: Эй Абалҳасан! Эй кош номае ба бархе аз фармонбардорони худ дар ин минтақаҳое, ки бар мо фосид шудааст, менавиштӣ (яъне аз шӯришиёни тарафдори худат мехостӣ даст аз шӯриш бардоранд).

Ман гуфтам: Эй амир, агар ба шароите вафо кунӣ, ки ман вориди ин амр шудам, ба ин ки амру наҳй накунам ва касеро азл (аз кор бекор кардан) ва насб накунам, ман низ вафо мекунам.

Ин вилоятаҳдӣ барои ман неъмате наяфзуд, ман дар Мадина будам ва дастхати ман дар шарқу ғарб нофиз буд. Ман дар Мадина бар чаҳорпои худам савор мешудам ва дар кӯчаҳо убур мекардам ва ҳеҷ кас дар он ҷо азизтар аз ман набуд. Ҳеҷ кас дар он ҷо аз ман ҳоҷате, ки битавонам бароварда кунам, дархост намекард магар ин ки онро бароварда мекардам. Маъмун гуфт: Ман ба он шароит вафодор хоҳам буд.[1]

1. Ҳамон, ҷ.49, саҳ.155.

## Маъмуни аббосӣ ва аҳдофи шуми вай

Маъмуни аббосӣ номаш Абдуллоҳ, писари Ҳорунаррашид модараш канизе нозебо буд ба номи Мароҷил, ки дар дарбори Ҳорун хидмат мекард. Маъмун дар соли 170 ҳ.қ. яъне соли хилофати падараш мутаваллид шуд ва дар соли 218 ҳ.қ. яъне понздаҳ сол баъд аз ҳазрати Ризо (а) дар синни 48 солагӣ даргузашт.

Модараш баъд аз таваллуди Маъмун аз дунё рафт ва Ҳорун ӯро ба Ҷаъфар ибни Яҳёи Бармакӣ супурд то тарбият шавад. Мураббии вай Фазл ибни Саҳл буд, ки ба Зурраёсатайн шуҳрат дошт ва баъдҳо вазири Маъмун гардид ва тавассути вай низ дар ҳаммоми Сарахс кушта шуд.

Маъмун баръакси Амин зиндагии пурталош ва дур аз рифоҳ дошт ва дар улум ва фунуни (фанҳо) гуногун табаҳҳур ёфт ва аз ҳамаи хулафо дар фиқҳ ва калом огоҳтар буд.

Ҳазрати Алӣ (а) дар пешгӯиҳои хеш дар мавриди хулафои бани Аббос дар бораи вай фармуд: Ҳафтумини онҳо донишмандтарини онҳо хоҳад буд.[1]

1. «Маноқиби ибни Шаҳрошуб», ҷ.2, саҳ.276.

# Мушкилоти Маъмун

Возеҳ аст, ки Маъмун аз назари эътиқодӣ ва рӯҳӣ ба гунае набуд, ки амри хилофатро ба дигаре вогузор кунад, чаро ки дар роҳи ба даст овардани он талош карда ва бародараш Аминро кушта буд ва дигар ҳаводис низ ба хубӣ ин масъаларо таъйид мекунад. Бинобар ин, бояд иллати (сababи) пешниҳоди хилофат ва ё вилоятаҳдӣ ва исрор бар онро ба ҳисоби сиёсат ва нақшаҳои зиракoнаи вай гузошт ва далели аслиро мушкилоти пеши рӯи ӯ донист, ки мепиндошт, барои гурез аз онҳо ва ҳифзи ҳукумати хеш, чорае ҷуз пешниҳоди вилоятаҳдӣ надорад.

Мушкилоти фарорӯи Маъмун чунин буд:

1. Вай назди мардум ва ба вижа, аббосиён як шӯришӣ ба ҳисоб меомад, ки бар хилофи васияти Ҳорун қиём кард ва бародари худ Аминро, ки расман халифа буд, ба қатл расонд.

2. Аз назари асолати хонаводагӣ дорои асолати кофӣ набуд, зеро модараш канизаке буд аз ғайри араб ва ба дур аз ташаххуси (шахсияти) иҷтимоӣ бар хилофи Амин, ки модараш Зубайдаи ҳошимӣ, бонуе фарҳехта ба ҳисоб меомад.

3. Атрофиёни Маъмун ағлаб эронӣ буданд ва аъроб ба вижа, бани Аббос ба ҳукумати инон розӣ набуданд.

4. Алавиён, ки дар Эрон ба вижа, Хуросон нуфузи бисёр доштанд ва аз бани Аббос ва ба вижа, падари Маъмун, ки дасти ӯ ба хуни бисёре аз алавиён олуда буд, норозӣ буданд, дар манотиқи мухталиф даст ба шӯриш мезаданд. Дар Куфа Абусароё, дар Басра Зайд ибни Мӯсо, дар Мадина Муҳаммад ибни Сулаймон, дар Восит Ҷаъфар ибни Зайд ибни Алӣ дар Мадоин Муҳаммад ибни Исмоил….

5. Маъмун аз нуфузи ҳазрати Ризо (а) дар миёни

шиъаён ва эрониён, ки тарафдори эшон буданд бисёр нигарон буд ва мехост, ба гунае ҳазратро зери назар дошта бошад.

Вай ба манзури контроли авзоъ ва ҳалли мушкилот фикр кард бо вилоятаҳдии ҳазрати Ризо (а) метавонад бахши умдаи мушкилоти худро бо контроли шӯришҳои алавиён ва машруъият бахшидан ба ҳукумати хеш ва ҷалби ризояти эрониён бартараф кунад. Ин кор барои ӯ чанд фоида дошт:

1. Хомӯш кардани шӯриши алавиён.
2. Машруъият бахшидан ба ҳукумати хеш бо вуруди ҳазрати Ризо (а) ба дарбор.
3. Ҷалби назари эрониён, ки тарафдори алавиён буданд.
4. Зери назар гирифтани ҳазрати Ризо (а) ва эмин шудан аз иқдомоти эҳтимолии ҳазрат.
5. Костан аз обруи ҳазрати Ризо (а) бо даргир сохтани эшон дар мушкилоти ҳукумат ва махдуш намудани обруи маънавии ҳазрат бо

ироаи чеҳрае дунёталаб аз эшон.

Ҳазрати Ризо (а) баъд аз он, ки ба иҷбор тан ба вилоятаҳдӣ дод, ба гунае амал намуд, ки нақшаи шуми Маъмун алайҳи худи ӯ тамом шуд ва Маъмунро аз кардаи хеш пушаймон намуд. Иқдомоти ҳазратро метавон дар мавориди зер хулоса кард.

1. Адами пазириши вилоятаҳдӣ то муддатҳо ба гунае, ки Маъмун ҳазратро маҷбур кард.
2. Машрут кардани қабули вилоятаҳдӣ ба адами дахолат дар ҳукумат.
3. Фаъолияти густардаи илмӣ ва фарҳангӣ дар ҷиҳати тарвиҷи мактаби аҳли байт (а) .
4. Изҳори қудрати вилоят ва имомат бо ироаи каромоти равшан.
5. Эътирози мукаррар ба Маъмун ва орои ӯ дар мавоқеи гуногун.

## Намози иди фитр

Яке аз ҳаводиси муҳим дар даврони вилоятаҳдии ҳазрати Ризо (а) ҳаракати имом ба ҷиҳати баргузории намози иди фитр аст. Маъмуни аббосӣ аз ҳазрат хост то эшон маросими иди фитр ва хондани намоз ва хутбаро бар ӯҳда бигирад.

Ҳазрати Ризо (а) ба ӯ фармуд: Миёни ман ва ту шароите буд, ки ин корро пазируфтам (яъне ман шарт кардам, ки дар кори ҳукумат дахолат накунам). Маъмун гуфт: Ман фақат мехостам дили мардум ва лашкариён ва хидматгузорон мутмаъин шавад ва аз он чӣ Худованд Шуморо ба он бартарӣ додааст огоҳ шаванд ва он қадар исрор кард, то он ки ҳазрат фармуд: Агар маро муоф дорӣ назди ман маҳбубтар аст вагарна он гуна, ки паёмбари Худо (с) ва Алӣ ибни Абитолиб (а) барои намози ид хориҷ мешуданд, меравам.

Маъмун гуфт: Ҳар тавр, ки дӯст дорӣ берун биё.

Ҳангоми субҳ вақте мардум мутаваҷҷеҳ шуданд,

ки ҳазрати Ризо (а) барои намози ид хориҷ мешавад, анбӯҳи ҷамъият аз зан ва мард ва ҷавону пир кӯчаҳо ва пушти бомҳоро пур карда буданд, фармондеҳон низ дар хонаи ҳазрат омада буданд, ҳангоми тулӯъи хуршед, ҳазрати Ризо (а) ғусл кард ва дар ҳоле, ки амомае (саллае) сафед бар сар гузошта ва гӯшае аз онро ба сина ва гӯшаеро миёни ду китф андохта  ва доман ба камар зада буд, бархост ва ба тарафдорон низ фармуд: Ҳамон гуна, ки ман анҷом додам, анҷом диҳед. Сипас дар ҳоле, ки асое дар даст дошт, бо пои бараҳна берун омад, сар ба осмон баланд намуд ва чаҳор такбир гуфт ба гунае, ки пиндоштем ҳаво ва деворҳо ба ҳазрат посух медиҳанд.

Фармондеҳон ва мардум, ки беҳтарин либосҳоро пӯшида буданд, ҳамин ки ҳазрат ва атрофиёнро ба он шакл диданд аз асбҳо фуруд омаданд ва кафшҳоро даров471ар ва дар ривояте омадааст: Бархе ба заҳмат ва бо корд кафш ё бандҳои онро мебуриданд.[1] Ҳазрат канори дар истод ва бо садои

1. «Мунтаҳиюл омол», ҷ.2.

баланд гуфт: Аллоҳу акбар ало мо ҳадоно… ҳозирон низ гуфтанд. Садои гиря ва фарёди ҷамъият шаҳри Марвро ба ларза дароварда буд. Ҳазрат ҳаракат кард ва баъд аз ҳар даҳ қадам меистод ва се такбир мегуфт ба гунае, ки гӯйӣ осмон ва замин ба эшон посух медоданд. Фазл ибни Саҳл, вазир ва фармондеҳи сипоҳи Маъмун, ба вай гуфт: Агар ҳазрати Ризо (а) бо ин равиш ба намоз равад, мардум шефтаи ӯ шуда, фиреб хоҳанд хӯрд. Беҳтар аст аз эшон бихоҳӣ баргардад ва ҳазрат кафши худро пӯшид ва баргашт.[1]

1. «Усули Кофӣ», Китобул ҳиҷҷа», ҷ.2, саҳ.407.

## Достони Деъбил

Деъбил ибни Алии Хазоъӣ аз шуъарои маъруфи замони ҳазрати Ризо (а) аст. Вай дар Марв назди ҳазрат омад ва гуфт: Эй писари расули Худо (с)! Дар бораи Шумо қасидае гуфтаам ва савганд хӯрдаам, қабл аз Шумо онро ба касе нахонам.

Ҳазрат фармуд: Биёвар. Деъбил шурӯъ кард ба хондани қасидаи маъруфи худ, ки ибтидои он ин аст:

Мадрасаҳои оёти илоҳӣ аз тиловат хилват монда ва маҳалли нузули ваҳӣ касод ва беравнақ шудааст, то он ки пас аз баёни мазлумияти аҳли байт (а) ва маҳрумияти эшон аз ҳуқуқи хеш гуфт:

Мебинам, ки ғаноими (ғаниматҳои) эшон дар миёни дигарон тақсим мешавад, вале дастҳои эшон аз он холӣ аст.

Дар ин ҳангом ҳазрати Ризо (а) гирист ва фармуд: Эй Хазоъӣ рост гуфтӣ ва Деъбил идома дод

то расид ба ин шеър:

Ман дар дунё ва даврони он ҳароснок будам, вале умедворам, ки баъди марг дар амон бошам.

Ҳазрати Ризо (а) ба ӯ фармуд: Худованд туро дар он ҳароси бузург дар амон дорад, сипас Деъбил ба парокандагии қубури (қабрҳои) аҳли байт (а) ишора кард то расид ба ин шеър:

Қабре, аз аҳли байт (а), дар Бағдод аст яъне қабри ҳазрати Козим (а) барои рӯҳе покиза, ки Худованд дар ғурфаҳое биҳиштӣ ӯро ҷой додааст.

Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Оё ду байт ба ин мақтаъ изофа кунам, то қасидаат комил шавад?

Деъбил гуфт: Оре, эй писари расулуллоҳ (с). Ҳазрат фармуд:

Ва қабре дар Тус аст, чӣ мусибате, ки дар дилҳо оташ мезанад, оташе, ки то қиёмат барафрӯхтааст, то он ки Худованд қоимро барангезад ва ӯ моро аз ғаму ғуссаҳо наҷот диҳад.

Деъбил гуфт: Эй писари расулуллоҳ (с), ин

қабре, ки дар Тус аст, қабри кист? Ҳазрат фармуд: Қабри ман аст. Рӯзҳо ва шабҳо тамом намешавад, то он ки Тус маҳалли рафту омади шиъаён ва зоирони ман хоҳад шуд. Бидон, ҳар ки маро дар ғурбатам дар Тус зиёрат кунад, дар дараҷаи ман аст дар рӯзи қиёмат, дар ҳоле, ки омурзидааст.

## Ҳадяи ҳазрати Ризо (а) ба Деъбил

Чун Деъбил аз хондани қасидаи худ фориғ шуд, ҳазрати Ризо (а) фармуд бимонад ва худ дохили хона шуд. Муддате баъд хидматкори ҳазрат яксад динори разавӣ ки ба номи ҳазрати Ризо (а) зада шуда буд овард ва ба Деъбил гуфт: Мавлоям мегӯяд инҳоро махориҷи (сафари) худ қарор деҳ.

Деъбил гуфт: Ба Худо ман барои ин наёмадаам ва қасидаамро барои тамаъ нагуфтаам ва кисаи пулро пас дод ва аз ҳазрат тақозо кард яке аз либосҳои худро ба ӯ диҳад то табаррук ҷӯяд.

Ҳазрати Ризо (а) либосро ҳамроҳи кисаи пул барои ӯ фиристод ва ба хидматкор фармуд: Ба ӯ бигӯ, ин кисаро бигир, ки ба зудӣ ба он ниёзманд мешавӣ ва рад макун.

Деъбил он либос ва кисаи пулро гирифт ва бо қофилае аз Марв ҳаракат кард. Дар минтақаи Қароҳон роҳзанон қофиларо ғорат карданд ва аҳли қофила аз ҷумла Деъбилро асир карданд.

Роҳзанон машғули тақсими амвол буданд ва яке аз онҳо ин шеърро хонд: Мебинам, ки ғаноими эшон дар дасти дигарон тақсим мешавад, вале дасти эшон аз ғаноими хеш холӣ аст ва ин ҳамон шеъре буд, ки Деъбил суруда буд.

Деъбил аз ӯ пурсид: Гӯяндаи шеър кист? Гуфт: Марде аз Хазоъа ба номи Деъбил ибни Алӣ. Деъбил гуфт: Деъбил манам.

Марди роҳзан ҷараёнро ба раиси худ гуфт. Раиси онҳо назди Деъбил омад ва гуфт: Деъбил туйӣ? Гуфт: Оре. Гуфт: Қасидаатро бихон. Деъбил хонд ва раиси роҳзанон дастур дод то Деъбил ва ҳамаи қофиларо озод кунанд ва амволи онҳро ба эҳтироми Деъбил пас диҳанд.

Деъбил ба сафари худ  идома дод то ба Қум расид. Аҳли Қум аз Деъбил хостанд, ки қасидаи худро бихонад. Ӯ гуфт: Дар масҷиди ҷомеъ ҷамъ шавед ва чун ҷамъ шуданд, қасидаро хонд. Мардуми Қум маблағи зиёде аз молу матоъ ба ӯ сила доданд. То он ки хабари пироҳане, ки ҳазрати Ризо (а) ба Деъбил дода буд ба аҳли Қум расид. Аз ӯ хостанд,

ки он либосро ба ҳазор динор ба онҳо бифурӯшад, аммо Деъбил напазируфт. Гуфтанд: Миқдоре аз онро ба ҳазор динор бифурӯш, ӯ напазируфт ва аз Қум ҳаракат кард.

Дар яке аз рустоҳои шаҳр иддае аз ҷавонони араб либосро аз ӯ гирифтанд. Деъбил ба Қум омад ва аз онҳо хост то либосро ба ӯ баргардонанд. Ҷавонҳо напазируфтанд ва ҳатто ба дастури бузургонашон низ гӯш надоданд ва ба Деъбил гуфтанд: Либосро намедиҳем, ҳазор динор пулро бигир. Деъбил аввал пулро напазируфт, вале чун ноумед шуд дархост кард то миқдоре аз онро ба ӯ бидиҳанд. Онҳо пазируфтанд ва миқдоре либосро бо ҳазор динор ба ӯ доданд.

Деъбил ба ватани худ баргашт, вале дид, ки дуздҳо ҳамаи асоси манзилро рабудаанд. Ӯ он сад диноре, ки ҳазрати Ризо (а) ба ӯ дода буд ба шиъаён фурӯхт ва онҳо ҳар динорро ба сад дирҳам хариданд ва даҳ ҳазор дирҳам ба даст овард ва ин сухани ҳазратро ба ёд овард, ки фармуд: Ба зудӣ ба ин пулҳо ниёз пайдо хоҳӣ кард.

## Пироҳани шифобахш

Деъбил канизе дошт, ки хеле ба ӯ алоқа дошт. Канизи ӯро чашмдарди сахте гирифт. Пизишкон гуфтанд чашми рости ӯ қобили муоличҷа нест ва аз даст рафтааст, аммо барои муоличҷаи чашми чапи ӯ талош мекунем, шояд беҳбудӣ ёбад.

Деъбил бисёр ғамгин шуд ва бетобӣ кард, то он ки ба ёди он тиккаи либоси ҳазрат афтод. Онро ба чашмони канизаш молид ва аввали шаб онро ба пешонии вай баст. Чун субҳ шуд чашмҳои он каниз ба баракати ҳазрати Ризо (а) аз аввал низ солимтар шуда буд.[1]

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.2, саҳ.267, «Биҳоруланвор», ҷ.49, саҳ.238.

## Нокомӣ ва мушкилоти Маъмун ва сиёсати ҷадиди ӯ

Пас аз ҷараёни вилоятаҳдии ҳазрати Ризо (а), Маъмун бо масоиле мувоҷеҳ шуд, ки онро пешбинӣ намекард, ба ин гуна, ки худ дар домҳое, ки барои ҳазрати Ризо (а) тадорук дида буд, гирифтор шуд. Ин масоил иборат аст аз ҳузури имом Ризо (а) дар маҳофили илмӣ ва мубоҳисоти ҳазрат бо бузургони яҳуд ва насоро ва дигар миллатҳо ва пирӯзии қотеъи эшон дар миёни мардум буд. Иқдомоти гуногуни ҳазрат дар мавориди мухталиф, ки нишон аз эътимод ва адами эътиқод ба дастгоҳи ҳокима дошт, кудурати бани Аббос ва бузургони эшон нисбат ба Маъмун, ки халифаи вақт яъне Маъмунро кушта буд ва муҳимтар ин ки ҳазрати Ризо (а)-ро вилоятаҳди худ карда буд, ки ин амр заминаи интиқоли ҳукуматро аз бани Аббос ба алавиён фароҳам мекард ва ба дунболи он норизоятиҳое аз тарафи аббосиён намудор шуд, ки намуни муҳимми

он шӯриши мардуми Бағдод алайҳи Маъмун ва азли вай ва байъат бо Иброҳим ибни Маҳдӣ маъруф ба ибни Шакала буд, аз мушкилоти дигари Маъмун буд.[1] Гурӯҳҳо ва қабоили (қабилаҳои) дигаре ғайр аз аббосиён ва алавиён низ ба ин ноороmиҳо доман мезананд ба гунае, ки ҳараҷу мараҷ ва шӯришҳои зиёде падид омад ва чизе намонда буд, ки ҳукумати ӯ сарнагун шавад.[2]

1. Табарӣ, ҷ.7, саҳ.140.
2. Муқаддимаи ибни Халдун ҷ.1, саҳ.405.

## Гоми аввал ва куштани Фазл ибни Саҳл

Чун Маъмун сиёсати худро шикастхӯрда дид, тасмим гирифт дар он таҷдиди назар кунад ва аз иқдоми сиёсӣ ба низомӣ рӯй овард. Ба ин манзур озими Бағдод шуд то зимни бозгардонидани оромиш ба он ҷо аз аббосиёни норозӣ низ дилҷӯйӣ кунад. Гуфтаанд: Дар аввалин гом тасмим ба қатли Фазл ибни Саҳл, мураббӣ ва вазир ва фармондеҳи нерӯҳои мусаллаҳи худ гирифт. Ҳамоне, ки барои иқтидори Маъмун талошҳои фаровоне карда буд ва хилофати Маъмун дар гарави сиёсат ва иқдомоти мухлисонаи вай буд.

Ҷараён аз ин қарор буд, ки Фазл ибни Саҳл ба дунболи тасмими Маъмун барои ҳаракат ба сӯи Бағдод ба Сарахс омад ва Маъмун ба чаҳор нафар аз нерӯҳои худ дастур медиҳад ба гунае ношинос Фазлро дар ҳаммом бикушанд ва ба дунболи иҷрои ин тавтиъа барои пӯшонидани иттиҳоми қатл дастур дод то ҷиҳати ёфтани қотилони Фазл муттаҳид

шаванд ва барои дастгирии онон ҷоиза низ қарор дод[1] ва ин гуна буд, ки аввалин гомро ҷиҳати касби ризояти аббосиён бардошт, зеро Фазл ибни Саҳл яке аз муттаҳамони аслии интиқоли хилофат ба алавиён буд.

Дар бархе ривоёт омадааст, ки Ҳасан ибни Саҳл дар номае аз бародараш Фазл хоста буд барои дафъи нуҳусати фоли баде, ки барои вай зада буд, ӯ бо ҳазрати Ризо (а) ва Маъмун ба ҳаммом раванд ва ҳиҷомат кунанд то бо ҷараёни хун он нуҳусат бартараф гардад!

Вақте Фазл ин дархостро барои Маъмун фиристод ва ӯ аз ҳазрати Ризо (а) хост, ки бо вай ба ҳаммом равад, ҳазрат фармуд: Ман фардо ба ҳаммом намеравам, барои Шумо низ салоҳ намедонам фардо ба ҳаммом равед, Фазл ҳам салоҳ нест ба ҳаммом биравад. Ва чун Маъмун исрор кард, ҳазрат фармуд: Имшаб расулуллоҳ (с)-ро дар хоб дидам фармуд: Ё Алӣ! Фардо ба ҳаммом марав

1. «Муҳозироту таърихил умамил исломия», саҳ.182, ниг: Имом Алӣ ибни Мусарризо (а), саҳ.165.

ва ман салоҳ намедонам Шумо ва Фазл ба ҳаммом равед ва Маъмун пазируфт.

Баъд аз ғуруб ҳазрати Ризо (а) фармуд: Бигӯед ба Худо паноҳ мебарем аз шарре, ки дар ин шаб нозил мешавад, баъд аз намози субҳ низ фармуд: Бигӯед ба Худо паноҳ мебарам аз шарри он чӣ дар ин рӯз нозил мешавад…

Наздики тулӯъи хуршед ҳазрат ба ходими худ Ёсар фармуд: Бирав болои бом ва гӯш кун, оё садое мешунавӣ? Вай гӯяд: Вақте боло рафтам садои нола ва азо шунидам, дар ин ҳангом ногоҳ Маъмун ворид шуд ва ба ҳазрат гуфт: Сарвари ман, Худованд туро дар мавриди Фазл аҷр диҳад, ӯро дар ҳаммом куштанд!! Сарбозон ва афсарон ва тарафдорони Фазл ба дари хонаи Маъмун ҷамъ шуданд ва гуфтанд: Маъмун ӯро террор кардааст ва оташ оварда буданд то дари хонаи Маъмунро бисӯзонанд ва ворид шаванд. Маъмун аз ҳазрат дархост кард, агар салоҳ медонед назди мардум равед ва онҳоро мутафарриқ кунед. Ҳазрат дари хона омад ва дид, ки мардум издиҳом кардаанд. Бо

дасти муборак ишора намуд: Мутафарриқ шавед, мутафарриқ шавед, ба Худо савганд мардум чунон бармегаштанд, ки рӯи якдигар меафтоданд ва ба ҳар кас ишора менамуд, медавид ва мерафт.

# Қотили ҳазрати Ризо (а)

Ба ҳар ҳол кушта шудани Фазл ибни Саҳл қадами бузурге дар роҳи дилҷӯии аббосиён буд, аммо бетардид кофӣ набуд. Зеро эътирози умдаи онҳо дар вилоятаҳдии ҳазрати Ризо (а) буд, ки умедро аз дили бани Аббос бурда буд. Ба ин ҷиҳат Маъмун тасмим гирифт ба ҳар василаи мумкин ҳазратро аз миён бардорад.

Ӯ мебоист ин тавтиъаро чунон моҳирона анҷом медод, ки натанҳо муттаҳам нашавад, балки агар битавонад аз шаҳодати он ҳазрат баҳра низ бибарад ва ин гуна аст, ки масъаларо чунон бо зиракӣ анҷом дод, ҳатто бархе муаррихонро (таърихнависон) дар мавриди иқдоми вай бар қатли ҳазрати Ризо (а) ба хато ё тардид андохта аст.[1]

Маъмун аз Марв ба қасди Бағдод ҳаракат кард, дар Сарахс Фазл ибни Саҳлро дар ҳаммом кушт ва сипас ба Тус омад, то аз он ҷо озими Бағдод шавад.

1. «Биҳоруланвор», саҳ.311.

Дар Тус муддате канори қабри падараш Ҳорун диранг кард то нақшаи шуми худро дар мавриди шаҳодати ҳазрати Ризо (а) иҷро кунад ва қабл аз расидан ба Бағдод хаёли норозиёни аббосиро аз ин ҷиҳат роҳат созад. Ривоёти исломӣ ва гузоришҳои таърихӣ ҳамагӣ ҳикоят аз иқдоми ҷинояткоронаи Маъмуни аббосӣ дар шаҳодати ҳазрати Ризо (а) дорад. Ҳазрати Амир (а) фармуд: Марде аз фарзандони ман дар сарзамини Хуросон мазлумона бо самм (заҳр) кушта мешавад, номи ӯ номи ман ва номи падари ӯ номи Мӯсо ибни Умрон аст. Бидонед, ҳар ки ӯро дар ғурбат зиёрат кунад, Худованд гуноҳони ӯро меомурзад....[1]

Дар ҳадиси лавҳ, ки назди ҳазрати Фотима (с) буд ва дар он исмҳои имомон зикр шуда буд дар мавриди ҳазрати Ризо (а) омадааст: Ифрите мутакаббир ӯро хоҳад кушт.[2]

Ҳазрати Содиқ (а) фармуд: Набераи ман дар сарзамини Хуросон дар шаҳре, ки Тус гӯянд кушта

1. «Васоилушшиъа», ҷ.10, боби 82, Алмазореҳ.9.
2. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.1, саҳ.35.

мешавад, ҳар ки ӯро бо шинохти ҳақ зиёрат кунад худам дасташро мегирам ва вориди биҳишт мекунам…[1]

Ҳазрати Козим (а) низ фармуд: Писарам Алӣ (а) бо заҳр мазлумона кушта мешавад ва канори Ҳорун ба хок супорида мешавад, ҳар ки ӯро зиёрат кунад мисли касе аст, ки паёмбар (с)-ро зиёрат карда бошад.[2]

Ва худи ҳазрати Ризо (а) фармуд: Ба Худо савганд ҳеҷ як аз мо нест, магар ин ки кушта ва шаҳид мешавад. Пурсиданд: Эй писари расулуллоҳ Шуморо чӣ касе мекушад? Фармуд: Бадтарин мардуми замонам маро бо заҳр мекушад.[3]

Эшон ба Маъмун низ дар ҷараёни имтиноъ аз вилоятаҳдӣ фармуда буд: Ман қабл аз ту ба василаи заҳр ва мазлумона ба шаҳодат хоҳам расид ва агар иҷоза доштам, мегуфтам, ки қотили ман кист.[4]

---

1. «Васоилушшиъа», ҷ.10, боби 82, Алмазореҳ 10.
2. Ҳамон, ҷ.21.
3. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.2, саҳ.256.
4. Ҳамон, ҷ.2, саҳ.140.

## Террори номуваффақи ҳазрати Ризо (а)

Дар бархе гузоришҳо омадааст, ки Маъмун шабе сӣ нафар аз ғуломони худро бо шамшери тез ва масмум маъмурият дод, то шабона бар ҳазрати Ризо (а) ҳамла кунанд ва ҳазратро қитъа – қитъа созанд ва дар муқобили ин кор ва китмони (пӯшонидани) он ҷавоизи (ҷоизаҳо) арзандае низ таъйин кард. Онҳо иқдоми худро анҷом доданд ва ба гумони он ки ҳазрати Ризо (а)-ро куштаанд ба Маъмун гузориш доданд. Ва Маъмун низ фардо ба унвони азо бо сару вазъи ошуфта зоҳир шуд, аммо вақте фиристодаи ӯ хабар дод, ки ҳазрат зинда ва солим аст, ранги сураташ (рӯяш) сиёҳ шуд. Либосҳоро иваз кард ва дастур дод бигӯед, ҳазрат беҳӯш шуда буд ва акнун ба ҳӯш омад. Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Ба Худо савганд ҳилаи инҳо асаре надорад, то он чӣ муқаддар шудааст, анҷом шавад.[1]

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.2, саҳ.215.

## Шаҳодати ҳазрати Ризо (а)

Ҳазрат чунон дар сахтӣ ва фишор қарор дошт, ки рӯзи ҷумъа чун аз намоз бармегашт, дар ҳоле, ки арақ карда ва ғуборолуд буд, даст ба дуо бармедошт ва мегуфт: Худоё агар кушоиши ман аз он чӣ дар он ҳастам ба марг аст, ҳамин соат дар марги ман шитоб кун! Ва ҳамвора ғамгин ва нороҳат буд то аз дунё реҳлат намуд.[1] Дар шаби қабл аз шаҳодат ба дунболи Ҳарсима фиристод ва ба ӯ фармуд: Он чӣ мегӯям бишнав ва ҳифз кун. Ҳангоми бозгашти ман ба сӯи Худованд фаро расидааст ва замони он аст, ки ба ҷадду падаронам мулҳақ (пайваст) шавам. Ин туғёнгар (Маъмун) тасмим гирифтааст, то бо ангур ва анор маро масмум созад. Ангурро бо нах ва сузан масмум карда ва анорро тавассути ғуломе, ки дасташ масмум аст бароям дона мекунад. Фардо маро фаро мехонад то аз он бихӯрам ва ҳукми қазо анҷом мепазирад… [2]

1. Ҳамон, саҳ.14.
2. Ҳамон, саҳ.248.

Дар идомаи ривоят омадааст, ки чун Ҳарсима баъд аз шаҳодати ҳазрат сухани имом Ризо (а) дар мавриди ангур ва анорро ба Маъмун гуфт, ранги Маъмун гоҳе зард, гоҳе қирмиз ва гоҳе сиёҳ мешуд, то ин ки беҳӯш гардид ва дар ҳоли беҳӯшӣ бо садои баланд мегуфт: Вой бар Маъмун аз ҷониби Худо, вой бар ӯ аз паёмбар (с), вой бар ӯ аз Алӣ ибни Абитолиб (а), вой бар ӯ аз ҷониби Фотима (с)… ва чун ба ҳӯш омад, ба Ҳарсима гуфт: Ба Худо савганд, ки на ту ва на ҳеҷ кас дар рӯи замин ва осмон назди ман аз Ризо(а) азизтар нест. Ба Худо қасам, агар ба ман хабар расад, ки аз он чӣ дидӣ ва шунидӣ бозгӯ кардаӣ, ҳамон марги ту хоҳад буд. Ва Ҳарсима қавл дод, ки агар чизеро бозгӯ кунад, хуни ӯ барои Маъмун ҳалол бошад ва Маъмун аз ӯ дар китмони он аҳд ва паймон гирифт.[1]

Ҳазрати Ризо (а) ба Абосалт фармуд: Ба қуббаи Ҳорун бирав ва аз чаҳор ҷониби он муште хок биёвар. Вақте Абосалт овард, ҳазрат хоки пушти сарро бӯйид ва ба замин рехт ва фармуд: Маъмун

---

1. Ҳамон, саҳ.253.

мехоҳад маро ин ҷо дафн кунад, вале санги сахти бузурге зоҳир мешавад, ки агар ҳамаи кулангҳои Хуросонро биёваранд, наметавонанд онро ҷудо кунанд. Сипас хокеро, ки марбут ба болои сар ва пойини по буд бӯйид ва ҳамон суханро фармуд ва чун хокеро, ки тарафи қибла буд, бӯйид, фармуд: Ин ҷо бароям гӯдоле (чуқурие) хоҳанд канд…

Сипас фармуд: Эй Абосалт! Фардо ман ба назди ин фоҷир меравам, агар бо сари бараҳна берун омадам бо ман сухан бигӯ, ки посух медиҳам, вале агар бо сари пушида берун омадам, бо ман сухан магӯ.

Абосалт гӯяд: Фардо ҳазрат либосҳои хешро пушид ва дар меҳроб ба интизор нишаст, то он ки ғуломи Маъмун омад ва ҳазратро хост. Имом ҳаракат кард ва ман низ рафтам. Муқобили Маъмун сабаде аз ангур ва дигар меваҳо буд, дар дасти ӯ низ хӯшаи ангуре буд, ки миқдоре аз онро хӯрда буд, ҳамин ки ҳазрати Ризо (а) –ро дид аз ҷо барҷаст ва ҳазратро дар оғуш гирифт, миёни ду чашми ҳазратро бӯсид ва дар ҷои худ нишонд, сипас он

хӯшаи ангурро ба ҳазрат таъоруф (таклиф) кард ва гуфт:

Эй писари расулуллоҳ (с)! Ман ангуре беҳтар аз ин надидам. Ҳазрат фармуд: Чӣ басо, ки ангури хубе бошад аз биҳишт! Маъмун гуфт: Аз он бихӯр, имом фармуд: Маро маъзур дор. Гуфт: Чорае нест, чаро намехӯрӣ, магар маро муттаҳам мекунӣ ва ба ман шак дорӣ? Ҳазрат он хӯшаро гирифт ва се дона аз он майл намуд ва бар замин андохт ва бархост.

Маъмун гуфт: Ба куҷо меравӣ? Фармуд: Он ҷо, ки маро фиристодӣ. Он гоҳ дар ҳоле, ки сари ҳазрат пӯшида буд берун омад ва ман бо ҳазрат сухан нагуфтам. Ҳазрат вориди хона шуд ва дар бистари хеш хобид ва дастур дод то дари хона баста шавад. Дарро бастам ва дар ҳаёти (ҳавлии) хона ғамгин монда будам. Ногоҳ навҷавоне зебо ва мушкинмӯй дидам, ки аз ҳама ба ҳазрати Ризо (а) шабеҳтар буд, ба тарафи ӯ рафтам ва гуфтам: Аз дари баста чӣ гуна ворид шудӣ? Фармуд: Он ки маро аз Мадина дар ин ҳангом ба ин ҷо овард, ҳамон маро аз дари баста вориди хона кард.

Арз кардам Шумо кистед? Фармуд: Манам ҳуҷҷати Худо бар ту эй Абосалт, манам Муҳаммад ибни Алӣ (имом Ҷавод), сипас ба тарафи падари бузургвораш рафт. Ҳамин ки ҳазрати Ризо (а) фарзандашро дид аз ҷо бархост, ӯро дар оғуш гирифт ва миёни ду чашмаро бӯсид ва ғарқ дар бӯса кард, бо суханоне махфиёна гуфт (аз асрори имомат), ки нафаҳмидам… он гоҳ руҳи мутаҳҳараш ба ризвон парвоз кард.

Ҳазрати Ҷавод машғули ғусли падар шуд, хостам кумак кунам, фармуд: Бо ман ҳастанд касоне, ки кумак диҳанд, сипас фармуд: Бирав андарун ва кафан ва ҳанутро биёвар, падарро кафан кард ва бар ӯ намоз хонд. Сипас фармуд: Тобути ӯро биёвар. Арз кардам: Биравам назди наҷҷор то тобут дуруст кунад? Фармуд: Ба андарун бирав ва он ҷо тобуте ҳаст! Ба андарун рафтам тобуте дидам, ки қабл аз ин надида будам, падарро дар тобут ниҳод ва ду ракаъат намоз хонд, ки ногоҳ сақф шикофт ва тобут аз сақф хориҷ шуд!

Гуфтам: Эй писари расулуллоҳ (с) акнун

Маъмун меояд ва Ризо (а)-ро аз ман мехоҳад, чӣ кунам? Фармуд: Сокит бош! Бармегардад. Эй Абосалт! Ҳеҷ паёмбаре нест, ки дар машриқ бимирад ва васии ӯ дар мағриб бошад, магар ин ки Худованд миёни рӯҳ ва ҷисми онҳо ҷамъ мекунад яъне ҳазратро назди паёмбар (с) бурдаанд. Ҳанӯз сухани ҳазрат тамом нашуда буд, ки сақф дубора шикофт ва тобут фуруд омад. Ҳазрати Ҷавод (а) падарро аз тобут даровард ва дар бистар қарор дод, гӯё, ки ҳанӯз ғусл ва кафан нашудааст.

Сипас фармуд: Эй Абосалт! Бархез ва дарро барои Маъмун боз кун. Дарро боз кардам, дидам, ки Маъмун аст бо ғуломон. Он малъун, ки шаҳодати ҳазрат барояш қатъӣ буд бо гиря дар ҳоле, ки гиребон чок дода буд ва бар сар мезад ворид шуд ва мегуфт: Эй сарвари ман, дили маро бо мусибати худ ба дард овардӣ ва ҳамон гуна шуд, ки ҳазрати Ризо (а) хабар дода буд.[1] Таърихи шаҳодати он ҳазрат тибқи ривоёти машҳуртар дар моҳи сафари соли 203 ҳ.қ. дар синни 55 солагӣ будааст.

---

1. «Уюуну ахборир Ризо (а)», ҷ.2, саҳ.244-245 бо ихтисор.

## Мурури бар аҳамми (муҳимтарин) ҳаводиси даврони имомати ҳазрати Ризо (а)

Соли 173 ҳ.қ. Шаҳодати ҳазрати Мӯсо ибни Ҷаъфар (а)

Соли 184 ҳ.қ. Аҳмад писари Ҳорунаррашид маъруф ба Сибтӣ, ки дар дунё зуҳд варзид ва ба ибодат машғул буд, аз дунё рафт. Вай рӯзи шанберо коргарӣ мекард ва музди онро дар айёми ҳафта масраф мекард ва ба ибодат иштиғол дошт, то аз дунё рафт.

Соли 185 ҳ.қ. Фузайл ибни Аёз орифи муртози суфӣ, дар Макка аз дунё рафт. Гуфтаанд: Вай дар ибтидо аз роҳзанон буд, ки тавба кард ва писаре дошт ба номи Алӣ, ки аз падар дар зуҳду ибодат афзал буд, вале дар ҷавонӣ дар Масҷидулҳаром канори чоҳи Замзам шунид, касе ин ояи 49-уми сураи «Иброҳим»-ро мехонад, сайҳае (садои баланд) зад ва ҷон дод. (Пештар дар мавриди инҳирофи

сӯфия ва мазамммати онҳо аз ҷониби аҳли байт (а) ривоётеро нақл кардем).

Соли 188 ҳ.қ. Алӣ ибни Ҳамза маъруф ба Кисоӣ, ки дар илми наҳв ва луғати араб ва қироат маъруф аст ва ҳамчунин Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ, фақеҳи ҳанафӣ, ки ҳамроҳи Ҳорунаррашид дар сафари Тус буданд, дар Рай аз дунё рафтанд ва Ҳорун гуфт: Фиқҳ ва арабияро дар Рай дафн кардем.

Тибқи бархе ривоёт, маддоҳи аҳли байт (а) ва шоири тавонои эшон Исмоил ибни Муҳаммад маъруф ба Сайид Ҳамирӣ дар айёми Ҳорунаррашид чашм аз ҷаҳон барбаст, вале мустафод аз аҳодис ва ахбор он аст, ки вафоти вай дар ҳаёти имом Содиқ (а) будааст. Вай саъйи балиғ дар нашри фазоили аҳли байт (а) дошт ба гунае, ки аз аҳаде аз асҳоби аимма (имомон) маъҳуд нест, ки монанди вай нашри фазоили амирулмӯъминин ва аҳли байт (а) намуда бошад. Вай дар куносаи Куфа гуфт: Ҳар ки фазилате аз Алӣ (а) нақл кунад, ки ман онро ба шеър дарнаёварда бошам, ин асбро бо он чӣ дар он

аст ба ӯ медиҳам. Муҳаддисон ҳадис мехонданд ва Сайид ашъори худро дар он мавзӯъ мехонд то он, ки марде фазилате нақл кард, ки Сайид дар он маврид шеър нагуфта буд. Ба ваъдаи худ вафо кард ва сипас он фазилатро ба шеър даровард.

Дар замони ҳукумати Ҳорунаррашид иддае зиёде аз алавиён ва толибиён шаҳид шуданд, ки таърихи шаҳодат ва номи онҳо ба ҷиҳати касрат (зиёдӣ) забт нашудааст, аз ҷумла Идрис ибни Абдуллоҳ ибнал Ҳасани  Мусанно, ки дар Миср ва Африқо ҳукумате густарда дошт ва ба ҳилаи Ҳорун масмум шуд ва ҳамчунин содоте мисли Яҳё ибни Абдуллоҳ ибни Исмоил аз наберaҳои Ҷаъфари Тайёр, ки бар асари садамоти тозиёна кушта шуд ва ё Аббос ибни Муҳаммад аз наберaҳои имом Саҷҷод (а), ки Ҳоруни малъун бо гурз ба ӯ зад ва вайро кушт, зеро Ҳорун вайро писари Зония хонд ва ӯ ба Ҳорун гуфт: Зония модари туст, ки дар асл канизе буд ва бардафурӯшон (ғуломфурӯшон) дар фироши (бистари) ӯ рафту омад кардаанд, Ҳорун сахт дар хашм шуд ва бо гурз бар вай зад ва ӯро кушт.

Дар ин ҷумла иддаи зиёде аз алавиён дар замони Ҳорун кушта шуданд ва ҷараёни Ҳамид ибни Қаҳтаба ва куштани шаст нафар аз содот дар як шаб дар таърих мазкур аст.[1]

Соли 189 ҳиҷрӣ, ситораи иқболи хонадони бармакиён ғуруб кард ва инон, ки умури кишвар ба эшон тафвиз (гузошта) шуда буд, ба дасти Ҳорун нобуд шуданд ва ҷараёни ибратомӯзи он дар таърих мазкур аст ва ин иқдоми Ҳорун чунон зиракона анҷом гирифт, Ҷаъфар ибни Яҳёи Бармакӣ, ки шавҳари хоҳари Ҳорун ва бисёр назди ӯ маҳбуб буд, то он шаб, ки Ҳорун дастури қатли вайро дод, ҳаргиз эҳтимоли ин ҳодисаро намедод. Ва чун маъмури Ҳорун барои иҷрои ҳукм ба манзили вай рафт, ба ӯ гуфт: Ҳорун бо ман ин гуна бисёр шӯхӣ мекунад. Саранҷом қарор шуд то ӯро пушти хаймаи Ҳорун бибаранд ва дубора дар мавриди қатли вай назари Ҳорунро ҷӯё шаванд, чун фармони қатли худро дубора шунид, бо дастмоли худ чашмонашро баст ва ӯро гардан заданд. Аҷаб он ки Ҳорун ба

1. «Убну ахборир Ризо (а)», ҷ.1, саҳ.88.

маъмури қатли вай гуфт? Фалон ва фалонро ҳозир кун. Чун онҳро ҳозир кард ба онҳо гуфт: Ин маъмурро гардан занед, зеро наметавонам қотили Ҷаъфарро бибинам.[1]

Соли 192 ҳ. қ. Рӯзи сешанбе саввуми Ҷимодиюлаввал Ҳорунаррашид дар Тус аз дунё рафт. Вай бисту се солу чанд моҳ хилофат кард ва ҳангоми марг 44 солу чаҳор моҳ дошт ва дар ҳамон маконе, ки боргоҳи разавия (а) аст ба хок супорида шуд, ки ҳазрати Ризо (а) аз ин ҷараён мукаррар хабар дода буд. Гоҳе мефармуд: Маро бо ӯ дар як утоқ мадфун хоҳед дид[2] ва гоҳе мефармуд: Миёни ман ва ӯ шаҳри Тус ҷамъ хоҳад кард[3] гоҳе низ мефармуд: Ман ва Ҳорун ҳамонанди ин ду хоҳем буд ва ду ангушти саббоба (ишорат) ва вусто (ангушти миёна) якдигар мечаспонид.[4]

Деъбил дар ҳамин маврид ашъоре дорад, ки мазмуни он ин аст: Ду қабр аст дар Тус, яке қабри

1. «Мураввиҷуззаҳаб», ҷ.3, саҳ.465.
2. «Эъломулҳидоя», саҳ.36.
3. Ҳамон, саҳ.36.
4. Ҳамон.

беҳтарини мардум ва дигаре қабри бадтарини мардум ва ин худ ибратомӯз аст. На он палид аз наздикӣ бо покиза суд мебарад ва на он покиза аз ин наздикӣ зарар мекунад.[1]

Понздаҳуми моҳи ҷамодиюлаввали соли 193 ҳ.қ. барои Муҳаммадамин фарзанди Ҳорун, ки валиаҳди ӯ буд ва дар вақти марги падар дар Бағдод буд, байъат гирифтанд. Модараш Зубайда духтари Ҷаъфар фарзанди Мансур ва аз ашрофи бонувони Бани Аббос буд, ки осори ӯ аз ҷумла бино ё таҷдиди бинои шаҳри Табрез ва бархе чоҳҳо дар роҳи Макка, маъруф аст. Вай яксад каниз дошт, ки ҳофизи Қуръон буданд ва дар қасри ӯ садои Қуръон мисли лонаи занбур шунида мешуд ва дар соли 216 ҳ.қ. дар Бағдод аз дунё рафт.

Қозӣ Нуруллоҳ дар «Маҷолисулмӯъминин» овардааст, ки Зубайда шиъаи фидоия буд ва чун Ҳорун эътиқоди шадиди ӯро фаҳмид, вайро талоқ дод ва талоқномаро барои ӯ фиристод ва Зубайда дар пушти нома навишт: Аз шароити қабл шукр

1. «Татимматул мунтаҳо», хилофати Ҳорун.

мекардем ва акнун, ки ҷудо шудем, пушаймон нестем.[1]

Ҳаҷдаҳ шаб аз ҳукумати Амин мегузашт, ки вай тасмим гирифт нақзи паймон кунад ва Маъмун бародари худро, ки дар замони падар ба унвони ҷонишини вай муаррифӣ шуда буд халъ (озод) ва писараш Мӯсои Нотиқро валиаҳди худ кунад. Бо вузаро (вазирон) ва умаро машварат кард салоҳ надиданд, магар Алӣ ибни Исо ибни Моҳон.

Амин ба халъи (озодии) Маъмун иқдом кард ва лашкари азимеро ба фармондеҳии Алӣ ибни Исо ҷиҳати мубориза бо Маъмун ба Хуросон фиристод. Маъмун низ чаҳор ҳазор нафарро ба фармондеҳии Тоҳир ибни Ҳусейн ба муқобили вай гусел намуд ва ин ду лашкар дар наздикии Рай бо якдигар набард карданд. Фармондеҳи лашкари Амин, ки аз зиёдии афроди худ мағрур буд ва риъояти дурандеширо накард аз сипоҳи Маъмун шикаст хӯрд ва кушта шуд. Маъмун баъд аз ин пирӯзӣ бародараш Аминро халъ (озод) кард ва Тоҳир ибни Ҳусейнро бо

---

1. «Татимматул мунтаҳо».

Ҳарсима ибни Аъян ба сӯи Бағдод гусел дошт. Баъд аз чанде ҷангу муҳосираи Бағдод ва талаф шудани нафарот ва амволи фаровон, мардуми Бағдод ба сутуҳ омаданд (ночор шуданд) ва аз Амин канора гирифтанд. Тоҳир низ бо ваъдаи симу зар бузургонро мутамоил ба Маъмун кард ва онҳо Аминро халъ (озод) карданд, то он ки Ҳарсима ба Амин амон дод ва он ду дар як киштии кӯчак ҳамдигарро мулоқот карданд. Ҳарсима Аминро эҳтиром кард, вале Тоҳир иддаеро фиристод то Аминро дастгир кунанд. Онҳо дохили об шуданд ва киштиро ғарқ карданд, Ҳарсима ва Амин бо шино худро наҷот доданд, аммо Амин дар нуқтае берун омад, ки сипоҳи Тоҳир он ҷо буд ва қабл аз он ки бо Тоҳир мулоқот кунад ба амри ӯ Аминро куштанд ва ин ҳодиса дар шаби якшанбе, 25 муҳаррами соли 198 рӯй дод.

Соли 198 ҳ.қ. 25-уми Муҳаррам Амин дар синни 33 солагӣ кушта шуд ва муддати хилофати вай наздик ба панҷ сол шуд ва чун пайваста ба айшу нӯш ва лаззатҷӯӣ ва лаҳву лаъаб (бозӣ) машғул

буд ва муддате низ дар муҳосира ва даргири ҷанг бо лашкари Маъмун буд ба ин ҷиҳат мутаъарризи оли Абутолиб нашуд ва ҳодисае барояшон воқеъ нагардид.

Соли 196 ҳ.қ. Бо кушта шудани Амин мардуми Бағдод низ бо Маъмун байъат намуданд.

Соли 198 ҳ.қ. Маъмун бародари худ Қосим ибни Рашидро аз вилоятаҳдӣ халъ кард.

Соли 199 ҳ.қ. Абусароё Сарӣ ибни Мансури Шайбонӣ, ки марде шуҷоъ ва дар кори ҷанг мутабаҳҳир (бо маҳорат) буд дар Куфа хуруҷ кард ва мардумро ба байъат бо Муҳаммад ибни Иброҳим фаро хонд. Мардуми Куфа ҳамагӣ бо ӯ байъат карданд.

Кори Муҳаммад бисёр боло гирифт ва сипоҳиёни халифаро мукаррар шикаст доданд, то он ки Муҳаммад аз дунё рафт ва мардум бо Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Зиёд ибни Алӣ ибнал Ҳусейн байъат карданд ва ӯ волиёни худро ба атроф фиристод.

Саранҷом Ҳасан ибни Саҳл (бародари Фазл вазири Маъмун) Ҳарсимаро барои дафъи ӯ гусел дошт. Ва бо сӣ ҳазор сипоҳ ба ҷониби Куфа равон шуд. Ҷанге ҳавлнок миёни сипоҳи Ҳарсима бо Абусароё даргирифт ва сипоҳи Ҳарсима шикаст хӯрд, аммо бо вуҷуди ҳушдори Абусароё дар мавриди камини сипоҳи Ҳарсима дар замони таъқиби сипоҳи Ҳарсима, гирифтори панҷ ҳазор нафар камини ӯ шуданд дубора ҷанг даргирифт ва Ҳарсимаро, ки асир шуда буд, озод карданд ва ӯ аз роҳи фиреби куфиён ворид шуд ва пешниҳод кард: Агар мехоҳед ҳукумат аз оли Аббос берун равад, сабр кунед то рӯзи душанбе бо ҳам сӯҳбат кунем, ҳар ки интихоб шуд бо ӯ байъат кунем. Ин ҳила муассир афтод  ва сипоҳи Куфа даст аз ҷанг кашиданд ва ҳарчӣ Абусароё фарёд зад: Ин ҳила аст ва онҳо дар ҳоли шикаст ҳастанд ва осори пирӯзӣ зоҳир шудааст, ба ҷанг идома диҳед, сипоҳи Куфа иқдом накард. Саранҷом вай бо хашм даст аз ҷанг кашид ва рӯзи ҷумъа суханронӣ кард ва онҳоро кушандагони Алӣ (а) ва раҳокунандагони Ҳусайн (а)

хонд ва онҳоро ба шиддат аз ин бевафоӣ мазаммат кард ва ҳарчанд иддае ба ғайрат омаданд ва хостанд иқдом кунанд, аммо вай напазируфт ва дар шаби якшанбе, сенздаҳуми муҳаррам аз Куфа бо ҷамоате хориҷ шуд.

Аз он тараф ашрофи Куфа аз Ҳарсима барои мардум амон гирифтанд ва вақте авзоъ ором шуд, ба Бағдод рафт ва Абусароё саранҷом бо амон таслим шуд ва ӯро назди Ҳасан ибни Саҳл фиристоданд, аммо вай ӯро дар изои (ба ҷои) қатли бародараш кушт ва сари ӯро дар ҷониби шарқӣ ва баданашро дар ҷониби ғарбӣ ба дор кашиданд.

Соли 200 ҳ.қ. Маъмун дастур дод то аз хонадони аббосӣ омор бигиранд. Теъдоди онҳо 33000 нафар шуд.

Дар ҳамон сол, Маъмуни аббосӣ Раҷо ибни Абизаҳҳок ва Ёсари Ходимро ба Мадина фиристод то бо эҳтиром ҳазратро ба шаҳри Марв биёваранд. Дар соли 201 ҳ.қ. маросими вилоятаҳдии ҳазрати Ризо (а) дар маҷлиси азиме баргузор шуд ва бузургону ашроф ва содот ва уламо ҷамъ буданд.

Маъмун аввал ба писари худ, ба номи Аббос дастур дод то бо ҳазрат байъат кунад, сипас соири мардум байъат карданд, ҷавоизи (ҷоизаҳои) бисёр ба мардум бахшид ва хутабо ва шуъаро қасидаҳои фаровон гуфтанд ва Маъмун дастур дод то ҷомаҳои сиёҳро, ки бани Аббос мепӯшиданд раҳо кунанд ва ҷомаҳои сабз бипӯшанд.

Соли 201 ҳ.қ. Ҳазрати Фотимаи Маъсума духтари Мӯсо ибни Ҷаъфар (а) аз Мадина ҷониби Марв ҷиҳати дидори бародараш ҳазрати Ризо (а) кӯч намуд. Дар Сова бемор гардид ва бипурсид то Қум чӣ қадар роҳ аст? Гуфтанд: Даҳ фарсах, ба ходими хеш фармуд: Маро ба ҷониби Қум бибар ва саҳеҳтар он аст, ки хонадони Саъд назди эшон омаданд ва аз эшон хоҳиш карданд ба Қум ташриф оваранд. Мӯсо ибни Хазраҷ маҳори ноқаи он ҳазратро гирифт то вориди Қум намуд ва эшонро дар хонаи хеш манзил дод. Он бузургвор ҳафдаҳ рӯз дар Қум буд ва сипас реҳлат намуд ва ҳазратро дар ҳамин ҷойгоҳи феълӣ ба хок супурданд саломуллоҳу алайҳо.

Соли 202 ҳ.қ. Фазл ибни Саҳл (мураббӣ ва вазир ва фармондеҳи аршади лашкари Маъмун ва хидматгузори пурталоши ӯ) дар ҳаммоми Сарахс ба қатл расид ва дар ҳамин сол Молик ибни Анас раиси мазҳаби моликия дар Мадина аз дунё рафт ва дар қабристони Бақеъ дар буқъаи (макони муборак) ҳамсарони паёмбар (с) дафн шуд.[1]

---

1. Ҳаводиси даврони имомати ҳазрати Ризо (а) ғолибан аз «Татимматул мунтаҳо»-и Муҳаддиси Қумӣ ахз (гирифта) шудааст.

## Фазилати фавқулоддаи зиёрати ҳазрати Ризо (а)

Ҳамдон ибни Исҳоқ гӯяд: Назди ҳазрати Ҷавод (а) рафтам ва арз кардам: Подоши касе, ки падаратро дар Тус зиёрат кунад, чист?

Ҳазрат фармуд: Ҳар ки падарамро дар Тус зиёрат кунад, Худованд гуноҳи гузашта ва ояндаи ӯро меомурзад.

Ҳамдон гӯяд: Баъд аз зиёрати ҳазрат ба ҳаҷ рафтам ва Аюб ибни Нӯҳро мулоқот кардам, ӯ гуфт: Ҳазрати Ҷавод (а) ба ман фармуд: Ҳар ки қабри падарамро дар Тус зиёрат кунад, Худованд гуноҳи гузашта ва пас аз онро меомурзад ва барои ӯ минбаре муқобили минбари Муҳаммад (с) ва Алӣ (а) қарор медиҳад то Худованд аз ҳисоби халоиқ фориғ шавад.

## Шафоати ҳазрати Ризо (а)

Амирулмӯъминин (а) фармуд: Марде аз фарзандони ман дар сарзамини Хуросон бо самм (заҳр) мазлумона кушта мешавад, номи ӯ номи ман аст ва номи падари ӯ номи Мӯсо ибни Имрон аст, бидонед, ҳар ки ӯро дар ғурбат зиёрат кунад, Худованд гуноҳони ӯро меомурзад, гуноҳони гузашта ва баъд аз онро ҳарчанд ба андозаи теъдоди ситораҳо ва қатраҳои борон ва барги дарахтон бошад.

Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Ҳар ки маро зиёрат кунад, дар ҳоле, ки ҳақеро, ки Худованди таъоло аз тоъати ман воҷиб кардааст, бишносад, ман ва падаронам шафеъони ӯ дар рӯзи қиёмат хоҳем буд ва ҳар ки мо шафеъони ӯ бошем, наҷот меёбад, ҳарчанд монанди гуноҳи ҷинну инс ба ӯ бошад.

Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Ба зудӣ ман мазлумона бо самм (заҳр) кушта мешавам, ҳар ки маро бо маърифат (эътироф ба имомат ҳазрат)

зиёрат кунад, Худованд гуноҳи гузашта ва ояндаи ӯро меомурзад.

Абосалт гӯяд: Назди ҳазрати Ризо (а) будам, ки иддае аз аҳли Қум назди эшон омаданд, салом карданд ва ҳазрат эшонро эҳтиром кард. Сипас фармуд: Марҳабо шумоед шиъаёни ҳақиқии мо замоне меояд, ки турбати маро дар Тус зиёрат мекунед, ҳар ки маро дар ҳоле, ки ғусл кардааст, зиёрат кунад аз гуноҳон берун меояд, ҳамчунон, ки аз модар мутаваллид шуда бошад.

# Зоири биҳиштӣ

Ҳазрати Ҷавод (а) фармуд: Ҳар ки падарамро зиёрат кунад биҳишт барои ӯст ва фармуд: Ман зоминам биҳиштро аз сӯи Худованд барои касе, ки қабри падарамро дар Тус бо маърифат ба ҳаққи ӯ зиёрат кунад.

Алӣ ибни Асбот гӯяд: Ба имом Ҷавод (а) арз кардам: Подоши касе, ки падаратро дар Хуросон зиёрат кунад чист? Фармуд: Биҳишт аст ба Худо савганд, ба Худо савганд.

Ҳазрати Содиқ (а) фармуд: Наваи (набераи) ман дар сарзамини Хуросон дар шаҳре, ки Тус гӯянд, кушта мешавад. Ҳар ки ӯро бо маърифат ба ҳаққаш зиёрат кунад, худам дасташро мегирам ва вориди биҳишт мекунам, ҳарчанд аҳли гуноҳони кабира бошад! Савол шуд: Манзур аз маърифати ҳаққи эшон чист? Фармуд: Бидонад, ки ӯ имоми воҷибул итоат, ғариб ва шаҳид аст…

Расулуллоҳ (с) фармуд: Зуд бошад, пораи тани ман дар Хуросон дафн шавад, ҳеҷ мӯъминеро ӯро зиёрат намекунад, магар ин ки Худованд биҳиштро бар ӯ воҷиб ва ҷасади ӯро бар оташ ҳаром мегардонд.

Ва ҳазрати Козим (а) фармуд: Ҳар ки ин писарамро ва ишора ба ҳазрати Ризо (а) намуд, зиёрат кунад, биҳишт барои ӯст.

# Зоири паёмбар (с)

Ҳазрати Содиқ (а) дар ҳадисе фармуд: Ҳар ки ӯро (ҳазрати Ризо (а)) дар ғурбаташ зиёрат кунад ва бидонад, ки ӯ баъд аз падар, имоми воҷибул итоат аз ҷониби Худованди азза ва ҷалла аст, ҳамонанди касе аст, ки расулуллоҳ (с) –ро зиёрат карда бошад ва ҳазрати Ризо (а) фармуд: Дар Хуросон буқъае (ҷои муқаддас) ва замоне меояд, ки маркази рафту омади малоика хоҳад шуд, гурӯҳе аз осмон пойин ва гурӯҳе боло мераванд, то қиёмат, ровӣ пурсид: Кадом буқъа аст?

Ҳазрат фармуд: Сарзамини Тус аст, ба Худо савганд, ки он боғе аз боғҳои биҳишт аст, ҳар ки маро дар он буқъа зиёрат кунад, мисли касе аст, ки расулуллоҳ (с)-ро зиёрат карда бошад ва Худованд барои ӯ савоби ҳазор ҳаҷҷи некӯ ва ҳазор умраи мақбул хоҳад дод ва ман ва падаронам рӯзи қиёмат шафеъони ӯ хоҳем буд.

Ҳазрати Мӯсо ибни Ҷаъфар (а) фармуд:

Писарам Алӣ (а) мазлумона бо самм (заҳр) кушта мешавад ва дар канори Ҳорун ба хок супурда мешавад, ҳар ки ӯро зиёрат кунад, мисли касе аст, ки паёмбар (с)-ро зиёрат карда бошад.

## Савоби шуҳадо

Ҳазрати Содиқ (а) дар ҳадисе фармуд: Ҳар ки ӯро, ҳазрати Ризо (а)-ро бо маърифат ба ҳаққи ӯ зиёрат кунад, Худованди азза ва ҷалла подоши ҳафтод шаҳид аз шуҳадои ростин дар муқобили расулуллоҳро (с) ба ӯ хоҳад дод.

Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Ба Худо савганд ҳеҷ кадом аз мо нест, магар ин ки кушта ё шаҳид мешавад, Абосалт пурсид: Чӣ касе Шуморо мекушад, эй писари расулуллоҳ? Ҳазрат фармуд: Бадтарини халқи Худо дар замони ман, маро бо самм (заҳр) мекушад ва дар хонае танг ва сарзамине ғариб дафн мекунад, бидонед, ки ҳар ки маро дар ғурбатам зиёрат кунад, Худованди азза ва ҷалла подоши як сад ҳазор шаҳид ва як сад ҳазор Сиддиқ ва як сад ҳазор ҳаҷ ва умра ва як сад ҳазор разманда ба ӯ медиҳад ва бо гурӯҳи мо маҳшур мешавад ва дар дараҷоти волои биҳишт бо мо хоҳад буд.

# Зоири Худо

Ҳазрати Мӯсо ибни Ҷаъфар (а) фармуд: Ҳар ки қабри писарам Алиро зиёрат кунад, назди Худованд ҳамчун касе аст, ки ҳафтод ҳаҷҷи некӯ ба ҷо оварда бошад.

Ровӣ пурсид: Ҳафтод ҳазор ҳаҷ? Ҳазрат фармуд: Чӣ басо ҳаҷҷе, ки мақбул намешавад, ҳар ки ӯро зиёрат кунад ва шабе назди ӯ бимонад ҳамонанди касе аст, ки Худовандро дар арш зиёрат карда бошад…

## Бароварандаи ҳоҷат ва бартарафкунандаи ғам

Паёмбар (с) фармуд: Зуд бошад, ки пораи тани ман дар Хуросон ба хок супурда шавад, ҳеҷ ғуссадоре ӯро зиёрат намекунад, магар ин ки Худованд, ғуссаашро бартараф мекунад ва ҳеҷ гунаҳкоре ӯро зиёрат намекунад, магар ин ки Худованд гуноҳони ӯро меомурзад.

Ҳазрати Ҳодӣ (а) фармуд: Ҳар ки ҳоҷате аз Худованд дорад, ғусл карда ва қабри ҷаддам (бобоям) Ризо (а) –ро зиёрат кунад, ду ракаъат намоз назди сари ӯ бихонад ва ҳоҷати худро дар қунут аз Худованд бихоҳад, агар чунин кунад, дуояш мустаҷоб аст ба шарти он ки аз гуноҳ ё қатъи раҳм савол накунад, ҳамоно макони қабри ӯ буқъае аз буқъаҳои биҳишт аст, ҳеҷ мӯъмине онро зиёрат накунад, магар он ки Худованд, ӯро аз оташ озод месозад ва ба макони амн ворид мекунад.

## Бартар аз ҳаҷҷи мустаҳаббӣ

Аҳмад ибни Муҳаммади Бизантӣ гӯяд: Дар дастхати ҳазрати Ризо (а) хондам: Ба шиъаёни ман бирасон ин паёмро, ки зиёрати ман назди Худованди азза ва ҷалла ба ҳазор ҳаҷ мерасад.

Бизантӣ гӯяд: Ба имом Ҷавод (а) гуфтам: Ҳазор ҳаҷ? Ҳазрат фармуд: Оре ба Худо савганд, ҳазор ҳазор (як миллион) ҳаҷ барои касе аст, ки ӯро бо маърифат ба ҳаққаш зиёрат кунад ва дар ривояте дигар ҳазрати Козим(а) фармуд: Ҳар ки қабри писарам Алиро зиёрат кунад, савоби ҳафтод ҳазор ҳаҷ дорад.

Ҳазрати Ризо (а) дар ривояте фармуд: Худованд (барои зуввори ман) савоби ҳазор ҳаҷҷи некӯва ҳазор умраи мақбул менависад ва дар ривояти дигаре фармуд: Ҳар ки маро дар ғурбат зиёрат кунад, Худованд барои ӯ савоби ҳазор ҳаҷ ва умра менависад.

Муаллиф гӯяд: Шояд ин ихтилоф дар савоб ба хотири ихтилофи зиёратҳо аз назари сахтӣ ва осонӣ, ихлос ва маротиби он ва ихтилофи зуввор дар камолот бошад.

## Эман аз оташ

Ҳазрати Ҷавод (а) фармуд: Миёни ду кӯҳи Тус хоке аз хокҳои биҳишт аст, ҳар ки бо он ҷо ворид шавад рӯзи қиёмат аз оташ дар амон аст.

Ва дар ҳадиси дигаре фармуд: Ҳар ки қабри падарамро дар Тус зиёрат кунад, Худованд гуноҳҳои гузашта ва ояндаи ӯро меомурзад ва барои ӯ минбаре муқобили минбари расулуллоҳ (с) насб мекунанд то Худованд аз ҳисоби бандагон фориғ гардад.

Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Ҳар ки маро бо дурии манзил зиёрат кунад, рӯзи қиёмат се ҷо назди ӯ меоям то ӯро аз ваҳшатҳои он ҷо бираҳонам, ҳангоме, ки номаи аъмолро ба (дасти) рост ва чап диҳанд, назди сирот ва назди мизон.

## Бартарин меҳмони Худованд

Ҳазрати Мӯсо ибни Ҷаъфар (а) дар ҳадисе фармуд: Чун рӯзи қиёмат шавад чаҳор нафар аз аввалин ва чаҳор нафар аз охирин бар арши Худованд хоҳанд буд. Чаҳор нафар аз аввалин иборатанд аз: Нуҳ, Иброҳим, Мӯсо ва Исо (а) ва аммо чаҳор нафар аз охирон: Муҳаммад (с) ва Алӣ ва Ҳасан ва Ҳусейн (а). Сипас ҳазрат дар идома фармуд: Зуввори (зиёраткунандагони) қабри аимма (имомон) бо мо хоҳанд буд, бидонед, ки бартарин дараҷаро зуввори қабри фарзандам (Ризо (а)) хоҳанд дошт.

Ва ҳазрати Ризо (а) фармуд: Ман мазлумона бо самм (заҳр) кушта мешавам ва дар канори Ҳорун дафн мешавам, Худованд турбати маро маҳали рафту омади шиъаён ва дӯстонам қарор медиҳад, ҳар ки маро дар ғурбатам зиёрат кунад, лозим аст, ки рӯзи қиёмат ба зиёрати ӯ равам.

Савганд ба он ки Муҳаммад (с) –ро ба паёмбарӣ

гиромӣ дошт ва ӯро бар ҳамаи махлуқот интихоб кард, ҳеҷ кас аз Шумо назди қабри ман намоз намегузорад, магар ин ки ҳангоми мулоқоти Худованд шоистаи омурзиш аст.

Савганд ба он ки моро баъд аз паёмбар (с) ба имомат гиромӣ дошт ва ба васият махсус гардонид, ҳамоно зоирони қабри ман, бартарин меҳмонони Худованди азза ва ҷалла дар қиёмат ҳастанд.

## Дар мартабаи имом (а)

Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Рӯзҳо ва шабҳо намегузарад магар ин ки Тус маҳалли рафту омади шиъаён ва зоирони ман хоҳад шуд, бидонед ҳар ки маро дар ғурбатам дар Тус зиёрат кунад, рӯзи қиёмат дар дараҷаи ман аст ва омурзида хоҳад буд.

Ва дар ривояти дигаре фармуд: Ҳар ки маро дар ғурбат зиёрат кунад... дар гурӯҳи мо маҳшур мешавад ва дар дараҷоти волои биҳишт рафиқи мо хоҳад буд.

## Зоири имом Ризо (а) ва имом Ҳусейн (а)

Алӣ ибни Маҳзёр гуяд: Ба имом Ҷавод (а) арз кардам: Фидоят шавам, зиёрати Ризо (а) бартар аст ё зиёрати Абиабудуллоҳил Ҳусайн (а)?

Ҳазрат фармуд: Зиёрати падарам афзал аст, зеро Абуабдуллоҳ (Ҳусейн(а)) –ро ҳама (мусалмонон) зиёрат мекунанд, вале падарамро ҷуз хавос аз шиъа зиёрат намекунанд.

Абдулазим Ҳасанӣ, ризвонуллоҳи алайҳи, мегӯяд: Ба имом Ҷавод (а) арз кардам: Миёни зиёрати қабри Абиабдуллоҳ (Ҳусейн (а)) ва зиёрати қабри падарат дар Тус мутаҳаййир шудаам, назари Шумо чист? Ҳазрат фармуд: Ҳамин ҷо бош, сипас дохил (утоқ) шуд, вақте омад дар ҳоле, ки ашкҳои ҳазрат бар гунааш сарозер буд, фармуд: Зиёраткунандагони Абуабдуллоҳ (Ҳусейн (а)) зиёданд, вале зоирони қабри падарам дар Тус андаканд.

Муаллиф гуяд: Бар асари лутфи Худованд ва инояти аҳли байт (а) имрӯз миллати бузургвор ва дӯстдори аҳли байт (а) дар Эрон ҳамчун парвона гирди шамъи фурӯзони ҳазрати Ризо (а) мечарханд ва ғайрат ва алоқаи худро ба аҳли байт (а) нишон медиҳанд ба гунае, ки имрӯз камтар боргоҳе аст, ки ба азамати боргоҳи ҳазрати Ризо (а) бирасад.

# Арзиши волои таҳаммули сахтиҳо дар роҳи зиёрат

Ҳазрати Ҷавод (а) фармуд: Ҳеҷ кас нест, ки падарамро зиёрат кунад, мутаҳаммили сахтӣ шавад мисли борон ё сармо ё гармо, магар он ки Худованд бадани ӯро бар оташ ҳаром хоҳад намуд.

Ҳазрати Ҳодӣ (а) фармуд: Аҳли Қум ва аҳли Оба омурзидаанд, зеро қабри ҷаддам Алӣ ибни Мӯсарризо (а) –ро дар Тус зиёрат мекунанд. Бидонед ҳар ки ӯро зиёрат кунад ва дар роҳи зиёрати ӯ қатраи бороне (кӯчактарин сахтӣ) ба ӯ бирасад, Худованд баданашро баро оташ ҳаром хоҳад кард. Ҳазрати Ризо (а) низ фармуд: Ҳеҷ мӯъмине нест, ки маро зиёрат кунад ва қатрае борон ба сураташ бархӯрад, магар ин ки Худованд бадани ӯро бар оташ ҳаром хоҳад намуд.[1]

1. Аҳодиси марбут ба фазилати ҳазрати Ризо (а) ҳамагӣ аз китоби шарифи «Васоилушшиъа», ҷ.10, боби 82 то боби 88 абвобул мазор нақл шудааст.

## Бархе аз калимот ва насоеҳи ҳакимонаи ҳазрати Ризо (а)

1. Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Покизагӣ аз ахлоқи паёмбарон аст.
2. Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Он гоҳ, ки Худованд бихоҳад кореро анҷом диҳад ақлҳои бандагонро аз онҳо мегирад, он гоҳ кори худро анҷом медиҳад ва иродаашро муҳаққақ месозад, сипас ақли ҳар оқилеро ба ӯ бармегардонад. Ӯ мегӯяд: Чӣ гуна буд ва чӣ тавр ин гуна шуд?
3. Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Сукут муҳаббат меоварад ва роҳнамои ҳар хайре аст.
4. Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Дӯсти ҳар инсоне ақли ӯ ва душмани ӯ нодонии ӯст.
5. Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Подоши он ки дунболи рӯзӣ аст то хонаводаи хешро нигоҳ дорад, дар ҷиҳодгар дар роҳи Худо бештар аст.

6. Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Инсони бо саховат аз ғизои дигарон мехӯрад, то онҳо низ аз ғизояш бихӯранд, вале шахси бахил аз ғизои дигарон намехӯрад, ки мабодо аз ғизояш бихӯранд.

7. Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Замоне бар мардум меояд, ки офият даҳ ҷузъ дорад ва нӯҳ ҷузъи он дар гӯшагирӣ аз мардум аст ва яке дар сукут.

8. Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Кумаки ту ба нотавон бартар аз садақа аст.

9. Ҳазрати Ризо (а) фармуд: Ҳеҷ кас ба ҳақиқати имон комилан нарасад, то он ки дар ӯ се хислат бошад, фаҳм ва шуъур дар дин, барномарезии некӯ дар зиндагӣ, истиқомат ва сабр дар мушкилот ва сахтиҳо.

10. Алӣ ибни Шуъайб гӯяд: Назди ҳазрати Ризо (а) рафтам, фармуд: Ё Алӣ зиндагонии чӣ касе беҳтар аз ҳама аст? Арз кардам: Сарварам Шумо аз ман беҳтар медонед,

фармуд: Он ки зиндагонии дигарон дар зиндагии ӯ некӯ бошад.

11. Ҳазрати Ризо (а) фармуданд: Ба роҳи қаноат касе наравад ҷуз ду нафар ё диндоре, ки дунболи подоши охират аст ё бузургворе, ки аз мардумони паст дурӣ меҷӯяд.

12. Ҳазрати Ризо (а) фармуданд: Ҳафт чиз бидуни ҳафт чиз масхара кардан аст:

1. Он ки бо забони истиғфор мекунад, вале дилаш пушаймон нест, ӯ худро масхара мекунад.

2. Ҳар ки аз Худованд дархости тавфиқ кунад, вале талош накунад, худро масхара кардааст.

3. Ҳар ки мехоҳад эҳтиёт кунад, вале парҳез накунад, худро масхара кардааст.

4. Ҳар ки аз Худованд биҳиштро дархост кунад, вале бар сахтиҳо сабр накунад, худро масхара кардааст.

5. Ҳар ки аз оташи ҷаҳаннам ба Худованд паноҳ

бибарад, вале шаҳватҳоро раҳо накунад, худро масхара кардааст.

6. Ҳар ки ёди Худо кунад, вале барои мулоқоти Худованд шитоб накунад, худро масхара кардааст.

7. Ҳар ки ёди марг кунад, вале омода нашавад, худро масхара кардааст.[1]

13. Ҳазрати Ризо (а) мефармоянд: Яъне наздиктарин ҳолати абд ба Худованди азза ва ҷалла вақте аст, ки дар суҷуд аст ва ин ҳамон аст, ки Худованд мефармояд: Саҷда кун ва наздик шав.[2]

---

1. «Биҳоруланвор», ҷ.75, саҳ.356, вале фақраи (қисмати) ҳафтуми ҳадис дар «Биҳоруланвор» нест ва аз «Маъданул ҷавоҳир»-и Figaroҷикӣ такмил шуда дар зимн тамомии аҳодиси мазкур аз «Биҳоруланвор», ҷ.75, қисмати мавоъизи ҳазрати Ризо (а) нақл гардидааст.
2. «Уюну ахборур Ризо (а)»

## Азоби занҳои бетақво ва бебанду бор дар қиёмат

14. Садуқ раҳматуллоҳи алайҳи ба санади худ аз ҳазрати Ҷавод (а) ва эшон аз падари бузургвори хеш ҳазрати Ризо (а), ки ҳазрат тавассути падарони бузургвори хеш аз амирулмӯъминин (а) нақл намуд, ки фармуд:

Ман ва Фотима (а) назди расулуллоҳ (с) рафтем, дидам ҳазрат ба шиддат мегиряд. Арз кардам: Падару модарам ба фидоят ё расулуллоҳ, чӣ чиз Шуморо гирён намудааст?

Фармуд ё Алӣ (а)! Шабе, ки маро ба осмон (меъроҷ) бурданд, заноне аз уммати худамро дидам, ки гирифтори азоби шадид буданд. Аз вазъияти онон ва азоби дарднок эшон гиристам.

Занеро дидам, ки ба мӯ овезон буд ва мағзи сари ӯ меҷӯшид.

Занеро дидам, ки бо забон овезон буд ва оби ҷӯшон дар ҳалқи ӯ рехта мешуд.

Занеро дидам, ки гушти бадани худро мехӯрад ва оташ аз зери ӯ шуълавар буд.

Занеро дидам, ки пойҳояшро ба дастҳояш баста ва морҳо ва ақрабҳо бар ӯ ҳамлавар буданд.

Занеро дидам, ки кару куру лол дар тобуте оташин қарор дошт ва мағзи сараш аз бинӣ хориҷ мешуд ва баданаш аз ҷузом ва барас тикка – тикка буд.

Занеро дидам, ки ба ду по овезон буд дар тануре аз оташ.

Ва занеро дидам, ки бо қайчиҳои оташин гушти баданашро аз қисмати ҷилав (пеш) ва ақиб қатъ мекарданд (ё худаш гушти бадани худро мечид).

Занеро дидам, ки сурат (рӯй) ва дастҳояш оташ гирифта буд ва ӯ андаруниии худро мехӯрд.

Занеро дидам, ки сари ӯ монанди сари хук буд

ва баданаш бадани улоғ (хар) ва ба ҳазор ҳазор навъ азоб дучор буд.

Занеро дидам, ки ба сурати саг буд ва оташ аз пушти ӯ дохил ва аз даҳонаш хориҷ мешуд ва малоика бо гурзҳои оташин бар сару баданаш мезаданд.

Ҳазрати Фотима (а) арз кард: Эй ҳабиби ман ва равшании чашмҳоям! Аъмоли онҳо чӣ буд, ки Худованд ин азобро бар онҳо қарор дод?

Ҳазрати расулуллоҳ (с) фармуд: Аммо он зан, ки ба мӯ овезон буд, мӯи худро аз мардон намепӯшонд.

Аммо он, ки ба забон овезон буд шавҳари худро азият мекард (азоб медод).

Аммо он, ки ба синаҳо овезон буд, аз тамкин ба шавҳар дар бистар худдорӣ мекард.

Аммо он, ки ба ду по овезон буд, бидуни иҷозаи шавҳар аз хона хориҷ мешуд.

Аммо он, ки гушти бадани худро мехӯрд бадани

худро барои мардон зиннат мекард.

Аммо он, ки ду дасташро ба пойҳояш баста ва морҳо ва ақрабҳо бар ӯ ҳамлавар буданд, зане буд, ки дуруст шустушӯ намекард, либосҳояш касиф (чиркин) ва аз ҷанобат ва ҳайз ғусл намекард ва назофат надошт ва ба намоз аҳамият намедод.

Аммо он, ки кару лол буд, зане буд, ки аз зино фарзанд меовард ва онро ба гардани шавҳар менихӯд.

Аммо он, ки гӯшти ӯро бо қайчиҳо мечиданд (ё худаш гушти худро бо қайчӣ мечид) зане буд, ки худро бар мардон арза мекард.

Аммо он, ки сурат ва баданаш оташ гирифта буд ва андарунии худро мехӯрд, зане буд, ки барои зино восита мешуд.

Аммо он, ки ба сурати саг буд ва оташ аз пушти ӯ дохил ва аз даҳонаш хориҷ мешуд, зане буд овозхон ва навҳагар ва ҳасуд.

Сипас ҳазрат фармуд: Вой ба ҳоли зане, ки

шавҳарашро хашмгин кунад ва хӯшо ба ҳоли зане, ки шавҳараш аз ӯ розӣ бошад.[1]

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.2, саҳ.9 то 11.

## Ҷазои некӣ

15. Ҳазрати Ризо (а) фармуд:

Марде аз Бани Исроил, яке аз ақвоми худро кушт ва ҷасади ӯро дар роҳи бартарин наводаи (набераи) Бани Исроил андохт ва сипас худаш хунхоҳӣ намуд.

Мардум ба Мӯсо (а) гуфтанд: Фалон хонавода, фалониро куштаанд, бигӯ қотил кист?

Мӯсо (а) фармуд: Як гов биёваред. Онҳо ҳамчунон ки Қуръон ҳикоят мекунад, гуфтанд: Оё ту моро масхара мекунӣ? Фармуд: Ба Худо паноҳ мебарам аз нодонон бошам, агар онҳо як гов, ҳар гуна, ки буд, меоварданд кофӣ буд, вале сахт гирифтанд ва Худованд низ (корро) бар онҳо сахт кард. Гуфтанд: Аз Худоят бихоҳ, ки ин гов чӣ гуна бошад? Фармуд: Худованд мефармояд: Гове бошад на кӯчак ва на бузург, балки

мутавассит. Агар он ҳар говеро меоварданд, мутавассит (миёна) буд, кофӣ буд, вале сахт гирифтанд ва Худованд низ корро бар онҳо сахт кард. Гуфтанд: Аз Худоят бихоҳ, ки ранги онро муайян кунад, фармуд: Худованд мефармояд: Гове аст зард, ки ранги он бинандаро шод мекунад, агар инҳо ҳар гови зарди мутавассите меоварданд, кофӣ буд, вале сахт гирифтанд ва Худованд бар онҳо сахт корро сахт кард ва гуфтанд: Аз Худоят бихоҳ тавзеҳ диҳад, ки ин гов чӣ гуна бошад, зеро барои мо муштабаҳ, фармуд: Худованд мефармояд: Гове аст, ки на ром аст заминро шухм занад (шудгор кунад) ва на обёрии зироат кунад.

Гуфтанд: Алъон, ҳақро овардӣ, дунболи он рафтанд ва назди ҷавоне аз Бани Исроил ёфтанд ва ӯ гуфт: Ман онро намефурӯшам ҷуз ба он, ки пӯсти онро пур аз тилло кунед, онҳо дар ин маврид аз Мӯсо (а) пурсиданд, фармуд: Ӯ ҳақ дорад ва метавонед бихаред,

аз ӯ хариданд ва говро оварданд ва ба дастури Мӯсо забҳ карданд. Сипас дастур дод думи онро ба он мурда заданд ва ӯ зинда шуд ва гуфт: Эй паёмбари Худо, писари амуям маро кушта, на он ки муттаҳам аст.

Ҳазрати Мӯсо (а) ба бархе аз ёронаш фармуд: Он гов ҷараёне дорад. Пурсиданд: Чист? Фармуд: Ҷавоне аз Бани Исроил нисбат ба падараш меҳрубон буд, гове қабеҳ харид ва назди падар омад, дид, ки калидҳо зери сари падар аст, дӯст надошт падарро бедор кунад, бинобар аз он муомила сарфи назар кард. Вақте падар аз хоб бархост ва хабардор шуд ба ӯ гуфт: Аҳсант, гови модаеро ба ӯ дод ва гуфт: Ин ба ҷои он, ки аз дасти ту рафт. Ҳазрати Мӯсо (а) фармуд: Бубинед, ки некӣ аҳли худро ба куҷо мерасонад.[1] (Зеро ҳамин гов буд, ки бо қимати газоф фурӯхта шуд ва дар ҳақиқат хайри дунё ва охиратро бо некӣ ба падар ба даст овард ва ту гӯйӣ

1. «Уюну ахборур Ризо (а)», ҷ.2, саҳ.13.

қазои илоҳӣ низ бо баҳонагирии мардум бар ин шуд, ки ин ҷавон некӯкор ба ҷазои худ дар дунё бирасад).